حرمين

رئاسة الشؤون الدينية
بالمسجد الحرام والمسجد النبوي

точикӣ | طاجيكي | حِصْنُ الْمُسْلِمِ مِنْ أَذْكَارِ الكِتَابِ وَالسُّنَّةِ

# Сипари мусалмон аз зикрҳои Китобу Суннат

Бандаи ниёзманди Аллоҳ Таъоло
Доктор Саъид ибни Алӣ ибни Ваҳфи Қаҳтонӣ

حِصْنُ المُسْلِمِ
مِنْ أَذْكَارِ الكِتَابِ وَالسُّنَّةِ

# Сипари мусалмон аз зикрҳои Китобу Суннат

د. سَعِيدُ بْنُ عَلِيِّ بْنِ وَهْفٍ الْقَحْطَانِيُّ

Бандаи ниёзманди Аллоҳ Таъоло
Доктор Саъид ибни Алӣ ибни Ваҳфи Қаҳтонӣ

بِسْمِ اللهِ الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ

# Сипари мусалмон аз зикрҳои Китобу Суннат

## Ба номи Худованди Бахшандаи Меҳрубон

## Муқаддима

Ҳамоно ситоиш аз они Аллоҳ аст, Ӯро ҳамду сано мегӯем, аз Ӯ ёрӣ металабем ва аз Ӯ омурзиш мехоҳем. Ва аз шарри нафсҳои худ ва бадии аъмоли худ ба Аллоҳ паноҳ мебарем. Ҳар киро Аллоҳ ҳидоят кунад, гумроҳкунандае барои ӯ нест ва ҳар киро гумроҳ созад, ҳидояткунандае барои ӯ нест. Ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, ягона аст ва шарике надорад. Ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст. Дуруду саломи фаровони Аллоҳ бар ӯ ва бар олу асҳобаш ва бар касоне, ки то рӯзи қиёмат ба некӣ аз онҳо пайравӣ намуданд, бод. Аммо баъд:

Ин навиштаи кӯтоҳест, ки онро аз китобам: "Зикр, дуо ва табобат бо руқя аз Китобу Суннат"[1] ихтисор намудаам. Дар он қисми азкорро мухтасар кардам, то ҳамроҳ гирифтани он дар

[1] Ва асли мазкур, алҳамдулиллоҳ, бо тахриҷи муфассали ҳадисҳои он дар чаҳор ҷилд ба чоп расидааст. "Ҳиснул-муслим", (Сипари мусалмон) дар ҷилди аввал ва дувуми онҳо мебошад.

сафарҳо сабук бошад.

Ва ман танҳо ба матни зикр иктифо намудам ва дар тахриҷи он ба зикри як ё ду сарчашма аз он чи дар асл вуҷуд дорад, қаноат кардам ва ҳар касе, ки донистани номи саҳоба ё маълумоти бештарро дар тахриҷ бихоҳад, пас бояд ба китоби асл муроҷиат намояд. Ва аз Худованди Азза ва Ҷалла ба номҳои некӯ ва сифатҳои волояш мехоҳам, ки онро холисона барои ризои Хеш бигардонад ва маро дар зиндагӣ ва пас аз маргам аз он баҳраманд гардонад ва ҳар касеро, ки онро мехонад, ё ба чоп мерасонад ва ё сабаби нашри он мегардад, аз он баҳраманд созад. Ҳамоно Ӯ субҳонаҳу соҳиби ин кор ва Тавоно бар он аст. Ва саллаллоҳу ва саллама ъало набийино Муҳаммад ва ъало олиҳи ва асҳобиҳи ва ман табиъаҳум бииҳсонин ило явмид-дин.

Муаллиф

Дар моҳи сафари 1409 ҳиҷрӣ ба риштаи таҳрир даромадаст.

***

## Фазилати зикр

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿فَٱذۡكُرُونِيٓ أَذۡكُرۡكُمۡ وَٱشۡكُرُواْ لِي وَلَا تَكۡفُرُونِ ١٥٢﴾

(Пас, Маро ёд кунед, то шуморо ёд кунам ва Маро сипос гӯед ва ба Ман носипосӣ накунед).[1]

﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱذۡكُرُواْ ٱللَّهَ ذِكۡرٗا كَثِيرٗا ٤١﴾

(Эй касоне, ки имон овардаед, Аллоҳро бисёр ёд кунед).[2]

﴿...وَالذَّاكِرِينَ اللَّهَ كَثِيرًا وَالذَّاكِرَاتِ أَعَدَّ اللَّهُ لَهُم مَّغْفِرَةً وَأَجْرًا عَظِيمًا﴾

(...ва мардон ва заноне, ки Аллоҳро бисёр ёд мекунанд, барои [ҳамаи] онон омурзиш ва подоши бузург фароҳам намудааст).[3]

﴿وَٱذۡكُر رَّبَّكَ فِي نَفۡسِكَ تَضَرُّعٗا وَخِيفَةٗ وَدُونَ ٱلۡجَهۡرِ مِنَ ٱلۡقَوۡلِ بِٱلۡغُدُوِّ وَٱلۡأٓصَالِ وَلَا تَكُن مِّنَ ٱلۡغَٰفِلِينَ ٢٠٥﴾

(Ва Парвардигоратро дар дили хеш бо тазарруъ ва тарс, бидуни овози баландгуфтор [дар] бомдодон ва шомгоҳон ёд кун ва [аз ёди Аллоҳ Таъоло] ғофил мабош).[4]

Ва Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

---

[1] Сураи Бақара, ояти 152.
[2] Сураи Аҳзоб, ояти 41.
[3] Сураи Аҳзоб, ояти 35.
[4] Сураи Аъроф, ояти 205.

«مَثَلُ الَّذِي يَذْكُرُ رَبَّهُ، وَالَّذِي لَا يَذْكُرُ رَبَّهُ، مَثَلُ الحَيِّ وَالمَيِّتِ».

"Мисоли касе, ки Парвардигорашро ёд мекунад ва касе, ки Парвардигорашро ёд намекунад, мисоли зинда ва мурда аст"[1].

Ва Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«أَلَا أُنبِّئُكُم بِخَيْرِ أَعْمَالِكُمْ، وَأَزْكَاهَا عِنْدَ مَلِيكِكُمْ، وَأَرْفَعِهَا فِي دَرَجَاتِكُمْ، وَخَيْرٍ لَكُمْ مِنْ إِنْفَاقِ الذَّهَبِ وَالوَرِقِ، وَخَيْرٍ لَكُمْ مِنْ أَنْ تَلْقَوْا عَدُوَّكُمْ فَتَضْرِبُوا أَعْنَاقَهُمْ وَيَضْرِبُوا أَعْنَاقَكُم؟» قَالُوا بَلَى. «ذِكْرُ اللَّهِ تَعَالَى».

"Оё шуморо аз беҳтарин амалҳоятон, поктарин дар назди подшоҳи шумо (Парвардигори Мутаъол), таъсирноктарин амалатон дар боло бурдани мартабаатон, огоҳ насозам, ки аз инфоқи тилло ва нуқра барои шумо беҳтар ва аз рӯ ба рӯ шудани шумо бо душманатон, ки гардани онҳоро бизанед ва онҳо гардани шуморо бизананд, беҳтар аст?» Гуфтанд: Бале. «Зикри Аллоҳ Таъоло»[2]."

Паёмбар (саллалоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

---

[1] Бухорӣ бо Фатҳ (11/208) таҳти рақами (6407) ва Муслим (1/539) таҳти рақами (779) бо лафзи: "Мисоли хонае, ки дар он Худованд ёд карда мешавад ва хонае, ки дар он Худованд ёд карда намешавад, мисоли зинда ва мурда аст."

[2] Тирмизӣ (5/459), рақами (3377) ва Ибни Моҷаҳ (2/124), рақами (3790) ва нигаред: Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (2/316) ва Саҳеҳи Тирмизӣ (3/139).

«يَقُولُ اللَّهُ تَعَالَى: أَنَا عِنْدَ ظَنِّ عَبْدِي بِي، وَأَنَا مَعَهُ إِذَا ذَكَرَنِي، فَإِنْ ذَكَرَنِي فِي نَفْسِهِ، ذَكَرْتُهُ فِي نَفْسِي، وَإِنْ ذَكَرَنِي فِي مَلَإٍ، ذَكَرْتُهُ فِي مَلَإٍ خَيْرٍ مِنْهُمْ، وَإِنْ تَقَرَّبَ إِلَيَّ شِبْرًا، تَقَرَّبْتُ إِلَيْهِ ذِرَاعًا، وَإِنْ تَقَرَّبَ إِلَيَّ ذِرَاعًا، تَقَرَّبْتُ إِلَيْهِ بَاعًا، وَإِنْ أَتَانِي يَمْشِي أَتَيْتُهُ هَرْوَلَةً».

"Аллоҳ Таъоло мефармояд: Ман дар назди гумони бандаам ба хеш мебошам ва Ман бо вай ҳастам, чун Маро ёд кунад. Агар Маро дар пинҳонӣ ёд кунад, ӯро дар пинҳонӣ ёд кунам ва агар Маро дар миёни ҷамъе ёд кунад, ӯро дар миёни гурӯҳе ёд кунам, ки аз он гурӯҳ беҳтар аст. Ва агар ба андозаи ваҷаб ба Ман наздик шавад, Ман ба ӯ ба андозаи як даст наздик мешавам. Ва агар ба андозаи як зироъ наздик шавад, Ман ба андозаи ду дасти боз ба ӯ наздик мешавам. Ва агар ӯ ба сӯи Ман қадамзанон биёяд, Ман ба сӯи ӯ бо шитоб меоям".[1]

Ва аз Абдуллоҳ ибни Буср (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки марде гуфт: "Эй Расули Худо, аҳкоми ислом бар ман зиёд шудааст, чизе ба ман бигӯ, ки ба он чанг бизанам". Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд:

«لَا يَزَالُ لِسَانُكَ رَطْبًا مِنْ ذِكْرِ اللَّهِ».

"Забонатро ҳамеша бо зикри Аллоҳ тар

[1] Ривояти Бухорӣ (8/171), рақами (7405), Муслим (4/2061), рақами (2675) ва лафзаш аз Бухорист.

нигаҳдор".[1]

Паёмбар (саллалоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«مَنْ قَرَأَ حَرْفًا مِنْ كِتَابِ اللَّهِ فَلَهُ بِهِ حَسَنَةٌ، وَالحَسَنَةُ بِعَشْرِ أَمْثَالِهَا، لَا أَقُولُ: ﴿الٓمٓ﴾ حَرْفٌ، وَلَكِنْ: أَلِفٌ حَرْفٌ، وَلَامٌ حَرْفٌ، وَمِيمٌ حَرْفٌ».

«Ҳар ки як ҳарф аз Қуръон бихонад, барояш як ҳасана аст ва ҳар ҳасана даҳ баробари он аст, ман намегӯям: "Алиф, лом, мим" як ҳарф аст, балки: "алиф" як ҳарф, "лом" як ҳарф ва "мим" як ҳарф аст».[2]

Ва аз Уқба ибни Омир (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Расули Аллоҳ (саллалоҳу алайҳи ва саллам) берун омаданд ва мо дар Суффа будем, ки фармуданд:

«أَيُّكُمْ يُحِبُّ أَنْ يَغْدُوَ كُلَّ يَوْمٍ إِلَى بُطْحَانَ، أَوْ إِلَى العَقِيقِ، فَيَأْتِيَ مِنْهُ بِنَاقَتَيْنِ كَوْمَاوَيْنِ فِي غَيْرِ إِثْمٍ وَلَا قَطِيعَةِ رَحِمٍ؟»

"Кадоме аз шумо дӯст медорад, ки ҳар рӯз субҳгоҳон ба Бутҳон ё ба Ақиқ биравад ва аз он ҷо ду шутури модаи бузургкӯҳон биёварад, бидуни ҳеҷ гуноҳе ва қатъи пайванди хешовандӣ?" Пас гуфтем: Эй Расули Аллоҳ, мо

---

[1] Тирмизӣ (5/458), рақами (3375) ва Ибни Моҷаҳ (2/1246), рақами (3793), Албонӣ онро дар Саҳеҳи Тирмизӣ (3/139) ва Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (2/317) саҳеҳ гуфтааст.

[2] Тирмизӣ (5/75), рақами (2910), Албонӣ дар "Саҳеҳи Тирмизӣ" (3/9) ва "Саҳеҳи ҷомеъи сағир" (5/340) саҳеҳаш гуфтааст.

инро дӯст медорем. Фармуданд:

«أَفَلَا يَغْدُو أَحَدُكُمْ إِلَى المَسْجِدِ فَيَعْلَمَ، أَوْ يَقْرَأَ آيَتَيْنِ مِنْ كِتَابِ اللَّهِ عز وجل خَيْرٌ لَهُ مِنْ نَاقَتَيْنِ، وَثَلَاثٌ خَيْرٌ لَهُ مِنْ ثَلَاثٍ، وَأَرْبَعٌ خَيْرٌ لَهُ مِنْ أَرْبَعٍ، وَمِنْ أَعْدَادِهِنَّ مِنَ الإِبِلِ».

"Оё яке аз шумо ба масҷид намеравад, то ду оят аз китоби Аллоҳ (Азза ва Ҷалла) биёмӯзад ё бихонад, ки барояш беҳтар аз ду шутур аст ва сето барояш беҳтар аз сето ва чаҳорто барояш беҳтар аз чаҳорто ва ба теъдоди онҳо аз шутурон аст?"[1]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«مَنْ قَعَدَ مَقْعَدًا لَمْ يَذْكُرِ اللَّهَ فِيهِ، كَانَتْ عَلَيْهِ مِنَ اللَّهِ تِرَةٌ، وَمَنِ اضْطَجَعَ مَضْجِعًا لَمْ يَذْكُرِ اللَّهَ فِيهِ كَانَتْ عَلَيْهِ مِنَ اللَّهِ تِرَةٌ».

"Шахсе дар ҷое биншинад, ки дар он Худоро ёд накарда бошад, аз ҷониби Худо бар вай нуқсе аст ва касе, ки дар ҷое бихобад ва Худоро дар он ёд накарда бошад, аз ҷониби Худо бар вай нуқсе аст."[2]

Паёмбар (саллалоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

---

1 Муслим (1/553), рақами (803).

2 Ривояти Абудовуд (4/264), рақами (4856), ва ғайра, ва нигаред: Саҳеҳ-ул-ҷомеъ (5/342).

«مَا جَلَسَ قَوْمٌ مَجْلِسًا لَمْ يَذْكُرُوا اللَّهَ فِيهِ، وَلَمْ يُصَلُّوا عَلَى نَبِيِّهِمْ إِلَّا كَانَ عَلَيْهِمْ تِرَةً، فَإِنْ شَاءَ عذَّبَهُمْ، وَإِنْ شَاءَ غَفَرَ لَهُمْ».

«Ҳеҷ гурӯҳе дар маҷлисе нанишастанд, ки дар он Худоро ёд накарда бошанд ва бар Паёмбарашон дуруд нафиристода бошанд, магар ин ки он маҷлис мояи ҳасрат ва пушаймониашон хоҳад буд, Пас, агар Худованд бихоҳад, онҳоро азоб медиҳад ва агар бихоҳад, онҳоро мебахшад.»[1]

Паёмбар (саллалоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«مَا مِنْ قَوْمٍ يَقُومُونَ مِنْ مَجْلِسٍ لَا يَذْكُرُونَ اللَّهَ فِيهِ إِلَّا قَامُوا عَنْ مِثْلِ جِيفَةِ حِمَارٍ، وَكَانَ لهُمْ حَسْرةً».

"Ҳар гурӯҳе аз маҷлисе бархезанд ва дар он маҷлис Худовандро зикр накарда бошанд, гӯё аз лошаи хари мурдае бархостаанд ва он маҷлис барои онҳо сабаби ҳасрат (пушаймонӣ) хоҳад шуд."[2]

## 1. Зикрҳои бедор шудан аз хоб

«الحَمْدُ للهِ الَّذِي أَحْيَانَا بَعْدَ مَا أَمَاتَنَا، وَإِلَيْهِ النُّشُورُ».

" Ситоиш аз они Худоест, ки зинда гардонид

[1] Тирмизӣ (5/461), рақами (3380), ва нигар: Саҳеҳи Тирмизӣ (3/ 140).

[2] Абудовуд (4/264), рақами (4855), Аҳмад (2/389), рақами (10680) ва ниг: Саҳеҳул-ҷомеъ (5/176).

моро баъди ин ки миронид моро ва ба суи Ӯст зинда шудан".[1]

«لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ الْمُلْكُ وَلَهُ الْحَمْدُ، وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ، سُبْحَانَ اللَّهِ، وَالْحَمْدُ لِلَّهِ، وَلَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَاللَّهُ أَكْبَرُ، وَلَا حَوْلَ وَلَا قُوَّةَ إِلَّا بِاللَّهِ الْعَلِيِّ الْعَظِيمِ، رَبِّ اغْفِرْ لِي».

"Ҳеҷ маъбуди (ростине) ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад, ягона ҳаст, ва шарике надорад. Подшоҳӣ аз они Ӯст, ва ҳамду ситоиш аз они Ӯст ва Ӯ ба анҷоми ҳар коре қодиру тавоност. Муназзаҳу пок аст ва ҳамду ситоиш барои Ӯст, ва ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад, ва Аллоҳ бузург аст, ва ҳеҷ ҳаракату нерӯе нест, магар ба (тавфиқи) Аллоҳи баландмартаба ва бузург, Парвардигоро! манро биёмурз".[2]

«الْحَمْدُ لِلَّهِ الَّذِي عَافَانِي فِي جَسَدِي، وَرَدَّ عَلَيَّ رُوحِي، وَأَذِنَ لِي بِذِكْرِهِ».

"Ситоиш аз они Худоест, ки ҷисмамро сиҳат бахшид ва ба ман рӯҳамро бозгардонд ва ба ман иҷозаи зикрашро дод".[3]

---

1 Бухорӣ бо Фатҳ (11/113), рақами (6314), Муслим (4/2083), рақами (2711).

2 «Ҳар ки инро бигӯяд, омурзида мешавад, пас агар дуо кунад, дуояш мустаҷоб мегардад ва агар бархоста таҳорат кунад, сипас намоз бихонад, намозаш қабул мешавад». Бухорӣ бо «Фатҳ» (3/39) таҳти рақами (1154) ва ғайра, ва ин лафзи Ибни Моҷаҳ аст, нигаред ба: «Саҳеҳ»-и Ибни Моҷаҳ (2/335).

3 Тирмизӣ (5/473), рақами (3401), ва нигаред: Саҳеҳи Тирмизӣ (3/144).

﴿إِنَّ فِى خَلۡقِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ وَٱخۡتِلَٰفِ ٱلَّيۡلِ وَٱلنَّهَارِ لَأٓيَٰتٖ لِّأُوْلِى ٱلۡأَلۡبَٰبِ
١٩٠ ٱلَّذِينَ يَذۡكُرُونَ ٱللَّهَ قِيَٰمٗا وَقُعُودٗا وَعَلَىٰ جُنُوبِهِمۡ وَيَتَفَكَّرُونَ فِى خَلۡقِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ
وَٱلۡأَرۡضِ رَبَّنَا مَا خَلَقۡتَ هَٰذَا بَٰطِلٗا سُبۡحَٰنَكَ فَقِنَا عَذَابَ ٱلنَّارِ ١٩١ رَبَّنَآ إِنَّكَ مَن
تُدۡخِلِ ٱلنَّارَ فَقَدۡ أَخۡزَيۡتَهُۥۖ وَمَا لِلظَّٰلِمِينَ مِنۡ أَنصَارٖ ١٩٢ رَّبَّنَآ إِنَّنَا سَمِعۡنَا مُنَادِيٗا يُنَادِى
لِلۡإِيمَٰنِ أَنۡ ءَامِنُواْ بِرَبِّكُمۡ فَـَٔامَنَّاۚ رَبَّنَا فَٱغۡفِرۡ لَنَا ذُنُوبَنَا وَكَفِّرۡ عَنَّا سَيِّـَٔاتِنَا وَتَوَفَّنَا
مَعَ ٱلۡأَبۡرَارِ ١٩٣ رَبَّنَا وَءَاتِنَا مَا وَعَدتَّنَا عَلَىٰ رُسُلِكَ وَلَا تُخۡزِنَا يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِۖ إِنَّكَ لَا
تُخۡلِفُ ٱلۡمِيعَادَ ١٩٤ فَٱسۡتَجَابَ لَهُمۡ رَبُّهُمۡ أَنِّى لَآ أُضِيعُ عَمَلَ عَٰمِلٖ مِّنكُم مِّن ذَكَرٍ أَوۡ
أُنثَىٰۖ بَعۡضُكُم مِّنۢ بَعۡضٖۖ فَٱلَّذِينَ هَاجَرُواْ وَأُخۡرِجُواْ مِن دِيَٰرِهِمۡ وَأُوذُواْ فِى سَبِيلِى
وَقَٰتَلُواْ وَقُتِلُواْ لَأُكَفِّرَنَّ عَنۡهُمۡ سَيِّـَٔاتِهِمۡ وَلَأُدۡخِلَنَّهُمۡ جَنَّٰتٖ تَجۡرِى مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ
ثَوَابٗا مِّنۡ عِندِ ٱللَّهِۚ وَٱللَّهُ عِندَهُۥ حُسۡنُ ٱلثَّوَابِ ١٩٥ لَا يَغُرَّنَّكَ تَقَلُّبُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ فِى
ٱلۡبِلَٰدِ ١٩٦ مَتَٰعٞ قَلِيلٞ ثُمَّ مَأۡوَىٰهُمۡ جَهَنَّمُۖ وَبِئۡسَ ٱلۡمِهَادُ ١٩٧ لَٰكِنِ ٱلَّذِينَ ٱتَّقَوۡاْ رَبَّهُمۡ
لَهُمۡ جَنَّٰتٞ تَجۡرِى مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَا نُزُلٗا مِّنۡ عِندِ ٱللَّهِۗ وَمَا عِندَ ٱللَّهِ
خَيۡرٞ لِّلۡأَبۡرَارِ ١٩٨ وَإِنَّ مِنۡ أَهۡلِ ٱلۡكِتَٰبِ لَمَن يُؤۡمِنُ بِٱللَّهِ وَمَآ أُنزِلَ إِلَيۡكُمۡ وَمَآ أُنزِلَ
إِلَيۡهِمۡ خَٰشِعِينَ لِلَّهِ لَا يَشۡتَرُونَ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ ثَمَنٗا قَلِيلًاۚ أُوْلَٰٓئِكَ لَهُمۡ أَجۡرُهُمۡ عِندَ رَبِّهِمۡۗ
إِنَّ ٱللَّهَ سَرِيعُ ٱلۡحِسَابِ ١٩٩ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱصۡبِرُواْ وَصَابِرُواْ وَرَابِطُواْ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ
لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ٢٠٠﴾

(Ба ростӣ, дар офариниши осмонҳо ва замин ва омадушуди шабу рӯз нишонаҳо [и ошкор]-е барои хирадмандон аст. 190

[Ҳамон] Касоне, ки Аллоҳро [дар ҳамаи аҳвол] истода ва нишаста ва бар паҳлу орамида,

ёд мекунанд ва дар офариниши осмонҳо ва замин меандешанд [ва мегӯянд]: "Парвардигоро, инҳоро беҳуда наофаридаӣ; муназзаҳӣ Ту. Пас, моро аз азоби оташ [-и дузах] нигаҳ дор. 191

Парвардигоро, касеро, ки Ту ба оташ [-и дузах] даровварӣ, яқинан, хору расвояш кардаӣ ва ситамгорон [ҳеҷ] ёваре надоранд. 192

Парвардигоро, мо шунидем, даъватгаре ба имон фаро мехонад, ки: "Ба Парвардигори худ имон оваред". Пас, мо имон овардем. Парвардигоро, пас, гуноҳонамонро бибахш ва бадиҳоямонро бипӯшон ва моро дар зумраи некон бимирон. 193

Парвардигоро, он чиро, ки ба василаи фиристодагонат ба мо ваъда додаӣ, ба мо ато кун ва дар рӯзи қиёмат расвоямон магардон. Бе тардид, Ту хилофи ваъда намекунӣ. 194

Пас, Парвардигорашон дуои ононро иҷобат кард [ва фармуд]: "Ман [подоши] амали ҳеҷ соҳибамале аз шуморо – аз мард ё зан – ки ҳамнавъи якдигаред, табоҳ намекунам; пас, касоне, ки [аз ватани худ] ҳиҷрат кардаанд ва [ё] аз хонаҳои худ ронда шудаанд ва дар роҳи ман озор дидаанд ва ҷангидаанд ва кушта шудаанд, ҳатман, бадиҳояшонро аз онон мезудоям ва [ба унвони] подоше аз ҷониби

Аллоҳ Таъоло эшонро дар боғҳое дармеоварам, ки аз зери [дарахтони] он ҷӯйборҳо ҷорист ва Аллоҳ Таъоло аст, ки подоши наку назди Ӯст. 195

[Эй паёмбар] Рафтуомади кофирон [барои тиҷорат] дар шаҳрҳо [ва молу мақоми онон] туро нафиребад. 196

[Ин] Баҳрамандии ночизест; сипас ҷойгоҳашон дузах аст ва чи бад ҷойгоҳе аст! 197

Аммо касоне, ки тақвои Парвардигорашонро намудаанд, [дар биҳишт] боғҳое доранд, ки аз зери [дарахтони] он ҷӯйборҳо ҷорист [ва] ҷовидона дар он мемонанд. [Ин] Пазирой аз ҷониби Аллоҳ Таъоло [муҳайё шуда] аст ва он чи назди Аллоҳ Таъоло аст, барои накукорон беҳтар аст. 198

Ва касоне аз аҳли китоб ҳастанд, ки ба Аллоҳ Таъоло ва он чи бар шумо нозил шуда ва он чи бар худашон нозил шудааст, имон доранд; дар баробари Аллоҳ Таъоло фурӯтан ҳастанд ва оёти Аллоҳро ба баҳои ночизе намефурушанд. Инонанд, ки подошашон назди Парвардигорашон [маҳфуз] аст. Ба ростӣ, ки Аллоҳ Таъоло дар ҳисобрасӣ сареъ аст. 199

Эй касоне, ки имон овардаед, [бар таколифи динӣ ва ранҷҳои дунявӣ] шикебоӣ варзед ва [дар баробари душманон] пойдор бошед ва

парҳезгорӣ пеша кунед; бошад, ки растагор шавед. 200)

(Сураи Оли Имрон, оятҳои 190-200)[1].

## 2. Дуои пӯшидани либос

«الحَمْدُ للَّهِ الَّذِي كَسَانِي هَذَا (الثَّوْبَ) وَرَزَقَنِيهِ مِنْ غَيْرِ حَوْلٍ مِنِّي وَلَا قُوَّةٍ...».

"Ситоиш аз ониХудоест, ки ин либосро ба ман пушонид ва онро рӯзӣям гардонид, бидуни тавоноӣ ва қудрати ман ...".[2].

## 3. Дуои пӯшидани либоси нав

«اللَّهُمَّ لَكَ الحَمْدُ أَنْتَ كَسَوْتَنِيهِ، أَسْأَلُكَ مِنْ خَيْرِهِ وَخَيْرِ مَا صُنِعَ لَهُ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّهِ وَشَرِّ مَا صُنِعَ لَهُ».

"Худоё, ситоиш аз они Ту аст, Ту онро пӯшонидаи маро, Аз Ту мехоҳам аз хайру некии он ва хайри он чи либос барои он сохташуда ва паноҳ мебарам ба Ту аз шарри он  ва шарри он чи ин либос барои он сохта шудааст".[3]

[1] Бухорӣ бо Фатҳ (8/337), рақами (4569), Муслим (1/530), рақами (256).
[2] Ривояти аҳли Сунан ба ҷуз Насоӣ: Абудовуд, рақами (4023), Тирмизӣ, рақами (3458), Ибни Моҷаҳ, рақами (3285), Албонӣ дар Ирво-ул-ғалил (7/47) ҳасанаш гуфтааст.
[3] Абудовуд, рақами (4020), ва Тирмизӣ, рақами (1767), ва Бағавӣ (12/40), ва ниг: Мухтасари шамоили Тирмизӣ-и Албонӣ (саҳ. 47).

## 4. Дуо барои касе, ки либоси нав пӯшидааст

«تُبْلِي وَيُخْلِفُ اللَّهُ تَعَالَى».

"Куҳнааш мекунӣ ва Аллоҳ Таъоло либоси дигареро ҷойгузинаш мекунад."[1]

«اِلبَسْ جَدِيدًا، وَعِشْ حَمِيدًا، وَمُتْ شَهِيدًا».

"Либоси нав бипӯш, писандида зиндагӣ кун ва шаҳид бимир."[2]

## 5. Ҳангоми либос кашидан чӣ мегӯяд?

«بِسْمِ اللَّهِ».

"Бисмиллоҳ"[3]

## 6. Дуои даромадан ба ҳоҷатхона

«[بِسْمِ اللَّهِ] اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنَ الْخُبْثِ وَالْخَبَائِثِ».

"[Ба номи Худо] Худоё ман паноҳ мебарам ба Ту аз палидӣ ва нопокиҳо, (ё шайтонҳои нар ва мода)".[4]

---

[1] Ривояти Абудовуд (4/41), рақами (4020) ва нигаред: Саҳеҳи Абудовуд (2/760).

[2] Ибни Моҷаҳ (2/1178), рақами (3558), ва Бағавӣ (12/41), ва ниг: Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (2/275).

[3] Тирмизӣ (2/505), рақами (606), ва ғайра, ва нигаред: Ирво-ул-ғалил, рақами (50), ва Саҳеҳул-ҷомеъ (3/203).

[4] Ривояти Бухорӣ (1/ 45), рақами (142), Муслим (1/ 283), рақами (375), ва зиёдаи «Бисмиллоҳ» дар аввали он ривояти Саъид ибни Мансур аст. Нигаред ба Фатҳул-борӣ (1/ 244).

## 7. Дуои баромадан аз ҳоҷатхона

«غُفْرَانَكَ».

"Худоё! маро биёмурз".[1]

## 8. Зикри пеш аз вузӯ

«بِسْمِ اللَّهِ».

"Бисмиллоҳ".[2]

## 9. Зикри баъд аз вузӯ

«أَشْهَدُ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ وَأَشْهَدُ أَنَّ مُحَمَّدًا عَبْدُهُ وَرَسُولُهُ..».

"Гувоҳӣ медиҳам ба ин ки нест маъбуди бар ҳақ, магар Аллоҳ, ягона аст, нест шарику ҳамтое барои Ӯ ва гувоҳи медиҳам, ки Муҳаммад банда ва паёмбари Аллоҳ аст".[3]

«اللَّهُمَّ اجْعَلْنِي مِنَ التَّوَّابِينَ وَاجْعَلْنِي مِنَ الْمُتَطَهِّرِينَ».

«Парвардигоро, маро аз ҷумлаи тавбакунандагон ва аз ҷумлаи покизагон бигардон.»[4]

---

1 Ривояти асҳоби Сунан, ба ғайр аз Насоӣ, ки онро дар "Амалул-явми вал-лайла" ривоят кардааст, рақами (79), Абудовуд, рақами (30), Тирмизӣ, рақами (7), Ибни Моҷаҳ, рақами (300) ва Албонӣ онро дар "Саҳеҳи Сунани Абудовуд" (1/19) саҳеҳ донистааст.

2 Абудовуд, рақами (101), ва Ибни Моҷаҳ, рақами (397), ва Аҳмад, рақами (9418), ва нигаред ба Ирво-ул-ғалил (1/122).

3 Муслим (1/209), рақами (234).

4 Тирмизӣ (1/78), рақами (55), ва нигар: Саҳеҳи Тирмизӣ (1/18).

«سُبْحانَكَ اللَّهُمَّ وَبِحَمْدِكَ، أَشْهَدُ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ، أَسْتَغْفِرُكَ وَأَتوبُ إِلَيْكَ».

"Худоё, Туро ба покӣ ёд мекунам ва ситоишат мекунам, Шаҳодат медиҳам ба ин ки нест маъбуди бар ҳақ, магар Ту, аз Ту омурзиш мехоҳам ва ба суи ту тавба мекунам".[1]

## 10. Зикри ҳангоми баромадан аз хона

«بِسْمِ اللَّهِ، تَوَكَّلْتُ عَلَى اللَّهِ، وَلَا حَوْلَ وَلَا قُوَّةَ إِلَّا بِاللَّهِ».

"Ба номи Аллоҳ, бар Аллоҳ таваккал кардам ва нест тавоноӣ (барои дурӣ аз гуноҳ) ва нест қудрате (барои пойдорӣ дар тоъати Худо) магар бо кумаки Аллоҳ".[2]

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ أَنْ أَضِلَّ، أَوْ أُضَلَّ، أَوْ أَزِلَّ، أَوْ أُزَلَّ، أَوْ أَظْلِمَ، أَوْ أُظْلَمَ، أَوْ أَجْهَلَ، أَوْ يُجْهَلَ عَلَيَّ».

"Худоё, паноҳ мебарам ба Ту аз ин ки гумроҳ шавам, ё гумроҳ карда шавам, ё билағжам, ё лағжонида шавам, ё зулм кунам, ё ба ман зулм шавад, ё азият кунам, ё азият карда шавам".[3]

---

[1] Насоӣ дар «Амалул-явми вал-лайла» (саҳ. 173), ва нигаред: «Ирво-ул-ғалил» (1/135) ва (3/94).

[2] Абудовуд (4/325), рақами (5095), ва Тирмизӣ (5/490), рақами (3426), ва нигаред: Саҳеҳи Тирмизӣ (3/151).

[3] Аҳли Сунан: Абудовуд, рақами (5094), Тирмизӣ, рақами (3427), Насоӣ, рақами (5501) ва Ибни Моҷаҳ, рақами (3884), ва нигар: Саҳеҳи Тирмизӣ (3/152) ва Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (2/336).

## 11. Зикри ворид шудан ба хона

«بِسْمِ اللَّهِ وَلَجْنَا، وَبِسْمِ اللَّهِ خَرَجْنَا، وَعَلَى اللَّهِ رَبِّنَا تَوَكَّلْنَا، ثُمَّ لِيُسَلِّمْ عَلَى أَهْلِهِ».

"Ба номи Худо даромадем ва ба номи Худо хориҷ шудем ва ба Парвардигорамон таваккал кардем".[1]

## 12. Дуои рафтан ба масҷид

«اللَّهُمَّ اجْعَلْ فِي قَلْبِي نُورًا، وَفِي لِسَانِي نُورًا، وَفِي سَمْعِي نُورًا، وَفِي بَصَرِي نُورًا، وَمِنْ فَوْقِي نُورًا، وَمِنْ تَحْتِي نُورًا، وَعَنْ يَمِينِي نُورًا، وَعَنْ شِمَالِي نُورًا، وَمِنْ أَمَامِي نُورًا، وَمِنْ خَلْفِي نُورًا، وَاجْعَلْ فِي نَفْسِي نُورًا، وَأَعْظِمْ لِي نُورًا، وَعَظِّمْ لِي نُورًا، وَاجْعَلْ لِي نُورًا، وَاجْعَلْنِي نُورًا، اللَّهُمَّ أَعْطِنِي نُورًا، وَاجْعَلْ فِي عَصَبِي نُورًا، وَفِي لَحْمِي نُورًا، وَفِي دَمِي نُورًا، وَفِي شَعْرِي نُورًا، وَفِي بَشَرِي نُورًا».

"Парвардигоро! Дар қалбам нуре қарор деҳ ва дар забонам нуре ва дар гӯшам нуре ва дар чашмам нуре ва аз болоям нуре ва аз поёнам нуре ва аз тарафи ростам нуре ва аз тарафи чапам нуре ва аз пешам нуре ва аз пуштам нуре ва дар нафсам нуре қарор деҳ ва нурамро бузург гардон ва нурамро азим гардон ва бароям нуре қарор деҳ ва маро нур бигардон. Парвардигоро! Ба ман нуре ато фармо ва дар асабам нуре ва дар

[1] Абудовуд (4/325) бо рақами (5096) ривоят кардааст ва аллома Ибни Боз дар «Туҳфат-ул-ахёр» (саҳ. 28) санади онро ҳасан донистааст, ва дар «Саҳеҳ» омадааст: «Агар шахсе ба хонааш дарояд ва ҳангоми дохил шудан ва хӯрок хӯрданаш Аллоҳро ёд кунад, шайтон мегӯяд: Имшаб инҷо ҷойи хоб ва хӯрок надоред», Муслим бо рақами (2018).

гӯштам нуре ва дар хунам нуре ва дар мӯям нуре ва дар пӯстам нуре қарор деҳ".[1]

«اللَّهُمَّ اجْعَلْ لِي نُورًا فِي قَبْرِي... وَنُورًا فِي عِظَامِي» «وَزِدْنِي نُورًا، وَزِدْنِي نُورًا، وَزِدْنِي نُورًا» «وَهَبْ لِي نُورًا عَلَى نُورٍ».

"Парвардигоро! Бароям дар қабрам нур... ва дар устухонҳоям нур қарор бидеҳ"[2] "Ва нурамро зиёд кун, ва нурамро зиёд кун, ва нурамро зиёд кун"[3] "Ва бароям нуре бар болои нур ато кун"[4]."

## 13. Дуои даромадан ба масҷид

"(Бо пойи росташ оғоз мекунад)[5] ва мегӯяд:"

«أَعُوذُ بِاللَّهِ العَظِيمِ، وَبِوَجْهِهِ الكَرِيمِ، وَسُلْطَانِهِ القَدِيمِ، مِنَ الشَّيْطَانِ الرَّجِيمِ»

"Паноҳ мебарам ба Худои Бузург ва ба Ваҷҳи Карими Ӯ ва ба Султони Қадими Ӯ аз шайтони

---

[1] Нигаред ба ҳамаи ин лафзҳо дар Бухорӣ (11/116), рақами (3166), Муслим (1/526), рақами (529), (530) ва (763).

[2] Тирмизӣ (5/483), рақами (3419).

[3] Ривояти Бухорӣ дар Адаб ал-Муфрад, рақами (695) (саҳ. 258), Албонӣ дар Саҳеҳ ал-Адаб ал-Муфрад (536) санадашро саҳеҳ гуфтааст.

[4] Инро Ибни Ҳаҷар дар "Фатҳ ул-борӣ" зикр карда ва ба Ибни Абуосим дар китоби "Ад-Дуо" нисбат додааст, ниг.: Ал-Фатҳ (11/118) ва гуфтааст: "Пас, аз ихтилофи ривоятҳо бисту панҷ хислат ҷамъ омадааст."

[5] Ба далели гуфтаи Анас ибни Молик (разияллоҳу анҳу): «Аз суннат аст, ки ҳар гоҳ ба масҷид даромадӣ, аз пои рост шуруъ кунӣ ва чун баромадӣ, аз пои чап шуруъ кунӣ». Ҳоким онро ривоят кардааст (1/218) ва бар шарти Муслим саҳеҳ донистааст ва Заҳабӣ бо ӯ мувофиқат кардааст. Байҳақӣ низ онро ривоят кардааст (2/442) ва Албонӣ дар «Силсилату-л-аҳодиси-с-саҳиҳа» (5/624) таҳти рақами (2478) онро ҳасан донистааст.

рондашуда".[1]

«بِسْمِ اللَّهِ، وَالصَّلَاةُ» «وَالسَّلَامُ عَلَى رَسُولِ اللَّهِ»

"Ба номи Аллоҳ ва дуруду[2] салом бар Расули Аллоҳ бод".[3]

«اللَّهُمَّ افْتَحْ لِي أَبْوَابَ رَحْمَتِكَ».

"Худоё дарвозаҳои эҳсонатро бароям бикушо".[4]

## 14. Дуои баромадан аз масҷид

(Бо пойи чапаш оғоз мекунад)[5] ва мегӯяд:

«بِسْمِ اللَّهِ وَالصَّلَاةُ وَالسَّلَامُ عَلَى رَسُولِ اللَّهِ،

"Ба номи Аллоҳ ва дуруду салом бар Расули Аллоҳ."

اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ مِنْ فَضْلِكَ،

Худоё, ман аз Ту эҳсонатро мехоҳам,

اللَّهُمَّ اعْصِمْنِي مِنَ الشَّيْطَانِ الرَّجِيمِ».

---

1 Абудовуд, рақами (466), ва нигаред: Саҳеҳул-ҷомеъ, рақами (4591).

2 Ривояти Ибни Суннӣ, рақами (88) ва Албонӣ онро дар «Ас-самарул-мустатоб», (с. 607) ҳасан донистааст.

3 Абудовуд (1/126), рақами (465), ва ниг: Саҳеҳ-ул-ҷомеъ (1/528).

4 Ривояти Муслим (1/494), рақами (713), ва дар Сунани Ибни Моҷаҳ аз ҳадиси Фотима (разияллоҳу анҳо): "Аллоҳумма иғфир лӣ зунубӣ вафтаҳ лӣ абвоба раҳматика", ва Албонӣ онро ба хотири шавоҳидаш саҳеҳ донистааст. Нигаред: Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (1/128), рақами (129).

5 Ҳоким (1/218), Байҳақӣ (2/442) ва Албонӣ онро дар «Силсилаи аҳодиси саҳиҳа» (5/624), рақами (2478) ҳасан донистааст ва тахриҷи он гузашт.

"Худоё маро аз шайтони рондашуда нигоҳ дор".[1]

## 15. Зикрҳои азон

Мисли муаззин мегӯяд, магар дар ҷои (ҳайя ъалас-салот ва ҳайя ъалалфалоҳ) мегӯяд:

«لَا حَوْلَ وَلَا قُوَّةَ إِلَّا بِاللَّهِ».

"Нест тавоноӣ (барои дурӣ аз гуноҳ) ва нест қудрате (барои пойдорӣ дар тоъати Худо) магар бо кумаки Аллоҳ".[2]

Мегӯяд:

«وَأَنَا أَشْهَدُ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ وَأَنَّ مُحَمَّدًا عَبْدُهُ وَرَسُولُهُ، رَضِيتُ بِاللَّهِ رَبًّا، وَبِمُحَمَّدٍ رَسُولًا، وَبِالإِسْلَامِ دِينًا»

"Ва ман гувоҳӣ медиҳам, ки маъбуди бар ҳақ ҷуз Аллоҳ нест, ягона ва бешарик аст ва ин ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, розӣ ҳастам, ки Аллоҳ Парвардигори ман, Муҳаммад фиристодаи ман ва Ислом дини ман аст."[3]

(Инро пас аз ташаҳҳуди муаззин бигӯяд).[4]

(Баъди фориғ шудан аз ҷавоб додани

---

[1] Нигаред ба тахриҷи ривоятҳои ҳадиси қаблӣ дар дуои ворид шудан ба масҷид, рақами (20) ва зиёдаи: "Аллоҳумма-ъсимнӣ минаш-шайтонир-раҷим" аз Ибни Моҷаҳ. Нигаред: Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (1/129).

[2] Бухорӣ (1/152), рақами (611) ва (613), Муслим (1/288), рақами (383).

[3] Муслим (1/290), рақами (386).

[4] Ибни Хузайма (1/220).

муаззин бар Паёмбар (саллалоҳу алайҳи ва саллам) салавот мефиристад).[1]

Мегӯяд:

«اللَّهُمَّ رَبَّ هَذِهِ الدَّعْوَةِ التَّامَّةِ، وَالصَّلَاةِ القَائِمَةِ، آتِ مُحَمَّدًا الوَسِيلَةَ وَالفَضِيلَةَ، وَابْعَثْهُ مَقَامًا مَحْمُودًا الَّذِي وَعَدْتَهُ، [إِنَّكَ لَا تُخْلِفُ المِيعَادَ]».

"Худоё, эй соҳиби ин даъвати комил (азон) ва намозе, ки барпо мешавад, ба Муҳаммад васила ва фазилатро бидеҳ ва ӯро мақоми некӯе, ки ба ӯ ваъда додаӣ бидеҳ, ҳамоно Ту хилофи ваъда намекунӣ".[2]

(Барои худ байни азон ва иқомат дуо кунад, зеро дуо дар ин вақт рад намешавад).[3]

## 16. Дуои истифтоҳ

«اللَّهُمَّ بَاعِدْ بَيْنِي وَبَيْنَ خَطَايَايَ كَمَا بَاعَدْتَ بَيْنَ المَشْرِقِ وَالمَغْرِبِ، اللَّهُمَّ نَقِّنِي مِنْ خَطَايَايَ كَمَا يُنَقَّى الثَّوْبُ الأَبْيَضُ مِنَ الدَّنَسِ، اللَّهُمَّ اغْسِلْنِي مِنْ خَطَايَايَ، بِالثَّلْجِ وَالمَاءِ وَالبَرَدِ».

"Парвардигоро, миёни ману хатоҳоям фосила андоз, чуноне ки миёни машриқу мағриб фосила андохтаӣ. Парвардигоро, маро

[1] Муслим (1/288), рақами (384).

[2] Ривояти Бухорӣ (1/152), рақами (614), ва он чи дар байни қавсайн аст, аз Байҳақӣ (1/410) аст ва санади онро Аллома Абдулазиз ибни Боз (раҳимаҳуллоҳ) дар «Туҳфат-ул-ахёр» (саҳ. 38) ҳасан донистааст.

[3] Тирмизӣ, рақами (3594) ва (3595), Абудовуд, рақами (525), Аҳмад, рақами (12200), ва нигаред ба: Ирво-ул-ғалил (1/262).

аз хатоҳоям пок гардон, чуноне ки ҷомаи сафед аз чирк пок мешавад. Парвардигоро, маро аз хатоҳоям бо барфу обу жола бишӯй".[1].

«سُبْحانَكَ اللَّهُمَّ وَبِحَمْدِكَ، وَتَبارَكَ اسْمُكَ، وَتَعالَى جَدُّكَ، وَلَا إِلَهَ غَيْرُكَ».

"Худоё, Туро ба покӣ ёд мекунам ва ситоиши Туро мегӯям ва бобаракат аст номи Ту ва баланд мартаба аст бузургвории Ту ва нест маъбуде бар ҳақ ғайр аз Ту".[2]

«وَجَّهْتُ وَجْهِيَ لِلَّذِي فَطَرَ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضَ حَنِيفًا وَمَا أَنَا مِنَ المُشْرِكِينَ، إِنَّ صَلَاتِي، وَنُسُكِي، وَمَحْيَايَ، وَمَمَاتِي لِلَّهِ رَبِّ العَالَمِينَ، لَا شَرِيكَ لَهُ وَبِذَلِكَ أُمِرْتُ وَأَنَا مِنَ المُسْلِمِينَ، اللَّهُمَّ أَنْتَ المَلِكُ لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ، أَنْتَ رَبِّي وَأَنَا عَبْدُكَ، ظَلَمْتُ نَفْسِي وَاعْتَرَفْتُ بِذَنْبِي فَاغْفِرْ لِي ذُنُوبِي جَمِيعًا إِنَّهُ لَا يَغْفِرُ الذُّنوبَ إِلَّا أَنْتَ، وَاهْدِنِي لِأَحْسَنِ الأَخْلَاقِ لَا يَهْدِي لِأَحْسَنِها إِلَّا أَنْتَ، وَاصْرِفْ عَنِّي سَيِّئَهَا، لَا يَصْرِفُ عَنِّي سَيِّئَهَا إِلَّا أَنْتَ، لَبَّيْكَ وَسَعْدَيْكَ، وَالخَيْرُ كُلُّهُ بِيَدَيْكَ، وَالشَّرُّ لَيْسَ إِلَيْكَ، أَنَا بِكَ وَإِلَيْكَ، تَبارَكْتَ وَتَعالَيْتَ، أَسْتَغْفِرُكَ وَأَتوبُ إِلَيْكَ».

"Рӯйи худро мухлисона ба сӯи касе овардам, ки осмонҳо ва заминро офаридааст ва ман аз мушрикон нестам. Ҳамоно намози ман ва ибодати ман ва зиндагии ман ва марги ман барои Аллоҳ аст, ки Парвардигори ҷаҳониён

[1] Бухорӣ (1/181), рақами (744), Муслим (1/419), рақами (598).

[2] Муслим, рақами (399) ва асҳоби Сунани чаҳоргона: Абудовуд, рақами (775), Тирмизӣ, рақами (243), Ибни Моҷаҳ, рақами (806), Насоӣ, рақами (899), ва нигаред: Саҳеҳи Тирмизӣ (1/77) ва Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (1/135).

аст. Ӯро шарике нест ва ба ин амр шудаам ва ман аз мусалмононам. Парвардигоро, Ту Подшоҳӣ, маъбуди барҳақе ҷуз Ту нест. Ту Худои манӣ ва ман бандаи Туам. Бар нафси худ ситам кардам ва бар гуноҳи хеш эътироф дорам, пас ҳамаи гуноҳонамро биёмурз, зеро гуноҳонро ҷуз Ту касе намеомурзад. Ва маро ба беҳтарини ахлоқ ҳидоят кун, ки ба беҳтарини он ҷуз Ту касе ҳидоят намекунад ва ахлоқи баду зиштро аз ман дур кун, ки бадиҳои онро ҷуз Ту касе аз ман дур намегардонад. Фармонбардорам ва пайваста дар хидмати Туам ва тамоми хайр дар дастони Туст ва шар ба сӯи Ту нисбат дода намешавад. Вуҷуди ман ба тавфиқи Туст ва бозгаштам ба сӯи Туст. Пурбаракат ва баландмартабаӣ. Аз Ту омурзиш металабам ва ба сӯи Ту тавба мекунам".[1].

«اللَّهُمَّ رَبَّ جِبْرَائِيلَ، وَمِيكَائِيلَ، وَإِسْرَافِيلَ، فَاطِرَ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضِ، عَالِمَ الغَيْبِ وَالشَّهَادَةِ أَنْتَ تَحْكُمُ بَيْنَ عِبَادِكَ فِيمَا كَانُوا فِيهِ يَخْتَلِفُونَ، اهْدِنِي لِمَا اخْتُلِفَ فِيهِ مِنَ الحَقِّ بِإِذْنِكَ إِنَّكَ تَهْدِي مَنْ تَشَاءُ إِلَى صِرَاطٍ مُسْتَقِيمٍ».

«Эй Аллоҳ, Парвардигори Ҷабраил ва Микоил ва Исрофил, падидоварандаи осмонҳову замин, донои ниҳону ошкор, Ту миёни бандагонат дар ҳар чӣ дар он ихтилоф

[1] Ривояти Муслим (1/534), рақами (771).

мекардаанд, доварӣ мекунӣ, ҳидоят фармо маро ба изни худ дар он чи ихтилоф шудааст аз ҳақ, Ту худ ҳидоят мекунӣ ба роҳи рост, касеро, ки мехоҳӣ».[1]

«اللَّهُ أَكْبَرُ كَبِيرًا، اللَّهُ أَكْبَرُ كَبِيرًا، اللَّهُ أَكْبَرُ كَبِيرًا، وَالْحَمْدُ لِلَّهِ كَثِيرًا، وَالْحَمْدُ لِلَّهِ كَثِيرًا، وَالْحَمْدُ لِلَّهِ كَثِيرًا، وَسُبْحَانَ اللَّهِ بُكْرَةً وَأَصِيلًا»

"Худованд бузургтар аст, чи бузургтаре, Худованд бузургтар аст, чи бузургтаре, Худованд бузургтар аст, чи бузургтаре ва ситоиш аз они Худост, ситоиши зиёд ва ситоиш аз они Худост, ситоиши зиёд ва Худоро субҳу шом ба покӣ ёд мекунам".

Се маротиба

«أَعُوذُ بِاللَّهِ مِنَ الشَّيْطَانِ: مِنْ نَفْخِهِ، وَنَفْثِهِ، وَهَمْزِهِ».

"Паноҳ мебарам ба Худо аз шайтон: аз дамидани ӯ (кибр), ва туф кардани ӯ (сеҳр), ва васвасаи ӯ (ҷунун)".[2]

«اللَّهُمَّ لَكَ الْحَمْدُ، أَنْتَ نُورُ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضِ وَمَنْ فِيهِنَّ، وَلَكَ الْحَمْدُ أَنْتَ قَيِّمُ

---

[1] Ривояти Муслим (1/534), рақами (770).

[2] Ривояти Абудовуд (1/203), рақами (764), Ибни Моҷаҳ (1/265), рақами (807) ва Аҳмад (4/85), рақами (16739), Шуайб ал-Арнаут дар таҳқиқи Муснад гуфтааст: "Ҳасан лиғайриҳи", Абдулқодир ал-Арнаут дар тахриҷи "Ал-калим ат-таййиб"-и Ибни Таймия, рақами (78) гуфтааст: "Он ҳадиси саҳеҳ бо шавоҳидаш мебошад", Албонӣ онро дар "Саҳеҳи ал-калим ат-таййиб", рақами (62) зикр кардааст, Муслим аз Ибни Умар (разияллоҳу анҳумо) ба монанди он ривоят кардааст ва дар он қиссаест (1/420), рақами (601).

السَّمَوَاتِ وَالأَرْضِ وَمَنْ فِيهِنَّ، [وَلَكَ الحَمْدُ أَنْتَ رَبُّ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضِ وَمَنْ فِيهِنَّ] [وَلَكَ الحَمْدُ لَكَ مُلْكُ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضِ وَمَنْ فِيهِنَّ] [وَلَكَ الحَمْدُ أَنْتَ مَلِكُ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضِ] [وَلَكَ الحَمْدُ] [أَنْتَ الحَقُّ، وَوَعْدُكَ الحَقُّ، وَقَوْلُكَ الحَقُّ، وَلِقاؤُكَ الحَقُّ، وَالجَنَّةُ حَقٌّ، وَالنَّارُ حَقٌّ، وَالنَّبِيُّونَ حَقٌّ، وَمُحَمَّدٌ ﷺ حَقٌّ، وَالسَّاعَةُ حَقٌّ] [اللَّهُمَّ لَكَ أَسْلَمتُ، وَعَلَيْكَ تَوَكَّلْتُ، وَبِكَ آمَنْتُ، وَإِلَيْكَ أَنَبْتُ، وَبِكَ خاصَمْتُ، وَإِلَيْكَ حاكَمْتُ. فَاغْفِرْ لِي مَا قَدَّمْتُ، وَمَا أَخَّرْتُ، وَمَا أَسْرَرْتُ، وَمَا أَعْلَنْتُ] [وَمَا أَنْتَ أَعْلَمُ بِهِ مِنِّي] [أَنْتَ المُقَدِّمُ، وَأَنْتَ المُؤَخِّرُ لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ] [أَنْتَ إِلَهِي لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ] [وَلَا حَوْلَ وَلَا قُوَّةَ إِلَّا بِاللَّهِ]».

" Худоё ситоиш аз они Ту аст[1], Ту нури осмонҳо ва замин ва ҳар он ки дар он аст ҳастӣ, аз они Ту аст ситоиш, Ту тадбиркунандаи осмонҳо ва замин ва ҳар он ки дар он аст ҳастӣ ва аз они ту аст ситоиш, Ту Парвардигори осмонҳо ва замин ва ҳар он ки дар он аст ҳастӣ ва аз они Ту аст ситоиш, Аз они Ту аст ҳастии осмонҳо ва замин ва ҳар он ки дар он аст ва аз они Ту аст ситоиш, Ту Подшоҳи осмонҳо ва заминӣ ва аз они Ту аст ситоиш, Ту Ҳаққӣ ва ваъдаи Ту рост аст ва каломи Ту ва дидори Ту ва Биҳишту Ҷаҳаннам ҳақиқат аст ва паёмбарон ва Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) барҳақанд ва қиёмат ҳақиқат аст. Худоё, худро

[1] Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) чун шаб барои намози таҳаҷҷуд бедор мешуд, инро мегуфт.

ба Ту таслим кардам ва бар Ту таваккал кардам ва ба Ту имон овардам ва ба суи ту баргаштам ва барои Ту бо душман пайкор кардам ва ба дастури ту ҳукм кардам, пас гуноҳони гузаштаву оянда ва ниҳону ошкори маро биёмурз, Ту пешдиҳанда ва ақибандозандаӣ , нест маъбуде барҳақ, магар Ту. Ту маъбуди мани, нест маъбуде барҳақ магар Ту."[1]

## 17. Дуои рукуъ

«سُبْحانَ رَبِّيَ العَظِيمِ».

"Пок аст Парвардигори бузургвори ман".

Се маротиба.[2]

«سُبْحَانَكَ اللَّهُمَّ رَبَّنَا وَبِحَمْدِكَ، اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي».

"Туро ба поки ёд мекунам, Худоё, эй Парвардигори мо ва ситоиш мекунам Туро, Худоё маро биёмурз."[3]

«سُبُّوحٌ، قُدُّوسٌ، رَبُّ المَلَائِكَةِ وَالرُّوحِ».

"Дар ниҳояти поки ва беайбу нақс аст

---

[1] Бухорӣ бо Фатҳ (3/3) ва (11/116) ва (13/371), рақами (423) ва (465) ва (1120) ва (6317) ва (7385) ва (7442) ва (7499), Муслим мухтасар ба мисли он (1/532), рақами (769).

[2] Ривояти аҳли Сунан ва Аҳмад: Абудовуд, рақами (870), Тирмизӣ, рақами (262), Насоӣ, рақами (1007), Ибни Моҷаҳ, рақами (897), Аҳмад, рақами (3514), ва нигаред: Саҳеҳи Тирмизӣ (1/83).

[3] Бухорӣ (1/ 99), рақами (794), Муслим (1/ 350), рақами (484).

парвардигори малоика ва рух̣ (Ҷабраил)."[1]

«اللَّهُمَّ لَكَ رَكَعْتُ، وَبِكَ آمَنْتُ، وَلَكَ أَسْلَمْتُ، خَشَعَ لَكَ سَمْعِي، وَبَصَرِي، وَمُخِّي، وَعَظْمِي، وَعَصَبِي، [وَمَا استَقَلَّتْ بِهِ قَدَمِي]».

«Худоё! Барои Ту рукуъ кардам ва ба Ту имон овардам ва барои Ту таслим шудам, гӯшам ва чашмам ва мағзам ва устухонам ва асабам [ва он чиро пойҳоям бардоштаанд] барои Ту хошеъ шуданд.»[2]

«سُبْحَانَ ذِي الجَبَرُوتِ، وَالمَلَكُوتِ، وَالكِبْرِيَاءِ، وَالعَظَمَةِ».

"Пок аст Соҳиби султа ва мулки осмонҳо ва бузургиву азамат."[3]

## 18. Дуои бархостан аз рукуъ

«سَمِعَ اللَّهُ لِمَنْ حَمِدَهُ».

"Шунид ва қабул кард Худованд ситоиши касеро, ки Ӯро ситоиш намуд."[4]

«رَبَّنَا وَلَكَ الحَمْدُ، حَمْدًا كَثِيرًا طَيِّبًا مُبارَكًا فِيهِ».

"Парвардигоро, қабул фармоаз мо ва аз они

1 Муслим (1/ 353), рақами (487) ва Абудовуд (1/ 230), рақами (872).

2 Ривояти Муслим (1/ 534), рақами (771) ва чаҳоргона ба ҷуз Ибни Моҷаҳ: Абудовуд, рақами (760) ва (761), Тирмизӣ, рақами (3421), Насоӣ, рақами (1049) ва он чи дар байни ду қавс аст, лафзи Ибни Хузайма, рақами (607) ва Ибни Ҳиббон, рақами (1901) аст.

3 Абудовуд (1/230), рақами (873), ва Насоӣ, рақами (1131), ва Аҳмад, рақами (23980) ва иснодаш ҳасан аст.

4 Бухорӣ бо Фатҳ (2/282), рақами (796).

Ту аст ситоиш, ситоиши зиёд, некӯ ва бобаракат."[1]

«مِلْءَ السَّمَوَاتِ وَمِلْءَ الأَرْضِ، وَمَا بَيْنَهُمَا، وَمِلْءَ مَا شِئْتَ مِنْ شَيءٍ بَعْدُ. أَهلَ الثَّناءِ وَالمَجْدِ، أَحَقُّ مَا قَالَ العَبْدُ، وَكُلُّنا لَكَ عَبْدٌ، اللَّهُمَّ لَا مَانِعَ لِمَا أَعْطَيْتَ، وَلَا مُعْطِيَ لِمَا مَنَعْتَ، وَلَا يَنْفَعُ ذَا الجَدِّ مِنْكَ الجَدُّ».

«Пуррагии осмонҳо ва пуррагии замин ва он чи миёни онҳост ва пуррагии ҳар он чи баъд аз он бихоҳӣ. Эй сазовори ҳамду ситоиш ва бузургворӣ, сазовортарин чизе, ки банда гуфт ва ҳамаи мо бандаи Туем, Худоё, он чиро, ки Ту ато кардӣ, касе боздошта наметавонад ва он чиро, ки Ту манъ кардӣ, касе ато карда наметавонад ва сарватманду соҳибиқболро сервату иқболаш дар назди Ту фоида намерасонад.»[2]

## 19. Дуои сачда

«سُبْحَانَ رَبِّيَ الأَعْلَى».

"Пок аст Парвардигори бартари ман"
Се маротиба[3].

«سُبْحَانَكَ اللَّهُمَّ رَبَّنَا وَبِحَمْدِكَ، اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي».

[1] Бухорӣ бо Фатҳ (2/284), рақами (796).
[2] Муслим (1/ 346), рақами (477).
[3] Ривояти аҳли сунан ва Аҳмад: Абудовуд, рақами (870), Тирмизӣ, рақами (262), Насоӣ, рақами (1007), Ибни Моҷаҳ, рақами (897), Аҳмад, рақами (3514), ва нигаред: Саҳеҳи Тирмизӣ (1/83).

"Туро ба поки ёд мекунам, Худоё, эй Парвардигори мо ва ситоиш мекунам Туро, Худоё маро биёмурз."[1]

«سُبُّوحٌ، قُدُّوسٌ، رَبُّ المَلَائِكَةِ وَالرُّوحِ».

"Суббуҳун Қуддусун Раббул-малоикати ва-р-рӯҳ."[2]

«اللَّهُمَّ لَكَ سَجَدْتُ وَبِكَ آمَنْتُ، وَلَكَ أَسْلَمْتُ، سَجَدَ وَجْهِي لِلَّذِي خَلَقَهُ، وَصَوَّرَهُ، وَشَقَّ سَمْعَهُ وَبَصَرَهُ، تَبَارَكَ اللَّهُ أَحْسَنُ الخَالِقِينَ».

"Худоё! Барои Ту саҷда кардам ва ба Ту имон овардам ва барои Ту таслим шудам. Рӯйи ман саҷда кард барои Он Зоте, ки онро офарид ва сурат бахшид ва гӯшу чашмашро шикофт. Бобаракат аст Аллоҳ, ки беҳтарини офаринандагон аст".[3]

«سُبْحَانَ ذِي الجَبَرُوتِ، وَالمَلَكُوتِ، وَالكِبْرِيَاءِ، وَالعَظَمَةِ».

"Пок аст Соҳиби султа ва мулки осмонҳо ва бузургиву азамат."[4]

«اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي ذَنْبِي كُلَّهُ: دِقَّهُ وَجِلَّهُ، وَأَوَّلَهُ وَآخِرَهُ، وَعَلَانِيَّتَهُ وَسِرَّهُ».

---

1 Ривояти Бухорӣ, рақами (794), Муслим, рақами (484), ва бо рақами (34) гузашт.

2 Муслим (1/533), рақами (487), ва Абудовуд, рақами (872) ва бо рақами (35) гузашт.

3 Ривояти Муслим (1/534), рақами (771), ва ғайра.

4 Абудовуд (1/230), рақами (873), Насоӣ, рақами (1131), Аҳмад, рақами (23980), Албонӣ дар Саҳеҳи Абудовуд (1/166) саҳеҳаш гуфтааст ва тахриҷи он бо рақами (37) гузашт.

"Худоё, ҳамаи гуноҳони маро биёмурз: хурду бузурги онро, аввалу охири онро ва ошкору пинҳони онро.[1]

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِرِضَاكَ مِنْ سَخَطِكَ، وَبِمُعَافَاتِكَ مِنْ عُقوبَتِكَ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْكَ، لَا أُحْصِي ثَنَاءً عَلَيْكَ، أَنْتَ كَمَا أَثْنَيْتَ عَلَى نَفْسِكَ».

"Худоё, ҳар оина ман паноҳ мебарам ба ризои Ту аз ғазабат, ва ба бахшиши Ту аз ҷазои Ту, ва паноҳ мебарам ба Ту аз Ту, санои Туро наметавонам бишуморам, Ту чуноне ҳастӣ, ки Худ бар Худ сано гуфтаӣ."[2]

## 20. Дуои нишасти байни ду саҷда

«رَبِّ اغْفِرْ لِي، رَبِّ اغْفِرْ لِي».

"Парвардигоро, маро биёмурз, Парвардигоро, маро биёмурз."[3]

«اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي، وَارْحَمْنِي، وَاهْدِنِي، وَاجْبُرْنِي، وَعَافِنِي، وَارْزُقْنِي، وَارْفَعْنِي».

"Худоё, маро биёмурз ва ба ман раҳм фармо ва манро ҳидоят кун ва нақси манро ҷуброн фармо ва ба ман офият ва рӯзӣ деҳ ва дараҷаи манро барланд фармо."[4]

---

[1] Муслим (1/ 230), рақами (483).
[2] Муслим (1/352), рақами (486).
[3] Абудовуд (1/231), рақами (874), ва Ибни Моҷаҳ, рақами (897), ва нигаред: Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (1/148).
[4] Ривояти асҳоби сунан, ба ғайр аз Насоӣ: Абудовуд (1/231), рақами (850), Тирмизӣ, рақами (284) ва (285), Ибни Моҷаҳ, рақами (898), ва нигаред: Саҳеҳи Тирмизӣ (1/90) ва Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (1/148).

## 21. Дуои саҷдаи тиловат

«سَجَدَ وَجْهِيَ لِلَّذِي خَلَقَهُ، وَشَقَّ سَمْعَهُ وَبَصَرَهُ بِحَوْلِهِ وَقُوَّتِهِ، فَتَبَارَكَ اللَّهُ أَحْسَنُ الخَالِقِينَ»

"Рӯйи ман саҷда кард барои касе, ки онро офаридааст ва гӯшу чашми онро бо қудрату тавоноии хеш шикофтааст. Сазовори таъзим аст Худованд, он беҳтарини офаринандагон."

(Сураи Муъминун, ояти 14)[1].

«اللَّهُمَّ اكْتُبْ لِي بِهَا عِنْدَكَ أَجْرًا، وَضَعْ عَنِّي بِهَا وِزْرًا، وَاجْعَلْهَا لِي عِنْدَكَ ذُخْرًا، وَتَقَبَّلْهَا مِنِّي كَمَا تَقَبَّلْتَهَا مِنْ عَبْدِكَ دَاوُدَ».

"Худоё, бо ин саҷда бароям назди Худат савобе бинавис ва аз ман гуноҳеро дур соз ва ин саҷдаро барои ман дар назди Худат андухтае бигардон ва аз ман ин саҷдаро қабул фармо, ҳамчуноне ки аз бандаат Довуд қабул фармудӣ"[2]

## 22. Ташаҳҳуд

«التَّحِيَّاتُ لِلَّهِ، وَالصَّلَوَاتُ، وَالطَّيِّبَاتُ، السَّلَامُ عَلَيْكَ أَيُّهَا النَّبِيُّ وَرَحْمَةُ اللَّهِ وَبَرَكَاتُهُ، السَّلَامُ عَلَيْنَا وَعَلَى عِبَادِ اللَّهِ الصَّالِحِينَ، أَشْهَدُ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَأَشْهَدُ أَنَّ مُحَمَّدًا عَبْدُهُ وَرَسُولُهُ».

---

[1] Тирмизӣ (2/474), рақами (3425) ва Аҳмад (6/30), рақами (24022) ва Ҳоким онро саҳеҳ гуфтааст ва Заҳабӣ (1/220) бо ӯ мувофиқат кардааст ва зиёдати аз ӯст.

[2] Тирмизӣ (2/473), рақами (579), ва Ҳоким ва онро саҳеҳ донистааст ва Заҳабӣ бо ӯ мувофиқат кардааст (1/219).

"Эҳтиромот ва дуоҳову накӯиҳо аз они Худо аст, Салому раҳмати Худо ва баракати Ӯ бар ту, эй паёмбар . Салом бар мо ва бар бандагони некӯкори Худо. Гувоҳӣ медиҳам ба ин ки нест маъбуди бар ҳақ ба ҷуз Аллоҳ ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Худо аст"[1]

## 23. Салавот фиристодан бар Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баъд аз ташаҳҳуд

«اللَّهُمَّ صَلِّ عَلَى مُحَمَّدٍ، وَعَلَى آلِ مُحَمَّدٍ، كَمَا صَلَّيتَ عَلَى إِبْرَاهِيمَ، وَعَلَى آلِ إِبْرَاهِيمَ، إِنَّكَ حَمِيدٌ مَجِيدٌ، اللَّهُمَّ بَارِكْ عَلَى مُحَمَّدٍ وَعَلَى آلِ مُحَمَّدٍ، كَمَا بَارَكْتَ عَلَى إِبْرَاهِيمَ وَعَلَى آلِ إِبْرَاهِيمَ، إِنَّكَ حَمِيدٌ مَجِيدٌ».

«Худоё, бар Муҳаммад ва Оли Муҳаммад дуруд фирист, ҳамчуноне, ки дурӯд фиристодӣ бар Иброҳим ва Оли Иброҳим, ҳамоно Ту сутуда ва боазаматӣ. Худоё бар Муҳаммад ва Оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчуноне, ки баракат додӣ бар Иброҳим ва Оли Иброҳим ҳамоно Ту сутуда ва боазаматӣ.»[2]

«اللَّهُمَّ صَلِّ عَلَى مُحَمَّدٍ وَعَلَى أَزْوَاجِهِ وَذُرِّيَّتِهِ، كَمَا صَلَّيْتَ عَلَى آلِ إِبْرَاهِيمَ، وَبَارِكْ عَلَى مُحَمَّدٍ وَعَلَى أَزْواجِهِ وَذُرِّيَّتِهِ، كَمَا بَارَكْتَ عَلَى آلِ إِبْرَاهِيمَ، إِنَّكَ حَمِيدٌ مَجِيدٌ».

---

[1] Бухорӣ бо Фатҳ (2/311), рақами (831), Муслим (1/301), рақами (402).
[2] Бухорӣ бо Фатҳ (6/ 408), рақами (3370), Муслим, рақами (406).

«Худоё, бар Муҳаммад ва ҳамсарону фарзандонаш дурӯд фирист, ҳамчуноне, ки дурӯд фиристодӣ бар Оли Иброҳим ва баракат деҳ бар Муҳаммад ва ҳамсарону фарзандонаш ҳамонгуна, ки баракат додӣ бар Оли Иброҳим ҳамоно Ту сутуда ва бузурги.»[1]

## 24. Дуои баъд аз ташаҳҳуди охир пеш аз салом.

«اللَّهُــمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنْ عَذَابِ القَبْرِ، وَمِنْ عَذَابِ جَهَنَّمَ، وَمِنْ فِتْنَةِ المَحْيَا وَالمَمَاتِ، وَمِنْ شَرِّ فِتْنَةِ المَسِيحِ الدَّجَّالِ».

«Худоё, ман аз азоби қабр ва азоби ҷаҳаннам ва аз фитнаи зиндагӣ ва марг ва аз шарри фитнаи Даҷҷоли Масеҳ ба Ту паноҳ меҷӯям.»[2]

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنْ عَذَابِ القَبْرِ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ فِتْنَةِ المَسِيحِ الدَّجَّالِ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ فِتْنَةِ المَحْيَا وَالمَمَاتِ، اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنَ المَأْثَمِ وَالمَغْرَمِ».

"Худоё, ман ба Ту аз азоби қабр ва аз фитнаи Масиҳи Даҷҷол ва аз фитнаи зиндагӣ ва марг паноҳ мебарам, Худоё, ман ба Ту аз гуноҳу қарздорӣ паноҳ мебарам."[3]

«اللَّهُمَّ إِنِّي ظَلَمْتُ نَفْسِي ظُلْمًا كَثِيرًا، وَلَا يَغْفِرُ الذُّنُوبَ إِلَّا أَنْتَ، فَاغْفِرْ لِي

---

1 Бухорӣ бо Фатҳ (6/407), рақами (3369), Муслим (1/306), рақами (407) ва лафзаш аз ӯст.

2 Бухорӣ (2/102), рақами (1377), Муслим (1/412), рақами (588), лафзи ҳадис аз Муслим аст.

3 Бухорӣ (1/202), рақами (832), Муслим (1/412), рақами (587).

مَغْفِرَةً مِنْ عِنْدِكَ وَارْحَمْنِي، إِنَّكَ أَنْتَ الغَفُورُ الرَّحِيمُ».

«Худоё, ман ба худ ситами бисёр кардаам ва касе ҷуз Ту гуноҳонро намебахшад, пас, маро омурзише аз ҷониби Худ бибахш ва ба ман раҳм кун. Бе тардид, Ту омурзандаи меҳрубон ҳастӣ.»[1]

«اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي مَا قَدَّمْتُ، وَمَا أَخَّرْتُ، وَمَا أَسْرَرْتُ، وَمَا أَعْلَنْتُ، وَمَا أَسْرَفْتُ، وَمَا أَنْتَ أَعْلَمُ بِهِ مِنِّي، أَنْتَ المُقَدِّمُ، وَأَنْتَ المُؤَخِّرُ لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ».

"Худоё, он чиро, ки пеш ва пас, пинҳон ва ошкоро анҷом додаам ва он чи зиёдаравӣ кардам ва он чи Ту аз ман бад-он донотарӣ, бароям биёмурз. Ту пешкунанда ва вопаскунандаӣ, ҳеҷ маъбуде барҳақ ҷуз Ту нест."[2]

«اللَّهُمَّ أَعِنِّي عَلَى ذِكْرِكَ، وَشُكْرِكَ، وَحُسْنِ عِبادَتِكَ».

"Худоё, маро ёрӣ деҳ, дар зикру ёдат ва шукру ибодатат багунаи писандида."[3]

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنَ البُخْلِ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنَ الجُبْنِ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ أَنْ أُرَدَّ إِلَى أَرْذَلِ العُمُرِ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ فِتْنَةِ الدُّنْيَا وَعَذَابِ القَبْرِ».

"Худоё, ман аз бухл, аз буздилӣ, аз ин ки ба

---

[1] Бухорӣ (8/168), рақами (834), Муслим (4/2078), рақами (2705).
[2] Муслим (1/534), рақами (771).
[3] Абудовуд (2/86), рақами (1522), Насоӣ (3/53), рақами (2302), Албонӣ дар Саҳеҳи Абудовуд (1/284) саҳеҳаш гуфтааст.

хортарин даврони умр баргардонида шавам ва аз фитнаи дунё ва азоби қабр ба Ту паноҳ мебарам."[1]

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ الجَنَّةَ وَأَعُوذُ بِكَ مِنَ النَّارِ».

«Худоё, ман аз Ту биҳиштро хоҳонам ва паноҳ мебарам ба Ту аз дӯзах.»[2]

«اللَّهُمَّ بِعِلْمِكَ الغَيْبَ وَقُدْرَتِكَ عَلَى الخَلقِ أَحْيِنِي مَا عَلِمْتَ الحَيَاةَ خَيْرًا لِي، وَتَوَفَّنِي إِذَا عَلِمْتَ الْوَفَاةَ خَيْرًا لِي، اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ خَشْيَتَكَ فِي الغَيْبِ وَالشَّهَادَةِ، وَأَسْأَلُكَ كَلِمَةَ الحَقِّ فِي الرِّضَا وَالغَضَبِ، وَأَسْأَلُكَ القَصْدَ فِي الغِنَى وَالفَقْرِ، وَأَسْأَلُكَ نَعِيمًا لَا يَنْفَدُ، وَأَسْأَلُكَ قُرَّةَ عَيْنٍ لَا تَنْقَطِعُ، وَأَسْأَلُكَ الرِّضَا بَعْدَ القَضَاءِ، وَأَسْأَلُكَ بَرْدَ العَيْشِ بَعْدَ المَوْتِ، وَأَسْأَلُكَ لَذَّةَ النَّظَرِ إِلَى وَجْهِكَ، وَالشَّوْقَ إِلَى لِقَائِكَ فِي غَيرِ ضَرَّاءَ مُضِرَّةٍ، وَلَا فِتْنَةٍ مُضِلَّةٍ، اللَّهُمَّ زَيِّنَا بِزِينَةِ الإِيمَانِ، وَاجْعَلْنَا هُدَاةً مُهْتَدِينَ».

"Эй Аллоҳ! Бо илмат ба ғайб ва қудратат бар офариниш, маро то замоне ки медонӣ зиндагӣ бароям хайр аст, зинда бидор ва ҳар гоҳ, ки медонӣ вафот бароям хайр аст, маро бимирон. Эй Аллоҳ! Ман аз Ту тарсатро дар ниҳон ва ошкор хоҳонам ва аз Ту сухани ҳақро дар ҳолати хушнудӣ ва хашм хоҳонам ва аз Ту миёнаравиро дар тавонгарӣ ва фақр хоҳонам ва аз Ту неъматеро, ки поён намеёбад, хоҳонам ва аз Ту

---

[1] Бухорӣ бо Фатҳ (6/35), рақами (2822) ва (6390).

[2] Абудовуд, рақами (792), ва Ибни Моҷаҳ, рақами (910), ва нигар: Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (2/328).

равшании чашмеро, ки қатъ намегардад, хоҳонам ва аз Ту хушнудиро баъд аз қазо хоҳонам ва аз Ту роҳати зиндагиро баъд аз марг хоҳонам ва аз Ту лаззати нигоҳ кардан ба сӯи дидорат ва шавқи мулоқотатро хоҳонам, бидуни ягон зарари осебрасонанда ва фитнаи гумроҳкунанда. Эй Аллоҳ! Моро ба зебоии имон ороста гардон ва моро ҳидоятгарони ҳидоятёфта бигардон.»[1]

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ يَا أَللَّهُ بِأَنَّكَ الوَاحِدُ الأَحَدُ الصَّمَدُ الَّذِي لَمْ يَلِدْ وَلَمْ يُولَدْ، وَلَمْ يَكُنْ لَهُ كُفُوًا أَحَدٌ، أَنْ تَغْفِرَ لِي ذُنُوبِي إِنَّكَ أَنْتَ الغَفُورُ الرَّحِيمُ».

"Худоё, ҳамоно ман аз Ту дархост мекунам, эй Аллоҳ, ба хотири он ки Ту Ягона, Якто ва Бениёз ҳастӣ, ки на зодааст ва на зода шудааст ва нест Ӯро ҳеҷ ҳамтое, ин ки гуноҳони маро биёмурзӣ, бегумон Ту Омурзанда ва Меҳрубон ҳастӣ."[2]

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ بِأَنَّ لَكَ الحَمْدَ لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ وَحْدَكَ لَا شَرِيكَ لَكَ، المَنَّانُ، يَا بَدِيعَ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضِ يَا ذَا الجَلَالِ وَالإِكْرَامِ، يَا حَيُّ يَا قَيُّومُ إِنِّي أَسْأَلُكَ الجَنَّةَ وَأَعُوذُ بِكَ مِنَ النَّارِ».

"Эй Аллоҳ! Аз Ту хоҳонам, ба сабаби он ки ҳамду сано барои Туст, ҳеҷ маъбуди барҳаққе

---

[1] Ривояти Насоӣ (3/54) (55), рақами (1304), Аҳмад (4/364), рақами (21666), Албонӣ дар Саҳеҳи Насоӣ (1/281) саҳеҳаш гуфтааст.

[2] Ривояти Насоӣ, (3/ 52), рақами (1300) бо лафзи ӯ, Аҳмад (4/338), рақами (18974), Албонӣ дар Саҳеҳи Насоӣ (1/280) саҳеҳаш гуфтааст.

ҷуз Ту нест, Ту ягонаӣ ва шарике надорӣ, бисёр атокунандаӣ, эй Офаринандаи осмонҳо ва замин, эй Соҳиби ҷалолат ва карам, эй Зинда ва эй Поянда, аз Ту ҷаннат хоҳонам ва ба Ту паноҳ мебарам аз оташи дӯзах".[1]

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ بِأَنِّي أَشْهَدُ أَنَّكَ أَنْتَ اللَّهُ لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ الأَحَدُ الصَّمَدُ الَّذِي لَمْ يَلِدْ وَلَمْ يُولَدْ وَلَمْ يَكُنْ لَهُ كُفُوًا أَحَدٌ».

"Худоё, ҳар оина ман аз ту масъалат дорам, зеро ки шаҳодат медиҳам, ки Ту Аллоҳ ҳастӣ ва нест маъбуди барҳақ, магар Ту, ягона ва бениёзе ҳастӣ, ки назодааст ва на зоидашуда ва набудааст барояш ҳамтое."[2]

## 25. Зикрҳо ва дуоҳои баъд аз намоз

«أَسْتَغْفِرُ اللَّهَ

"Астағируллоҳ" (Аз Худо омурзиш металабам)

(се маротиба)

اللَّهُمَّ أَنْتَ السَّلَامُ، وَمِنْكَ السَّلَامُ، تَبَارَكْتَ يَا ذَا الجَلَالِ وَالإِكْرَامِ».

[1] Ривояти Аҳли Сунан: Абудовуд, рақами (1495), Тирмизӣ рақами (3544), Ибни Моҷаҳ рақами (3858), Насоӣ рақами (1299), ва нигаред: Саҳиҳи Ибни Моҷаҳ (2/329).

[2] Абудовуд (2/62), рақами (1493), Тирмизӣ (5/515), рақами (3475), Ибни Моҷаҳ (2/1267), рақами (3857), Насоӣ, рақами (1300) бо лафзаш, Аҳмад, рақами (18974), Албонӣ дар Саҳеҳи Насоӣ (1/280) саҳеҳаш гуфтааст ва нигаред: Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (2/329) ва Саҳеҳи Тирмизӣ (3/163).

"Худоё, Ту саломӣ ва саломати аз Ту аст, бисёр бобаракат ҳастӣ, эй соҳиби бузурги ва бахшиш."[1]

«لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ الْمُلْكُ وَلَهُ الحَمْدُ وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ

«Ҳеҷ маъбуди (ростине) ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад, яктост ва шарике надорад, подшоҳӣ аз они Ӯст ва ҳамду ситоиш аз они Ӯст ва Ӯ ба анҷоми ҳар коре Қодиру Тавоност».

(се маротиба).

اللَّهُمَّ لَا مَانِعَ لِمَا أَعْطَيْتَ، وَلَا مُعْطِيَ لِمَا مَنَعْتَ، وَلَا يَنْفَعُ ذَا الجَدِّ مِنْكَ الجَدُّ».

"Худоё, он чиро, ки Ту ато кардӣ, касе боздошта наметавонад ва он чиро, ки Ту манъ кардӣ, касе ато карда наметавонад ва сарватманду соҳибиқболро сервату иқболаш дар назди Ту фоида намерасонад".[2]

«لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ المُلْكُ، وَلَهُ الحَمدُ، وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ، لَا حَوْلَ وَلَا قُوَّةَ إِلَّا بِاللَّهِ، لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَلَا نَعْبُدُ إِلَّا إِيَّاهُ لَهُ النِّعْمَةُ وَلَهُ الفَضْلُ وَلَهُ الثَّنَاءُ الحَسَنُ، لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ وَلَوْ كَرِهَ الكَافِرُونَ».

"Ҳеҷ маъбуди (ростине) ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад, ягона ҳаст, ва шарике надорад.

Подшоҳӣ аз они Ӯст, ва ҳамду ситоиш аз они

---

1 Муслим (1/414), рақами (591).

2 Бухорӣ (1/255), рақами (844), Муслим (1/414), рақами (593) ва он чи дар байни қавсайн омадааст, зиёдатие аз Бухорӣ, рақами (6473) мебошад.

Ӯст ва Ӯ ба анҷоми ҳар коре қодиру

тавоност. Нест тавоноӣ (барои дурӣ аз гуноҳ) ва нест қудрате (барои пойдорӣ бар тоати Худо), магар ба кумаки Худованд. Нест маъбуди барҳақ магар Аллоҳ ва намепарастем ҷуз Ӯро, аз они Ӯст неъмату эҳсон ва мадҳи некӯ, Нест маъбуди барҳақ магар Аллоҳ, ибодатамонро холис барои Худо анҷом медиҳем, ҳарчанд кофиронро хӯш наояд."[1]

«سُبْحَانَ اللَّهِ، وَالحَمْدُ لِلَّهِ، وَاللَّهُ أَكْبَرُ

"Пок аст Худованд ва ситоиш аз они Худованд аст ва Худо бузургтар аст".

(сиву се маротиба).

لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ المُلْكُ وَلَهُ الحَمْدُ وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ».

"Ҳеҷ маъбуди (ростине) ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад, ягона ҳаст, ва шарике надорад.

Подшоҳӣ аз они Ӯст, ва ҳамду ситоиш аз они Ӯст ва Ӯ ба анҷоми ҳар коре қодиру

тавоност".[2]

﴿قُلْ هُوَ ٱللَّهُ أَحَدٌ ١ ٱللَّهُ ٱلصَّمَدُ ٢ لَمْ يَلِدْ وَلَمْ يُولَدْ ٣ وَلَمْ يَكُن لَّهُۥ كُفُوًا أَحَدٌۢ ٤﴾

---

[1] Муслим (1/415), рақами (594).

[2] Муслим (1/418) бо рақами (597) ва дар он омадааст: «Ҳар кас инро баъд аз ҳар намоз бигӯяд, гуноҳонаш омурзида мешавад, ҳарчанд мисли кафки дарё бошад».

([Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ӯ Аллоҳ Таъоло яктост1.

Аллоҳ Таъоло бениёз аст [ва ҳама ниёзманди Ӯ ҳастанд] 2.

На [фарзанде] зода ва на зода шудааст 3.

Ва ҳеҷ кас ҳаммонанди ва ҳамтои Ӯ набуда ва нест 4.») (Сураи Ихлос, оятҳои 1-4).

﴿قُلۡ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلۡفَلَقِ ١ مِن شَرِّ مَا خَلَقَ ٢ وَمِن شَرِّ غَاسِقٍ إِذَا وَقَبَ ٣ وَمِن شَرِّ ٱلنَّفَّٰثَٰتِ فِي ٱلۡعُقَدِ ٤ وَمِن شَرِّ حَاسِدٍ إِذَا حَسَدَ ٥﴾

([Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ба Парвардигори сапедадам паноҳ мебарам 1.

Аз шарри тамоми он чи офаридааст 2.

Ва аз шарри торикии шаб он гоҳ ки ҳама ҷоро фаро гирад 3.

Ва аз шар [-и занони ҷодугар], ки бо афсун дар гиреҳҳо медаманд 4.

Ва аз шарри ҳасуд он гоҳ ки ҳасад варзад 5.»)

(Сураи Фалақ, оятҳои 1-5).

﴿قُلۡ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلنَّاسِ ١ مَلِكِ ٱلنَّاسِ ٢ إِلَٰهِ ٱلنَّاسِ ٣ مِن شَرِّ ٱلۡوَسۡوَاسِ ٱلۡخَنَّاسِ ٤ ٱلَّذِي يُوَسۡوِسُ فِي صُدُورِ ٱلنَّاسِ ٥ مِنَ ٱلۡجِنَّةِ وَٱلنَّاسِ ٦﴾

([Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ба Парвардигори мардум паноҳ мебарам 1.

Фармонравои мардум 2.

Маъбуди мардум 3.

Аз шарри [шайтони] васвасагар, ки [ба

ҳангоми зикри Аллоҳ Таъоло] пинҳон мегардад4.

Ҳамоне ки дар дилҳои мардум васваса мекунад 5.

Аз ҷинниён [бошад] ва [ё аз] одамиён 6.»)

(Сураи Нос, оятҳои 1-6).

Баъд аз ҳар намоз[1].

﴿ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلۡحَيُّ ٱلۡقَيُّومُۚ لَا تَأۡخُذُهُۥ سِنَةٞ وَلَا نَوۡمٞۚ لَّهُۥ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۗ مَن ذَا ٱلَّذِي يَشۡفَعُ عِندَهُۥٓ إِلَّا بِإِذۡنِهِۦۚ يَعۡلَمُ مَا بَيۡنَ أَيۡدِيهِمۡ وَمَا خَلۡفَهُمۡۖ وَلَا يُحِيطُونَ بِشَيۡءٖ مِّنۡ عِلۡمِهِۦٓ إِلَّا بِمَا شَآءَۚ وَسِعَ كُرۡسِيُّهُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَۖ وَلَا يَـُٔودُهُۥ حِفۡظُهُمَاۚ وَهُوَ ٱلۡعَلِيُّ ٱلۡعَظِيمُ ٢٥٥﴾

(Аллоҳ Таъоло [маъбуди ростин аст] ҳеҷ маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест; зиндаи поянда [ва қоим ба зот] аст; на хоби сабук [ғанаб, пинак] Ӯро фаро мегирад ва на хоби сангин; он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Ӯст. Кист, ки дар назди Ӯ ҷуз ба фармонаш шафоат кунад?! Гузашта ва ояндаи эшон [бандагон]-ро медонад ва [онон] ба чизе аз илми Ӯ иҳота [ва огоҳӣ] намеёбанд, магар он чи худ бихоҳад. Курсии Ӯ осмонҳо ва заминро дар бар гирифтааст ва нигаҳ доштани онҳо бар Ӯ [сангину] душвор

[1] Абудовуд (2/86), рақами (1523), Тирмизӣ, рақами (2903), Насоӣ (3/68), рақами (1335), ва нигаред: Саҳеҳи Тирмизӣ (2/8). Ва ин се064 

нест ва Ӯ баландмартаба [ва] бузург аст.)

(Сураи Бақара, ояти 255). Баъд аз ҳар намоз[1].

«لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ الْمُلْكُ وَلَهُ الْحَمْدُ يُحْيِي وَيُمِيتُ وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ»

"Ҳеҷ маъбуди (ростине) ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад, ягона ҳаст, ва шарике надорад.

Подшоҳӣ аз они Ӯст, ва ҳамду ситоиш аз они Ӯст, Зинда мекунад ва мемиронад ва Ӯ ба анҷоми ҳар коре қодиру тавоност."

Даҳ маротиба баъд аз намози шом ва субҳ.[2]

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ عِلْمًا نافِعًا، وَرِزْقًا طَيِّبًا، وَعَمَلًا مُتَقَبَّلًا»

«Эй Аллоҳ! Ман аз Ту илми судманд, ризқи покиза ва амали мақбулро хоҳонам».

بَعْدَ السَّلَامِ مِنْ صَلَاةِ الفَجْرِ.

Баъд аз салом додан аз намози бомдод.[3]

## 26. Дуои намози истихора

Ҷобир ибни Абдуллоҳ (разияллоҳу анҳумо)

---

1 «Ҳар кас онро дар охири ҳар намоз бихонад, ба ҷуз марг чизе аз дохил шудан ба биҳишт монеъаш намешавад». Насоӣ дар Амал-ул-явми ва-л-лайла, рақами (100) ва Ибни Суннӣ, рақами (121), ва Албонӣ онро дар Саҳеҳ-ул-ҷомеъ (5/339) ва Силсилату-л-аҳодиси-с-саҳиҳа (2/697), рақами (972) саҳеҳ донистааст.

2 Ривояти Тирмизӣ (5/515), рақами (3474), Аҳмад (4/227), рақами (17990), ва ба тахриҷи он дар Зодулмиъод (1/300) нигаред.

3 Ибни Моҷаҳ, рақами (925), Насоӣ дар Амал-ул-явм ва-л-лайла, рақами (102), ва нигаред: Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (1/152), Маҷмаъ-уз-завоид (10/111), ва бо рақами (95) меояд.

гуфт: Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) истихора дар ҳамаи корҳоро монанди сурае аз Қуръон барои мо меомӯхт ва мефармуд:

«إِذَا هَمَّ أَحَدُكُمْ بِالأَمْرِ فَلْيَرْكَعْ رَكْعَتَيْنِ مِنْ غَيْرِ الفَرِيضَةِ، ثُمَّ لِيَقُلْ:

"Агар ҳар ки аз шумо қасди коре кард, ду ракаъат намоз ғайр аз намози фарз бигузорад, сипас бигӯяд:

اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْتَخِيرُكَ بِعِلْمِكَ، وَأَسْتَقْدِرُكَ بِقُدْرَتِكَ، وَأَسْأَلُكَ مِنْ فَضْلِكَ العَظِيمِ؛ فَإِنَّكَ تَقْدِرُ وَلَا أَقْدِرُ، وَتَعْلَمُ وَلَا أَعْلَمُ، وَأَنْتَ عَلَّامُ الغُيُوبِ، اللَّهُمَّ إِنْ كُنْتَ تَعْلَمُ أَنَّ هَذَا الأَمْرَ - وَيُسَمِّي حَاجَتَهُ - خَيْرٌ لِي فِي دِينِي وَمَعَاشِي وَعَاقِبَةِ أَمْرِي – أَوْ قَالَ: عَاجِلِهِ وَآجِلِهِ - فَاقْدُرْهُ لِي وَيَسِّرْهُ لِي ثم بَارِكْ لِي فِيهِ، وَإِنْ كُنْتَ تَعْلَمُ أَنَّ هَذَا الْأَمْرَ شَرٌّ لِي فِي دِينِي وَمَعَاشِي وَعَاقِبَةِ أَمْرِي – أَوْ قَالَ: عَاجِلِهِ وَآجِلِهِ – فَاصْرِفْهُ عَنِّي وَاصْرِفْنِي عَنْهُ وَاقْدُرْ لِيَ الْخَيْرَ حَيْثُ كَانَ، ثُمَّ أَرْضِنِي بِهِ».

Эй Аллоҳ! Ман аз Ту талаби хайр мекунам бо илми Ту, ва талаби тавоноӣ мекунам бо қудрати Ту, ва аз фазли бузурги Ту мехоҳам, зеро Ту тавоноӣ ва ман тавоноӣ надорам, ва Ту медонӣ ва ман намедонам, ва Ту донандаи ҳамаи ғайбҳоӣ. Эй Аллоҳ! Агар Ту медонӣ, ки ин амр – ва ҳоҷаташро ном мебарад – барои дини ман, дунёи ман ва поёни корам – ё бигӯяд: ъоҷил ё оҷили корам – хайр аст, пас онро бароям муқаддар ва осон бигардон, сипас дар он бароям баракат деҳ. Ва агар Ту медонӣ, ки ин амр барои

дини ман, дунёи ман ва поёни корам – ё бигӯяд: ъоҷил ё оҷили корам – бад аст, онро аз ман дур кун ва манро аз он дур соз ва ҳарҷо ки хайр бошад, бароям муқаддар гардон, сипас манро ба он розӣ бигардон".[1]

Ва пушаймон намешавад касе, ки аз Холиқ истихора кунад ва бо махлуқони муъмин машварат намояд ва дар кори худ устувор бошад. Чунончи, Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло фармудааст:

﴿...وَشَاوِرۡهُمۡ فِي ٱلۡأَمۡرِۖ فَإِذَا عَزَمۡتَ فَتَوَكَّلۡ عَلَى ٱللَّهِ...﴾.

(...ва дар корҳо бо онон машварат кун ва он гоҳ ки тасмим [бар анҷоми коре] гирифтӣ, бар Аллоҳ Таъоло таваккал кун...)[2]

## 27. Зикрҳои субҳу шом

«Ҳамду ситоиш барои Аллоҳи якто ва дуруду салом бар касе, ки баъд аз ӯ паёмбаре нест.»[3]

"Аз шайтони рондашуда ба Аллоҳ паноҳ

---

[1] Бухорӣ (7/ 162), рақами (1162).

[2] (Сураи Оли Имрон, ояти 159).

[3] Аз Анас (разияллоҳу анҳу) марфуъан ривоят шуда, ки фармуд: «Ҳамоно нишастанам бо гурӯҳе, ки Худои Таъолоро аз намози бомдод то тулуи офтоб зикр мекунанд, барои ман аз ин ки чаҳор тан аз фарзандони Исмоилро озод кунам, маҳбубтар аст ва ҳамоно нишастанам бо гурӯҳе, ки Худоро аз намози аср то ғуруби офтоб зикр мекунанд, барои ман аз ин ки чаҳор танро озод кунам, маҳбубтар аст». Ривояти Абудовуд, рақами (3667) ва Албонӣ онро дар «Саҳеҳи Абудовуд» (2/698) ҳасан донистааст.

мебарам"

﴿ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلۡحَيُّ ٱلۡقَيُّومُۚ لَا تَأۡخُذُهُۥ سِنَةٞ وَلَا نَوۡمٞۚ لَّهُۥ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۗ مَن ذَا ٱلَّذِي يَشۡفَعُ عِندَهُۥٓ إِلَّا بِإِذۡنِهِۦۚ يَعۡلَمُ مَا بَيۡنَ أَيۡدِيهِمۡ وَمَا خَلۡفَهُمۡۖ وَلَا يُحِيطُونَ بِشَيۡءٖ مِّنۡ عِلۡمِهِۦٓ إِلَّا بِمَا شَآءَۚ وَسِعَ كُرۡسِيُّهُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَۖ وَلَا يَـُٔودُهُۥ حِفۡظُهُمَاۚ وَهُوَ ٱلۡعَلِيُّ ٱلۡعَظِيمُ ٢٥٥﴾

(Аллоҳ Таъоло [маъбуди ростин аст] ҳеҷ маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест; зиндаи поянда [ва қоим ба зот] аст; на хоби сабук [ғанаб, пинак] Ӯро фаро мегирад ва на хоби сангин; он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Ӯст. Кист, ки дар назди Ӯ ҷуз ба фармонаш шафоат кунад?! Гузашта ва ояндаи эшон [бандагон]-ро медонад ва [онон] ба чизе аз илми Ӯ иҳота [ва огоҳӣ] намеёбанд, магар он чи худ бихоҳад. Курсии Ӯ осмонҳо ва заминро дар бар гирифтааст ва нигаҳ доштани онҳо бар Ӯ [сангину] душвор нест ва Ӯ баландмартаба [ва] бузург аст).

(Сураи Бақара, ояти 255)[1].

﴿قُلۡ هُوَ ٱللَّهُ أَحَدٌ ١ ٱللَّهُ ٱلصَّمَدُ ٢ لَمۡ يَلِدۡ وَلَمۡ يُولَدۡ ٣ وَلَمۡ يَكُن لَّهُۥ كُفُوًا أَحَدُۢ ٤﴾

[1] «Касе, ки онро саҳар бигӯяд, то шом аз ҷинҳо паноҳ дода мешавад ва касе, ки онро шом бигӯяд, то саҳар аз онҳо паноҳ дода мешавад». Ҳоким (1/562) онро ривоят кардааст ва Албонӣ дар «Саҳеҳут-тарғиб ват-тарҳиб» (1/273) онро саҳеҳ дониста, ба Насоӣ ва Табаронӣ нисбат додааст ва гуфтааст: «Санади Табаронӣ ҷайид аст».

([Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ӯ Аллоҳ Таъоло яктост1.

Аллоҳ Таъоло бениёз аст [ва ҳама ниёзманди Ӯ ҳастанд] 2.

На [фарзанде] зода ва на зода шудааст 3.

Ва ҳеҷ кас ҳаммонанди ва ҳамтои Ӯ набуда ва нест 4») (Сураи Ихлос, оятҳои 1-4).

﴿قُلۡ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلۡفَلَقِ۝١ مِن شَرِّ مَا خَلَقَ۝٢ وَمِن شَرِّ غَاسِقٍ إِذَا وَقَبَ۝٣ وَمِن شَرِّ ٱلنَّفَّٰثَٰتِ فِي ٱلۡعُقَدِ۝٤ وَمِن شَرِّ حَاسِدٍ إِذَا حَسَدَ۝٥﴾

([Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ба Парвардигори сапедадам паноҳ мебарам 1.

Аз шарри тамоми он чи офаридааст 2.

Ва аз шарри торикии шаб он гоҳ ки ҳама ҷоро фаро гирад 4.

Ва аз шар [-и занони ҷодугар], ки бо афсун дар гиреҳҳо медаманд 4.

Ва аз шарри ҳасуд он гоҳ ки ҳасад варзад 5.»

(Сураи Фалақ, оятҳои 1-5).

﴿قُلۡ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلنَّاسِ۝١ مَلِكِ ٱلنَّاسِ۝٢ إِلَٰهِ ٱلنَّاسِ۝٣ مِن شَرِّ ٱلۡوَسۡوَاسِ ٱلۡخَنَّاسِ۝٤ ٱلَّذِي يُوَسۡوِسُ فِي صُدُورِ ٱلنَّاسِ۝٥ مِنَ ٱلۡجِنَّةِ وَٱلنَّاسِ۝٦﴾

([Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ба Парвардигори мардум паноҳ мебарам 1.

Фармонравои мардум 2.

Маъбуди мардум 3.

Аз шарри [шайтони] васвасагар, ки [ба

ҳангоми зикри Аллоҳ Таъоло] пинҳон мегардад4.

Ҳамоне ки дар дилҳои мардум васваса мекунад 5.

Аз ҷинниён [бошад] ва [ё аз] одамиён 6.»)

(Сураи Нос, оятҳои 1-6) (се маротиба)[1].

«أَصْبَحْنَا وَأَصْبَحَ الْمُلْكُ لِلَّهِ، وَالْحَمْدُ لِلَّهِ، لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ الْمُلْكُ وَلَهُ الْحَمْدُ وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ، رَبِّ أَسْأَلُكَ خَيْرَ مَا فِي هَذَا الْيَوْمِ وَخَيْرَ مَا بَعْدَهُ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّ مَا فِي هَذَا الْيَوْمِ وَشَرِّ مَا بَعْدَهُ، رَبِّ أَعُوذُ بِكَ مِنَ الْكَسَلِ وَسُوءِ الْكِبَرِ، رَبِّ أَعُوذُ بِكَ مِنْ عَذَابٍ فِي النَّارِ وَعَذَابٍ فِي الْقَبْرِ».

«Мо ва тамоми ҷаҳониён барои Аллоҳ субҳ кардем. Ҳамду ситоиш барои Аллоҳ аст, ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Аллоҳ нест, ягона аст, ҳеҷ шарике надорад. Подшоҳӣ аз они Ӯст ва ҳамду ситоиш барои Ӯст ва Ӯ бар ҳама чиз Қодиру Тавоност. Парвардигоро! Аз Ту хайри он чи дар ин рӯз ҳаст ва хайри он чи баъд аз он меояд, талаб дорам ва ба Ту паноҳ мебарам аз бадии он чи дар ин рӯз ҳаст ва бадии он чи баъд аз он меояд. Парвардигоро! Ба Ту паноҳ мебарам аз танбалӣ ва бадиҳои пирӣ. Парвардигоро! Ба Ту паноҳ мебарам аз азобе

[1] «Ҳар касе онро чун субҳ менамояд ва чун шаб мекунад, се бор бигӯяд, ӯро аз ҳар чизе кифоят мекунад». Абу Довуд (4/322) бо рақами (5082) ва Тирмизӣ (5/567) бо рақами (3575) ривоят кардаанд ва ниг: Саҳеҳи Тирмизӣ (3/182).

дар оташи дӯзах ва азобе дар қабр.»[1]

Ва ҳангоми шом шудан мегӯяд:

«أَمْسَيْنَا وَأَمْسَى الْمُلْكُ لِلَّهِ، وَالحَمْدُ لِلَّهِ، لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ الْمُلْكُ وَلَهُ الحَمْدُ وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ، رَبِّ أَسْأَلُكَ خَيْرَ مَا فِي هَذِهِ اللَّيْلَةِ، وَخَيْرَ مَا بَعْدَهَا، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّ مَا فِي هَذِهِ اللَّيْلَةِ، وَشَرِّ مَا بَعْدَهَا، رَبِّ أَعُوذُ بِكَ مِنَ الكَسَلِ وَسُوءِ الكِبَرِ، رَبِّ أَعُوذُ بِكَ مِنْ عَذَابٍ فِي النَّارِ وَعَذَابٍ فِي القَبْرِ».

«Мо ва тамоми ҷаҳониён барои Аллоҳ бегоҳ кардем. Ҳамду ситоиш барои Аллоҳ аст ва ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Аллоҳ нест, ягона аст, ҳеҷ шарике надорад. Подшоҳӣ аз они Ӯст ва ҳамду ситоиш барои Ӯст ва Ӯ бар ҳама чиз Қодиру Тавоност. Парвардигоро! Аз Ту хайри он чи дар ин шаб ҳаст ва хайри он чи баъд аз он меояд, талаб дорам ва ба Ту паноҳ мебарам аз бадии он чи дар ин шаб ҳаст ва бадии он чи баъд аз он меояд. Парвардигоро! Ба Ту паноҳ мебарам аз танбалӣ ва бадиҳои пирӣ. Парвардигоро! Ба Ту паноҳ мебарам аз азоби оташи дӯзах ва азоби қабр.»[2].

«اللَّهُمَّ بِكَ أَصْبَحْنَا، وَبِكَ أَمْسَيْنَا، وَبِكَ نَحْيَا، وَبِكَ نَمُوتُ وَإِلَيْكَ النُّشُورُ».

«Эй Аллоҳ! Бо кумаки Ту ба субҳ расидем ва бо кумаки Ту ба шом расидем ва бо кумаки Ту

---

[1] Муслим (4/2088), рақами (2723).
[2] Маъхази пешин.

зинда мешавем ва бо кумаки Ту мемирем ва ба сӯи Туст бозгашти ҳама.»[1]

Ва ҳангоми шом мегӯяд:

«اللَّهُمَّ بِكَ أَمْسَيْنَا، وَبِكَ أَصْبَحْنَا، وَبِكَ نَحْيَا، وَبِكَ نَمُوتُ، وَإِلَيْكَ الْمَصِيرُ».

«Эй Аллоҳ! Бо кумаки Ту ба шом расидем ва бо кумаки Ту ба субҳ расидем ва бо кумаки Ту зинда мешавем ва бо кумаки Ту мемирем ва ба сӯи Туст бозгашт.»[2]

«اللَّهُمَّ أَنْتَ رَبِّي لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ، خَلَقْتَنِي وَأَنَا عَبْدُكَ، وَأَنَا عَلَى عَهْدِكَ وَوَعْدِكَ مَا اسْتَطَعْتُ، أَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّ مَا صَنَعْتُ، أَبُوءُ لَكَ بِنِعْمَتِكَ عَلَيَّ، وَأَبُوءُ بِذَنْبِي فَاغْفِرْ لِي فَإِنَّهُ لَا يَغْفِرُ الذُّنُوبَ إِلَّا أَنْتَ».

«Худоё, Ту Парвардигори манӣ маъбуди барҳақе ҷуз Ту нест, маро офаридӣ ва ман бандаи Туам ва бар аҳд ва паймони Ту ба қадри тавон истодаам. Аз бадӣ ва зиштии он чӣ анҷом додаам, ба Ту паноҳ меҷӯям, ба неъматат бар хеш эътироф дорам[3] ва ҳам бар гуноҳонам эътироф дорам, пас маро биёмурз, зеро гуноҳонро ҷуз Ту касе намеомурзад.»[4]

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَصْبَحْتُ أُشْهِدُكَ، وَأُشْهِدُ حَمَلَةَ عَرْشِكَ، وَمَلَائِكَتِكَ، وَجَمِيعَ

---

[1] Тирмизӣ (5/466), рақами (3391) ва нигаред: Саҳеҳи Тирмизӣ (3/142).
[2] Маъхази пешин.
[3] Иқрор ва эътироф мекунам.
[4] «Ҳар ки онро ҳангоми шом ба он яқин дошта бигӯяд ва дар ҳамон шаб бимирад, вориди биҳишт мешавад ва ҳамчунин агар ҳангоми саҳар бигӯяд.» Бухорӣ (7/150) бо рақами (6306) онро ривоят кардааст.

خَلْقِكَ، أَنَّكَ أَنْتَ اللَّهُ لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ وَحْدَكَ لَا شَرِيكَ لَكَ، وَأَنَّ مُحَمَّدًا عَبْدُكَ وَرَسُولُكَ»

«Эй Аллоҳ! Ман дар ин субҳ Туро гувоҳ мегирам ва ҳомилони Арш ва малоикаҳо ва тамоми махлуқотатро гувоҳ мегирам, ки фақат Ту Аллоҳ ҳастӣ, ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Ту нест, ягона ва бешарик ҳастӣ ва ин ки Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) банда ва расули Туст.»

Чаҳор маротиба[1].

Ва ҳангоми шом мегӯяд:

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَمْسَيْتُ أُشْهِدُكَ، وَأُشْهِدُ حَمَلَةَ عَرْشِكَ، وَمَلَائِكَتِكَ، وَجَمِيعَ خَلْقِكَ، أَنَّكَ أَنْتَ اللَّهُ لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ وَحْدَكَ لَا شَرِيكَ لَكَ، وَأَنَّ مُحَمَّدًا عَبْدُكَ وَرَسُولُكَ».

«Эй Аллоҳ! Ман дар ин шом Туро гувоҳ мегирам ва ҳомилони Арш ва малоикаҳо ва тамоми махлуқотатро гувоҳ мегирам, ки фақат Ту Аллоҳ ҳастӣ, ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Ту нест, ягона ва бешарик ҳастӣ ва ин ки Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) банда ва расули Туст.»

---

[1] «Касе, ки онро ҳангоми субҳ ё шом чаҳор маротиба бигӯяд, Худованд ӯро аз оташи дӯзах озод месозад». Абудовуд (4/317) таҳти рақами (5071), Бухорӣ дар «Ал-Адаб-ул-муфрад» таҳти рақами (1201), Насоӣ дар «Амал-ул-явми ва-л-лайла» таҳти рақами (9) ва Ибни Суннӣ таҳти рақами (70) онро ривоят кардаанд ва Аллома Шайх Ибни Боз (раҳматуллоҳи алайҳ) санади Насоӣ ва Абудовудро дар китоби «Туҳфат-ул-ахёр» (саҳ. 23) ҳасан донистаанд.

чаҳор маротиба[1].

«اللَّهُمَّ مَا أَصْبَحَ بِي مِنْ نِعْمَةٍ أَوْ بِأَحَدٍ مِنْ خَلْقِكَ فَمِنْكَ وَحْدَكَ لَا شَرِيكَ لَكَ، فَلَكَ الحَمْدُ وَلَكَ الشُّكْرُ».

"Эй Аллоҳ! Ҳар неъмате, ки ба ман дар ин субҳ ё ба ҳар яке аз махлуқотат расидааст, аз тарафи Ту асту бас, шарике надорӣ, пас барои Ту аст ҳамду сано ва барои Ту аст шукр."[2]

Ва ҳангоми шом шудан мегӯяд:

«اللَّهُمَّ مَا أَمْسَى بِي مِنْ نِعْمَةٍ أَوْ بِأَحَدٍ مِنْ خَلْقِكَ فَمِنْكَ وَحْدَكَ لَا شَرِيكَ لَكَ، فَلَكَ الحَمْدُ وَلَكَ الشُّكْرُ».

"Эй Аллоҳ! Ҳар неъмате, ки ба ман дар ин шом ё ба ҳар яке аз махлуқотат расидааст, аз тарафи Ту асту бас, шарике надорӣ, пас барои Ту аст ҳамду сано ва барои Ту аст шукр."[3]

«اللَّهُمَّ عَافِنِي فِي بَدَنِي، اللَّهُمَّ عَافِنِي فِي سَمْعِي، اللَّهُمَّ عَافِنِي فِي بَصَرِي، لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ، اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنَ الكُفْرِ، وَالفَقْرِ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ عَذَابِ القَبْرِ، لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ».

---

1 Маъхази пешин.

2 «Ҳар ки инро ба ҳангоме ки субҳ намояд, бигӯяд, ба таҳқиқ шукри рӯзи худро адо кардааст ва он ки инро ба ҳангоме ки шом мекунад, бигӯяд, ба таҳқиқ шукри шаби худро адо кардааст.» Абудовуд (4/318) бо рақами (5075), Насоӣ дар «Амалу-л-явми ва-л-лайла» бо рақами (7), Ибни Суннӣ бо рақами (41) ва Ибни Ҳиббон дар «Маворид» бо рақами (2361) ривоят кардаанд ва Ибни Боз (раҳимаҳуллоҳ) санади онро дар «Туҳфату-л-ахёр» (саҳ. 24) ҳасан донистааст.

3 Маъхази пешин.

"Эй Аллоҳ, маро дар баданам офият бахш, эй Аллоҳ, маро дар шунавоиям офият бахш, эй Аллоҳ, маро дар биноиям офият бахш, ҳеч маъбуди барҳақ ҷуз Ту нест. Эй Аллоҳ, ман ба Ту паноҳ мебарам аз куфр ва фақр ва ба Ту паноҳ мебарам аз азоби қабр, ҳеч маъбуди барҳақ ҷуз Ту нест."

Се маротиба[1].

«حَسْبِيَ اللَّهُ لَا إِلَهَ إِلَّا هُوَ عَلَيهِ تَوَكَّلتُ وَهُوَ رَبُّ العَرْشِ العَظِيمِ».

«Аллоҳ барои ман кофист, ҳеч маъбуди (баҳаққе) ҷуз Ӯ нест. Бар Ӯ таваккал намудам ва Ӯ Парвардигори Арши бузург аст.»

Ҳафт маротиба[2].

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ العَفْوَ وَالعَافِيَةَ فِي الدُّنْيَا وَالآخِرَةِ، اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ العَفْوَ وَالعَافِيَةَ: فِي دِينِي وَدُنْيَايَ وَأَهْلِي، وَمَالِي، اللَّهُمَّ اسْتُرْ عَوْرَاتِي، وَآمِنْ رَوْعَاتِي، اللَّهُمَّ احْفَظْنِي مِنْ بَينِ يَدَيَّ، وَمِنْ خَلْفِي، وَعَنْ يَمِينِي، وَعَنْ شِمَالِي، وَمِنْ فَوْقِي، وَأَعُوذُ

---

[1] Абудовуд (4/324), рақами (5092), Аҳмад (5/42), рақами (20430), Насоӣ дар «Амалул-явм вал-лайла», рақами (22), ибни Суннӣ, рақами (69) ва Бухорӣ дар «Адабул-муфрад», рақами (701), ва Аллома Ибни Боз (раҳимаҳуллоҳ) санади онро дар «Туҳфатул-ахёр» (саҳ. 26) ҳасан донистааст.

[2] «Ҳар ки ба ҳангоме ки субҳ намояд ва шом мекунад, онро ҳафт бор бигӯяд, Худованд ӯро дар он чи аз корҳои дунё ва охират ба ташвиш меоварад, кифоят мекунад.»

Ибни Суннӣ онро таҳти рақами (71) ба таври марфуъ ва Абудовуд ба таври мавқуф (4/ 321) таҳти рақами (5081) ривоят кардаанд ва Шуайб ва Абдулқодири Арнаут иснoди онро саҳеҳ донистаанд. Ниг: Зодул-миъод (2/376).

بِعَظَمَتِكَ أَنْ أُغْتَالَ مِنْ تَحْتِي».

«Эй Аллоҳ! Аз Ту афву офият дар дунё ва охират хоҳонам. Эй Аллоҳ! Аз Ту афву офият дар дину дунё ва хонадону молам, хоҳонам. Эй Аллоҳ! Шармгоҳамро бипӯшон ва тарсамро ба амният табдил деҳ. Эй Аллоҳ! Маро аз пеши рӯ ва пушти сар ва аз тарафи росту чапам ва аз болои сарам ҳифз намо. Ва ба азамати Ту паноҳ мебарам аз ин ки ногаҳон аз самти поинам кушта шавам.»[1]

«اللَّهُمَّ عَالِمَ الغَيْبِ وَالشَّهَادَةِ فَاطِرَ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضِ، رَبَّ كُلِّ شَيْءٍ وَمَلِيكَهُ، أَشْهَدُ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ، أَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّ نَفْسِي، وَمِنْ شَرِّ الشَّيْطَانِ وَشَرَكِهِ، وَأَنْ أَقْتَرِفَ عَلَى نَفْسِي سُوءًا، أَوْ أَجُرَّهُ إِلَى مُسْلِمٍ».

«Эй Аллоҳ, донандаи пинҳону ошкор, Офаридгори осмонҳову замин! Парвардигор ва подшоҳи ҳама чиз ҳастӣ, гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Ту нест. Ба Ту паноҳ мебарам аз бадии нафсам ва бадӣ ва доми шайтон ва аз ин ки ба худ кори баде кунам ва ё ба мусалмоне онро раво донам.»[2]

«بِسْمِ اللَّهِ الَّذِي لَا يَضُرُّ مَعَ اسْمِهِ شَيْءٌ فِي الأَرْضِ وَلَا فِي السَّمَاءِ وَهُوَ السَّمِيعُ

---

[1] Абудовуд, рақами (5074) ва Ибни Моҷаҳ, рақами (3871) ва нигар: Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (2/332).

[2] Тирмизӣ, рақами (3392), Абудовуд, рақами (5067), ва нигаред: Саҳиҳи Тирмизӣ (3/142).

«العَلِيمُ»

«Ба номи Аллоҳ, ки ҳамроҳ бо номи Ӯ ҳеҷ чиз дар замину осмон зараре намерасонад ва Ӯ Шунавову Доност»

Се маротиба[1].

«رَضِيتُ بِاللَّهِ رَبًّا، وَبِالإِسْلَامِ دِينًا، وَبِمُحَمَّدٍ ﷺ نَبِيًّا».

"Ман ба Аллоҳ ҳамчун Парвардигор, ба Ислом ҳамчун дин ва ба Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳамчун паёмбар қонеъ ва розӣ ҳастам".

Се маротиба[2].

«يَا حَيُّ يَا قَيُّومُ بِرَحْمَتِكَ أَسْتَغِيثُ أَصْلِحْ لِي شَأْنِي كُلَّهُ وَلَا تَكِلْنِي إِلَى نَفْسِي طَرْفَةَ عَيْنٍ».

"Эй Зиндаву Тадбиркунандаи олам ба раҳматат аз Ту мадад мехоҳам, ҳамаи корҳоямро

---

[1] «Касе, ки онро субҳ се маротиба ва шом се маротиба бигӯяд, ҳеҷ чизе ба вай зарар намерасонад.»

Ривояти Абудовуд (4/ 323), рақами (5088), Тирмизӣ (5/ 465), рақами (3388), Ибни Моҷаҳ, рақами (3869), Аҳмад, рақами (446). Ва нигаред: Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (2/332), ва Аллома Ибни Боз (раҳимаҳуллоҳ) санади онро дар «Туҳфатул-ахёр» (саҳ. 39) ҳасан донистааст.

[2] «Ҳар касе онро ба ҳангоме ки субҳ намояд, се бор ва ба ҳангоме ки шом мекунад, се бор бигӯяд, бар Худованд ҳақ аст, ки дар рӯзи қиёмат ӯро хушнуд ва розӣ созад.»

Аҳмад (4/337), рақами (18967), Насоӣ дар «Амалу-л-явми ва-л-лайла», рақами (4), Ибни Суннӣ, рақами (68), Абудовуд (4/318), рақами (1531), Тирмизӣ (5/465), рақами (3389) ва Ибни Боз (раҳимаҳуллоҳ) дар «Туҳфатул-ахёр» (саҳ. 39) онро ҳасан донистааст.

ислоҳ намо ва маро ҳатто ба андозаи як мижа задан ба худам вомагузор."[1]

«أَصْبَحْنَا وَأَصْبَحَ المُلْكُ لِلَّهِ رَبِّ العَالَمِينَ، اللَّهُـمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ خَيْرَ هَذَا اليَوْمِ: فَتْحَهُ، وَنَصْرَهُ، وَنورَهُ، وَبَرَكَتَهُ، وَهُدَاهُ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّ مَا فِيهِ وَشَرِّ مَا بَعْدَهُ».

«Мо ва тамоми ҷаҳониён барои Аллоҳ, Парвардигори ҷаҳониён, субҳ кардем. Эй Аллоҳ! Аз Ту хайри ин рӯзро хоҳонам: кушоиши он, ёрии он, нури он, баракати он ва ҳидояти онро, ва ба Ту паноҳ мебарам аз бадии он чи дар он ҳаст ва бадии он чи баъд аз он меояд.»[2]

Ва ҳангоми шом шудан мегӯяд:

«أَمْسَيْنَا وَأَمْسَى المُلْكُ لِلَّهِ رَبِّ العَالَمِينَ، اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ خَيْرَ هَذِهِ اللَّيْلَةِ: فَتْحَهَا، وَنَصْرَهَا، وَنُورَهَا، وَبَرَكَتَهَا، وَهُدَاهَا، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّ مَا فِيهَا، وَشَرِّ مَا بَعْدَهَا».

"Мо ва коинот барои Аллоҳ, Парвардигори ҷаҳониён, шом кардем. Эй Аллоҳ! Аз Ту хайри ин шабро хоҳонам: кушоиш, ёрӣ, нур, баракат ва ҳидояти онро. Ва ба Ту паноҳ мебарам аз бадии он чи дар он аст ва бадии он чи баъд аз он аст.»[3]

---

[1] Ҳоким, ва саҳеҳаш гуфтааст, ва Заҳабӣ бо ӯ мувофиқат кардааст (1/545), ва нигаред: "Саҳеҳи тарғиб ва тарҳиб" (1/273).

[2] Абудовуд (4/322), рақами (5084), ва санади онро Шуайб ва Абдулқодири Арнаут дар таҳқиқи «Зодул-миъод» (2/373) ҳасан донистаанд.

[3] Маъхази пешин.

«أَصْبَحْنا عَلَى فِطْرَةِ الإِسْلَامِ، وَعَلَى كَلِمَةِ الإِخْلَاصِ، وَعَلَى دِينِ نَبِيِّنَا مُحَمَّدٍ ﷺ، وَعَلَى مِلَّةِ أَبِينَا إِبْرَاهِيمَ، حَنِيفًا مُسْلِمًا وَمَا كَانَ مِنَ المُشرِكِينَ».

«Субҳ кардем бар фитрати Ислом ва бар калимаи ихлос ва бар дини паёмбарамон Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва бар оини падарамон Иброҳим, ки ҳақгарову мусалмон буд ва ҳаргиз дар зумраи мушрикон набуд.»[1]

Ва ҳангоми шом мегӯяд:

«أَمْسَيْنَا عَلَى فِطْرَةِ الإِسْلَامِ، وَعَلَى كَلِمَةِ الإِخْلَاصِ، وَعَلَى دِينِ نَبِيِّنَا مُحَمَّدٍ ﷺ، وَعَلَى مِلَّةِ أَبِينَا إِبْرَاهِيمَ، حَنِيفًا مُسْلِمًا وَمَا كَانَ مِنَ المُشرِكِينَ».

«Шом кардем бар фитрати Ислом ва бар калимаи ихлос ва бар дини паёмбарамон Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва бар дини падарамон Иброҳим (алайҳис-салом), ки яктопараст ва мусулмон буд ва аз мушрикон набуд.»[2]

«سُبْحَانَ اللَّهِ وَبِحَمْدِهِ»

"Пок аст Аллоҳ ва ҳамду ситоиш аз они Ӯст".

Сад маротиба[3].

---

1 Аҳмад (3/406) ва (407), рақами (15360) ва (15563), ва Ибни Суннӣ дар Амалу-л-явми ва-л-лайла, рақами (34), ва нигар: Саҳеҳу-л-ҷомеъ (4/209).

2 Маъхази пешин.

3 «Ҳар кас онро ба ҳангоме ки субҳ намояд ё шом мекунад, сад бор бигӯяд, ҳеҷ кас дар рӯзи қиёмат беҳтар аз он чи вай овардааст,

«لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ الْمُلْكُ وَلَهُ الحَمْدُ، وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ»

«Ҳеҷ маъбуди (ростине) ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад, ягона ҳаст, ва шарике надорад.

Подшоҳӣ аз они Ӯст, ва ҳамду ситоиш аз они Ӯст ва Ӯ ба анҷоми ҳар коре қодиру тавоност.»

Даҳ маротиба[1], ё як бор ҳангоми танбалӣ.[2]

«لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ المُلْكُ وَلَهُ الحَمْدُ وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ»

"Ҳеҷ маъбуди (ростине) ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад, ягона ҳаст, ва шарике надорад.

Подшоҳӣ аз они Ӯст, ва ҳамду ситоиш аз они Ӯст ва Ӯ ба анҷоми ҳар коре қодиру тавоност."

Сад маротиба ҳангоми субҳ[3].

---

намеоварад, магар ин ки мисли ӯ гуфта ва ё бар он афзуда бошад.» Муслим (4/2071) ба рақами (2692).

1 Насоӣ дар Амалу-л-явми ва-л-лайла, рақами (24), ва нигаред ба: Саҳеҳ-ут-тарғиб ва-т-тарҳиб (1/272), ва Туҳфат-ул-ахёр-и Ибни Боз (раҳимаҳуллоҳ) (саҳ. 44), ва фазилати онро дар (саҳ. 146) ҳадиси рақами (255) нигаред.

2 Абудовуд, рақами (5077), Ибни Моҷаҳ, рақами (3798), Аҳмад, рақами (8719), ва нигаред: Саҳиҳут-тарғиб ват-тарҳиб (1/270), Саҳиҳи Абудовуд (3/957), Саҳиҳи Ибни Моҷаҳ (2/331), Зодул-миъод (2/377).

3 «Ҳар кас онро дар як рӯз сад бор бигӯяд, барояш баробари озод кардани даҳ барда аст ва барояш сад некӣ навишта мешавад ва аз ӯ сад гуноҳ кам мегардад ва барои ӯ дар он рӯз то шом ҳифз ва паноҳе аз шайтон мебошад ва ҳеҷ як беҳтар аз он чи ки вай оварда, намеоварад, магар касе, ки бештар аз он амал намудааст.» Бухорӣ (4/ 95) бо рақами (3293) ва Муслим (4/ 2071) бо рақами (2691).

«سُبْحَانَ اللَّهِ وَبِحَمْدِهِ: عَدَدَ خَلْقِهِ، وَرِضَا نَفْسِهِ، وَزِنَةَ عَرْشِهِ، وَمِدَادَ كَلِمَاتِهِ»

«Пок аст Худо ва ҳамду ситоиш мекунем Ӯро ба андозаи махлуқоташ ва вазни ъаршаш ва ҷавҳари суханонаш.»

Се маротиба ҳангоми субҳ.[1]

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ عِلْمًا نَافِعًا، وَرِزْقًا طَيِّبًا، وَعَمَلًا مُتَقَبَّلًا»

«Бор илоҳо! Ман аз Ту илми судманд, ризқи покиза ва амали мақбулро хоҳонам.»

Чун субҳ шавад[2].

«أَسْتَغْفِرُ اللَّهَ وَأَتُوبُ إِلَيْهِ»

"Аз Худо омурзиш металабам ва ба суи Ӯ тавба мекунам"

Сад маротиба дар як рӯз.[3]

«أَعُوذُ بِكَلِمَاتِ اللَّهِ التَّامَّاتِ مِنْ شَرِّ مَا خَلَقَ»

"Паноҳ мебарам ба калимаҳои комили Аллоҳ аз бадии он чи офаридааст."

Се маротиба ҳангоми шом.[4]

---

1 Муслим (4/2090), рақами (2726).

2 Ривояти Ибни Суннӣ дар Амалу-л-явми ва-л-лайла, рақами (54), Ибни Моҷаҳ, рақами (925), ва санади онро Абдулқодир ва Шуайб ал-Арнаут дар таҳқиқи Зоду-л-маъод (2/375) ҳасан донистаанд ва бо рақами (73) гузашт.

3 Бухорӣ бо Фатҳ (11/101), рақами (6307), Муслим (4/2075), рақами (2702).

4 «Ҳар касе онро ҳангоми шом се маротиба бигӯяд, неши заҳрдоре дар он шаб ба вай зарар намерасонад.»

«اللَّهُمَّ صَلِّ وَسَلِّمْ عَلَى نَبِيِّنَا مُحَمَّدٍ»

"Аллоҳумма саллӣ ва саллим ъало набийино Муҳаммад."

Даҳ маротиба.[1]

## 28. Зикрҳои хоб

(Кафҳои дасташро ҷамъ мекунад, сипас ба онҳо дам мекунад ва ин сураҳоро мехонад:

﴿قُلۡ هُوَ ٱللَّهُ أَحَدٌ ١ ٱللَّهُ ٱلصَّمَدُ ٢ لَمۡ يَلِدۡ وَلَمۡ يُولَدۡ ٣ وَلَمۡ يَكُن لَّهُۥ كُفُوًا أَحَدُۢ ٤﴾

([Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ӯ Аллоҳ Таъоло яктост1.

Аллоҳ Таъоло бениёз аст [ва ҳама ниёзманди Ӯ ҳастанд] 2.

На [фарзанде] зода ва на зода шудааст 3.

Ва ҳеҷ кас ҳаммонанди ва ҳамтои Ӯ набуда ва нест 4») (Сураи Ихлос, оятҳои 1-4).

﴿قُلۡ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلۡفَلَقِ ١ مِن شَرِّ مَا خَلَقَ ٢ وَمِن شَرِّ غَاسِقٍ إِذَا وَقَبَ ٣ وَمِن شَرِّ ٱلنَّفَّٰثَٰتِ فِي ٱلۡعُقَدِ ٤ وَمِن شَرِّ حَاسِدٍ إِذَا حَسَدَ ٥﴾

---

Ривояти Аҳмад (2/290), рақами (7898), Насоӣ дар «Амалу-л-явми ва-л-лайла», рақами (590) ва Ибни Суннӣ, рақами (68), ва нигаред ба: «Саҳеҳи Тирмизӣ» (3/187), «Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ» (2/266) ва «Туҳфат-ул-ахёр»-и Ибни Боз (саҳ. 45).

[1] «Ҳар ки бар ман ҳангоми субҳ даҳ бор ва ҳангоми шом даҳ бор дуруд бифиристад, рӯзи қиёмат шафоати ман ба ӯ мерасад».

Табаронӣ онро бо ду санад ривоят кардааст: яке аз онҳо ҷаййид аст, ниг: Маҷмаъ-уз-завоид (10/120) ва Саҳеҳ-ут-тарғиб ват-тарҳиб (1/273).

([Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ба Парвардигори сапедадам паноҳ мебарам 1.

Аз шарри тамоми он чи офаридааст 2.

Ва аз шарри торикии шаб он гоҳ ки ҳама ҷоро фаро гирад 3.

Ва аз шар [-и занони ҷодугар], ки бо афсун дар гиреҳҳо медаманд 4.

Ва аз шарри ҳасуд он гоҳ ки ҳасад варзад 5.»)

(Сураи Фалақ, оятҳои 1-5).

﴿قُلۡ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلنَّاسِ ١ مَلِكِ ٱلنَّاسِ ٢ إِلَٰهِ ٱلنَّاسِ ٣ مِن شَرِّ ٱلۡوَسۡوَاسِ ٱلۡخَنَّاسِ ٤ ٱلَّذِي يُوَسۡوِسُ فِي صُدُورِ ٱلنَّاسِ ٥ مِنَ ٱلۡجِنَّةِ وَٱلنَّاسِ ٦﴾

([Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ба Парвардигори мардум паноҳ мебарам 1.

Фармонравои мардум 2.

Маъбуди мардум 3.

Аз шарри [шайтони] васвасагар, ки [ба ҳангоми зикри Аллоҳ Таъоло] пинҳон мегардад4.

Ҳамоне, ки дар дилҳои мардум васваса мекунад 5.

Аз ҷинниён [бошад] ва [ё аз] одамиён 6.»)

(Сураи Нос, оятҳои 1-6).

Сипас бо онҳо то он ҷое аз баданашро, ки метавонад, масҳ мекашад, аз сару рӯяш ва қисмати пеши баданаш шуруъ мекунад) (ин

корро се бор анҷом медиҳад).[1]

﴿ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلۡحَيُّ ٱلۡقَيُّومُۚ لَا تَأۡخُذُهُۥ سِنَةٞ وَلَا نَوۡمٞۚ لَّهُۥ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۗ مَن ذَا ٱلَّذِي يَشۡفَعُ عِندَهُۥٓ إِلَّا بِإِذۡنِهِۦۚ يَعۡلَمُ مَا بَيۡنَ أَيۡدِيهِمۡ وَمَا خَلۡفَهُمۡۖ وَلَا يُحِيطُونَ بِشَيۡءٖ مِّنۡ عِلۡمِهِۦٓ إِلَّا بِمَا شَآءَۚ وَسِعَ كُرۡسِيُّهُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَۖ وَلَا يَـُٔودُهُۥ حِفۡظُهُمَاۚ وَهُوَ ٱلۡعَلِيُّ ٱلۡعَظِيمُ ٢٥٥﴾

(Аллоҳ Таъоло [маъбуди ростин аст] ҳеҷ маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест; зиндаи поянда [ва қоим ба зот] аст; на хоби сабук [ғанаб, пинак] Ӯро фаро мегирад ва на хоби сангин; он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Ӯст. Кист, ки дар назди Ӯ ҷуз ба фармонаш шафоат кунад?! Гузашта ваояндаи эшон [бандагон]-ро медонад ва [онон] ба чизе аз илми Ӯ иҳота [ва огоҳӣ] намеёбанд, магар он чи худ бихоҳад. Курсии Ӯ осмонҳо ва заминро дар бар гирифтааст ва нигаҳ доштани онҳо бар Ӯ [сангину] душвор нест ва Ӯ баландмартаба [ва] бузург аст.)

(Сураи Бақара, ояти 255).[2]

﴿ءَامَنَ ٱلرَّسُولُ بِمَآ أُنزِلَ إِلَيۡهِ مِن رَّبِّهِۦ وَٱلۡمُؤۡمِنُونَۚ كُلٌّ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَمَلَٰٓئِكَتِهِۦ وَكُتُبِهِۦ وَرُسُلِهِۦ لَا نُفَرِّقُ بَيۡنَ أَحَدٖ مِّن رُّسُلِهِۦۚ وَقَالُواْ سَمِعۡنَا وَأَطَعۡنَاۖ غُفۡرَانَكَ رَبَّنَا

[1] " Бухорӣ бо Фатҳ (9/62), рақами (5017), Муслим, рақами (2192)."

[2] «Ҳар касе онро вақте ки ба бистари хобаш қарор гирифт, бихонад, Худованд ӯро муҳофизат мекунад ва шайтон то субҳ ба ӯ наздик намешавад.» Бухорӣ бо Фатҳ (4/487) таҳти рақами (2311).

وَإِلَيۡكَ ٱلۡمَصِيرُ ٢٨٥ لَا يُكَلِّفُ ٱللَّهُ نَفۡسًا إِلَّا وُسۡعَهَاۚ لَهَا مَا كَسَبَتۡ وَعَلَيۡهَا مَا
ٱكۡتَسَبَتۡۗ رَبَّنَا لَا تُؤَاخِذۡنَآ إِن نَّسِينَآ أَوۡ أَخۡطَأۡنَاۚ رَبَّنَا وَلَا تَحۡمِلۡ عَلَيۡنَآ إِصۡرٗا كَمَا
حَمَلۡتَهُۥ عَلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِنَاۚ رَبَّنَا وَلَا تُحَمِّلۡنَا مَا لَا طَاقَةَ لَنَا بِهِۦۖ وَٱعۡفُ عَنَّا وَٱغۡفِرۡ
لَنَا وَٱرۡحَمۡنَآۚ أَنتَ مَوۡلَىٰنَا فَٱنصُرۡنَا عَلَى ٱلۡقَوۡمِ ٱلۡكَٰفِرِينَ ٢٨٦﴾

(Расул [-и Аллоҳ Таъоло] ба он чи аз [сӯйи] Парвардигораш бар ӯ нозил шуда, имон овардааст ва муъминон [низ] ҳамагӣ ба Аллоҳ Таъоло ва фариштагону китобҳо ва паёмбаронаш имон овардаанд; [ва суханашон ин аст, ки]: "Миёни ҳеҷ як аз паёмбаронаш [дар имон ба эшон] тафовуте намегузорем" ва гуфтанд: "Шунидем ва итоат кардем. Парвардигоро, омурзиши Туро [хоҳонем] ва бозгашти [тамоми умур] ба сӯйи Туст.

Аллоҳ Таъоло ҳеҷ касро ҷуз ба андозаи тавонаш таклиф [уҳдадор] намекунад. Он чи [аз хубӣ] ба даст овардааст ба суди ӯст ва он чи [аз бадӣ] касб кардааст, ба зиёни ӯст. [Паёмбарон ва муъминон гуфтанд:] "Парвардигоро, агар фаромӯш ё хато кардем, моро бозхост макун. Парвардигоро, бори гарон [ва таклифи сангин] бар [дӯши] мо магзор; чунон ки онро [ба муҷозоти гуноҳ ва саркашӣ] бар [дӯши] касоне, ки пеш аз мо буданд [яҳудиён] ниҳодӣ. Парвардигоро, он чи, ки тоби таҳаммулашро

надорем, бар [дӯши] мо магзор ва моро биёмурз ва ба мо раҳм кун. Ту ёр [-у корсози] мой; пас, моро бар гурӯҳи кофирон пирӯз гардон).

(Сураи Бақара, оятҳои 285-286).[1]

«بِاسْمِكَ رَبِّي وَضَعْتُ جَنْبِي، وَبِكَ أَرْفَعُهُ، فَإِنْ أَمْسَكْتَ نَفْسِي فَارْحَمْهَا، وَإِنْ أَرْسَلْتَهَا فَاحْفَظْهَا، بِمَا تَحْفَظُ بِهِ عِبَادَكَ الصَّالِحِينَ».

"Парвардигорам! Ба номи Ту[2] паҳлӯямро ба замин гузоштам ва ба номи Ту онро бар медорам, агар ҳангоми хоб ҷонамро ситонидӣ, онро мавриди раҳматат қарор деҳ ва агар дубора барояш иҷозати зиндагӣ кардан додӣ, онро ба василае, ки бандагони солеҳатро ҳифз мекунӣ, ҳифз намо."[3]

«اللَّهُمَّ إِنَّكَ خَلَقْتَ نَفْسِي وَأَنْتَ تَوَفَّاهَا، لَكَ مَمَاتُهَا وَمَحْيَاهَا، إِنْ أَحْيَيْتَهَا فَاحْفَظْهَا، وَإِنْ أَمَتَّهَا فَاغْفِرْ لَهَا، اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ العَافِيَةَ».

"Эй Аллоҳ! Ҳамоно Ту нафси маро офаридӣ ва Ту онро мемиронӣ, марг ва зиндагии он

---

1 "Ҳар кас он ду оятро дар шаб бихонад, барояш басанда аст."
Бухорӣ бо Фатҳул-борӣ (9/94), рақами (4008), Муслим (1/554), рақами (807)."

2 «Ҳар гоҳ яке аз шумо аз бистараш бархезад ва сипас ба он бозгардад, бояд ба гӯшаи эзораш онро се маротиба бирӯбад ва номи Худоро бибарад; зеро намедонад пас аз ӯ чи чизе дар ҷояш қарор гирифтааст ва ҳар гоҳ паҳлӯ гузорад, бояд бигӯяд:..» То охири ҳадис, [Ва маънои «бисанифати изориҳи»: канораи эзор аз тарафи ҳошияи он мебошад]. «Ан-ниҳоя фи ғарибил-ҳадис вал-асар» (моддаи صنف).

3 Бухорӣ маъа-л-Фатҳ (11/126), рақами (6320), Муслим (4/2084), рақами (2714).

барои Туст. Агар онро зинда нигоҳ дорӣ, пас онро ҳифз намо ва агар онро бимиронӣ, пас онро биёмурз. Эй Аллоҳ! Аз Ту офият хоҳонам.»[1]

«اللَّهُمَّ قِنِي عَذَابَكَ يَوْمَ تَبْعَثُ عِبَادَكَ».

"Худоё, рӯзе, ки бармеангезӣ бандагонатро аз азобат маро ҳифз фармо[2] ."[3]

«بِاسْمِكَ اللَّهُمَّ أَمُوتُ وَأَحْيَا».

"Ба номи Ту эй Худо мемирам ва зинда мешавам."[4]

«سُبْحَانَ اللَّهِ

"Субҳоналлоҳ, Пок аст Аллоҳ"

(ثَلَاثًا وَثَلاثِينَ)،

(сиву се маротиба).

وَالحَمْدُ لِلَّهِ

Ва сипосу ситоиш аз они Аллоҳ аст.

(ثَلَاثًا وَثَلَاثِينَ)،

---

[1] Ривояти Муслим (4/2083), рақами (2712), ва Аҳмад бо лафзаш (2/79), рақами (5502).

[2] «Чун Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мехост бихобад, дасти рости худро зери рухсорааш гузошта ва сипас мефармуд: ...» То охири ҳадис.

[3] Абудовуд бо лафзи худ (4/311), рақами (5045), ва Тирмизӣ, рақами (3398), ва ниг: Саҳеҳи Тирмизӣ (3/143), ва Саҳеҳи Абудовуд (3/240).

[4] Бухорӣ бо Фатҳ (11/113), рақами (6324), Муслим (4/2083), рақами (2711).

(сиву се маротиба),

وَاللَّهُ أَكْبَرُ

Ва Аллоҳ бузург аст

(أَرْبَعًا وَثَلَاثِينَ)».

"(сиву чаҳор)»[1]."

«اللَّهُمَّ رَبَّ السَّمَوَاتِ السَّبْعِ وَرَبَّ الأَرْضِ، وَرَبَّ العَرْشِ العَظِيمِ، رَبَّنَا وَرَبَّ كُلِّ شَيْءٍ، فَالِقَ الحَبِّ وَالنَّوَى، وَمُنْزِلَ التَّوْرَاةِ وَالإِنْجِيلِ، وَالفُرْقَانِ، أَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّ كُلِّ شَيْءٍ أَنْتَ آخِذٌ بِنَاصِيَتِهِ، اللَّهُمَّ أَنْتَ الأَوَّلُ فَلَيْسَ قَبْلَكَ شَيْءٌ، وَأَنْتَ الآخِرُ فَلَيسَ بَعْدَكَ شَيْءٌ، وَأَنْتَ الظَّاهِرُ فَلَيْسَ فَوْقَكَ شَيْءٌ، وَأَنْتَ البَاطِنُ فَلَيْسَ دُونَكَ شَيْءٌ، اقْضِ عَنَّا الدَّيْنَ وَأَغْنِنَا مِنَ الفَقْرِ».

"Эй Аллоҳ, Парвардигори ҳафт осмон ва Парвардигори замин ва Парвардигори Арши бузург, Парвардигори мо ва Парвардигори ҳама чиз, Шикофандаи донаву ҳаста ва нозилкунандаи Тавроту Инҷил ва Фурқон! Ба Ту паноҳ мебарам аз бадии ҳар чизе, ки пешониаш дар дасти Туст. Эй Аллоҳ! Ту Аввалӣ ва пеш аз Ту чизе нест, ва Ту Охирӣ ва баъд аз Ту чизе нест ва Ту Зоҳирӣ ва болотар аз Ту чизе нест ва Ту Ботинӣ ва пинҳонтар аз Ту чизе нест. Қарзи

---

[1] «Ҳар касе ҳангоме ки ба бистараш ояд, инро бигӯяд, барояш аз хидматгоре беҳтар аст.»
Бухорӣ бо «Фатҳ», (7/71) ба рақами (3705) ва Муслим (4/2091) ба рақами (2726).

моро адо кун ва моро аз фақр бениёз гардон."[1]

«الحَمْدُ لِلَّهِ الَّذِي أَطْعَمَنَا وَسَقَانَا، وَكَفَانَا، وَآوَانَا، فَكَمْ مِمَّنْ لَا كَافِيَ لَهُ وَلَا مُؤْوِيَ».

"Ситоиш аз они Худост, ки ба мо хӯроку об дод ва ниёзи моро баровард ва ба мо манзилу маъво дод ва чи зиёданд касоне ки надоранд бароварандаи ниёзи худ ва на маъводиҳандае барои худ доранд."[2]

«اللَّهُمَّ عَالِمَ الغَيْبِ وَالشَّهَادَةِ فَاطِرَ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضِ، رَبَّ كُلِّ شَيْءٍ وَمَلِيكَهُ، أَشْهَدُ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ، أَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّ نَفْسِي، وَمِنْ شَرِّ الشَّيْطَانِ وَشِرْكِهِ، وَأَنْ أَقْتَرِفَ عَلَى نَفْسِي سُوءًا، أَوْ أَجُرَّهُ إِلَى مُسْلِمٍ».

«Эй Аллоҳ, донандаи пинҳону ошкор, Офаридгори осмонҳову замин! Парвардигор ва подшоҳи ҳама чиз ҳастӣ, гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Ту нест. Ба Ту паноҳ мебарам аз бадии нафсам ва аз бадӣ ва ширки шайтон ва аз ин ки ба худ кори баде кунам ва ё ба мусалмоне онро раво донам.»[3]

«يَقْرَأُ ﴿الم﴾ تَنْزِيلَ السَّجْدَةِ، وَتَبَارَكَ الَّذِي بِيَدِهِ المُلْكُ».

1 Муслим (4/2084), рақами (2713).
2 Муслим (4/2085), рақами (2715).
3 Абудовуд (4/317), рақами (5067), Тирмизӣ рақами (3629), ва нигаред: Саҳеҳи Тирмизӣ (3/142).

«Сураи Сачда ва Мулкро мехонад.»[1].

«اللَّهُمَّ أَسْلَمْتُ نَفْسِي إِلَيْكَ، وَفَوَّضْتُ أَمْرِي إِلَيْكَ، وَوَجَّهْتُ وَجْهِي إِلَيْكَ، وَأَلْجَأْتُ ظَهْرِي إِلَيْكَ، رَغْبَةً وَرَهْبَةً إِلَيْكَ، لَا مَلْجَأَ وَلَا مَنْجَا مِنْكَ إِلَّا إِلَيْكَ، آمَنْتُ بِكِتَابِكَ الَّذِي أَنْزَلْتَ، وَبِنَبِيِّكَ الَّذِي أَرْسَلْتَ».

«Худоё![2] Нафсамро ба Ту таслим кардам ва корамро ба Ту супурдам ва рӯямро ба сӯйи Ту гардондам ва пуштамро ба Ту такя додам, аз рӯйи умеду тарс ба сӯйи Ту, ҳеч паноҳгоҳ ва начотгоҳе аз Ту чуз ба сӯйи Ту нест, ба китобат, ки нозил кардӣ ва ба паёмбарат, ки фиристодӣ, имон овардам.»[3]

## 29. Дуо ҳангоми ба паҳлу гаштан дар шаб.

«لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ الوَاحِدُ القَهّارُ، رَبُّ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضِ وَمَا بَيْنَهُمَا العَزِيزُ الغَفَّارُ».

"Нест маъбуди барҳақ, магар Худои ягонаи ғолиб, Парвардигори осмонҳо ва замин ва он чи

---

[1] Ривояти Тирмизӣ, рақами (3404), Насоӣ дар Амал-ул-явми ва-л-лайла, рақами (707), ва нигаред: Саҳеҳ-ул-чомеъ (4/255).

[2] «Чун ба бистарат рафтӣ, ҳамон гуна, ки барои намоз вузу месозӣ, вузу бигир, сипас бар паҳлӯи рости худ бихоб, сипас бигӯ: ...» то охири ҳадис.

[3] Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба касе, ки инро гуфт, фармуданд: «Пас агар бимирӣ, бар фитрат мурдаӣ».

Ривояти Бухорӣ бо «Фатҳ» (11/113), рақами (6313), Муслим (4/2081), рақами (2710).

миёни онҳост, ки ғолибу омурзгор аст."[1]

## 30. Дуои тарс дар хоб ва касе, ки ба ваҳшат гирифтор шудааст.

«أَعُوذُ بِكَلِمَاتِ اللَّهِ التَّامَّاتِ مِنْ غَضَبِهِ وَعِقَابِهِ، وَشَرِّ عِبَادِهِ، وَمِنْ هَمَزَاتِ الشَّيَاطِينِ وَأَنْ يَحْضُرُونِ».

"Паноҳ мебарам ба калимаҳои комили Аллоҳ аз ғазаб ва иқоби Ӯ ва бадии бандагони Ӯ ва аз васвасаҳои шайтонҳо ва аз ин ки назди ман ҳозир шаванд."[2]

## 31. Касе, ки хоб бубинад, чӣ кор кунад

(Ба тарафи чапаш туф мекунад) (се маротиба)[3]."

(Паноҳ мебарад ба Худованд аз Шайтон ва аз шарри он чи дидааст) (се маротиба)[4].

(Онро ба ҳеҷ кас нагӯяд)[5].

"(Аз паҳлуе, ки бар он буд, ба паҳлуи дигар гардад)[6]."

---

1 Инро ҳангоме мегӯяд, ки дар шаб аз як паҳлу ба паҳлуи дигар бигардад. Ривояти Ҳоким, ки онро саҳеҳ донистааст ва Заҳабӣ (1/540) бо ӯ мувофиқат кардааст, Насоӣ дар «Амал-ул-явми ва-л-лайла», рақами (202) ва Ибни Суннӣ, рақами (757) ва нигар: «Саҳеҳ-ул-ҷомеъ» (4/213).

2 Абудовуд (4/12), рақами (3893), ва Тирмизӣ, рақами (3528), ва нигаред ба: Саҳеҳи Тирмизӣ (3/171).

3 Муслим (4/1772), рақами (2261).

4 Муслим (4/1772) (1773), рақами (2261) ва (2262).

5 Муслим (4/1772) рақами (2261) ва (2263).

6 Муслим (4/1773), рақами (2261).

(Агар бихоҳад, бархоста намоз мехонад)[1].

## 32. Дуои қунути витр

«اللَّهُمَّ اهْدِنِي فِيمَنْ هَدَيْتَ، وَعَافِنِي فِيمَنْ عَافَيْتَ، وَتَوَلَّنِي فِيمَنْ تَوَلَّيْتَ، وَبَارِكْ لِي فِيمَا أَعْطَيْتَ، وَقِنِي شَرَّ مَا قَضَيْتَ؛ فَإِنَّكَ تَقْضِي وَلَا يُقْضَى عَلَيْكَ، إِنَّهُ لَا يَذِلُّ مَنْ وَالَيْتَ، [وَلاَ يَعِزُّ مَنْ عَادَيْتَ]، تَبَارَكْتَ رَبَّنَا وَتَعَالَيْتَ».

"Худоё! Маро ҳидоят кун дар зумраи касоне, ки ҳидояташон кардаӣ ва ба ман офият бидеҳ дар зумраи касоне, ки ба онҳо офият додаӣ ва сарпарасти ман бош дар зумраи касоне, ки сарпарасташон будаӣ ва дар он чи ба ман ато кардаӣ, баракат деҳ ва маро аз шарри он чи муқаддар кардаӣ, нигоҳ дор, зеро Ту ҳукм мекунӣ ва бар Ту ҳукм карда намешавад. Ба дурустӣ, хор намегардад касе, ки ӯро дӯст доштӣ [ва азиз намегардад касе, ки бо ӯ душманӣ кардӣ]. Бобаракат ва воломақомӣ, эй Парвардигори мо."[2]

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِرِضَاكَ مِنْ سَخَطِكَ، وَبِمُعَافَاتِكَ مِنْ عُقُوبَتِكَ، وَأَعُوذُ بِكَ

---

1 Муслим (4/1773), рақами (2263).

2 Ривояти асҳоби Сунани чаҳоргона, Аҳмад, Доримӣ ва Байҳақӣ. Абудовуд, рақами (1425), Тирмизӣ, рақами (464), Насоӣ, рақами (1744), Ибни Моҷаҳ, рақами (1178), Аҳмад, рақами (1718), Доримӣ, рақами (1592), Ҳоким (3/172), Байҳақӣ (2/209), ва он чи байни қавсайн аст, аз Байҳақӣ мебошад, ва нигаред: Саҳеҳи Тирмизӣ (1/144), Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (1/194) ва "Ирво-ул-ғалил"-и Албонӣ (2/172).

مِنْكَ، لَا أُحْصِي ثَنَاءً عَلَيْكَ، أَنْتَ كَمَا أَثْنَيْتَ عَلَى نَفْسِكَ».

"Худоё, ҳар оина ман паноҳ мебарам ба ризои Ту аз ғазабат ва ба бахшиши Ту аз ҷазоят ва ба Ту аз Ту паноҳ мебарам, наметавонам санои Туро ба шумор оварам, Ту чуноне ҳастӣ, ки Худ бар Худат сано гуфтаӣ."[1]

«اللَّهُمَّ إِيَّاكَ نعبُدُ، وَلَكَ نُصَلِّي وَنَسْجُدُ، وَإِلَيْكَ نَسْعَى وَنَحْفِدُ، نَرْجُو رَحْمَتَكَ، وَنَخْشَى عَذَابَكَ، إِنَّ عَذَابَكَ بِالكَافِرِينَ مُلْحِقٌ، اللَّهُمَّ إِنَّا نَسْتَعِينُكَ، وَنَسْتَغْفِرُكَ، وَنُثْنِي عَلَيْكَ الخَيْرَ، وَلَا نَكْفُرُكَ، وَنُؤْمِنُ بِكَ، وَنَخْضَعُ لَكَ، وَنَخْلَعُ مَنْ يَكْفُرُكَ».

"Худоё! Танҳо Туро мепарастем ва барои Ту намоз мегузорем ва саҷда мекунем ва ба сӯи Ту мешитобем ва итоат мекунем. Умеди раҳмати Туро дорем ва аз азоби Ту метарсем, ҳамоно азоби Ту ба кофирон хоҳад расид. Худоё! Ҳамоно мо аз Ту ёрӣ меҷӯем ва аз Ту омурзиш мехоҳем ва Туро ба некӣ ситоиш мекунем ва ба Ту куфр намеварзем ва ба Ту имон меоварем ва барои Ту фурӯтанӣ мекунем ва касеро, ки ба Ту куфр меварзад, тарк мекунем."[2]

---

[1] Ривояти асҳоби сунани чаҳоргона ва Аҳмад: Абудовуд, рақами (1427), Тирмизӣ, рақами (3566), Насоӣ, рақами (1746), Ибни Моҷаҳ, рақами (1179), Аҳмад, рақами (751). Нигар: Саҳеҳи Тирмизӣ (3/180), Саҳеҳи Ибни Моҷа (1/194), Ирво (2/175).

[2] Ривояти Байҳақӣ дар китоби "Сунани кубро" ва санадашро саҳеҳ донистааст (2/211) ва шайх Албонӣ дар Ирвоу-л-ғалил гуфтааст: "Ин санади саҳеҳ аст" (2/170). Ва он мавқуф бар Умар аст.

## 33. Зикри баъди намози витр

«سُبْحَانَ المَلِكِ القُدُّوسِ»

"Поку муназзаҳ аст Худованди дар ниҳоят покӣ"

ثَلَاثَ مرَّاتٍ

се маротиба

والثَّالِثَةُ يَجْهَرُ بها ويَمُدُّ بِهَا صَوتَهُ يَقُولُ:

Ва дар маротибаи сеюм бо садои баланд ва кашида мегӯяд:

«رَبِّ المَلَائِكَةِ وَالرُّوحِ».

"Парвардигори малоика ва Ҷабраил."[1]

## 34. Дуои ғаму андуҳ

«اللَّهُمَّ إِنِّي عَبْدُكَ، ابْنُ عَبْدِكَ، ابْنُ أَمَتِكَ، نَاصِيَتِي بِيَدِكَ، مَاضٍ فِيَّ حُكْمُكَ، عَدْلٌ فِيَّ قَضَاؤُكَ، أَسْأَلُكَ بِكُلِّ اسْمٍ هُوَ لَكَ، سَمَّيْتَ بِهِ نَفْسَكَ، أَوْ أَنْزَلْتَهُ فِي كِتَابِكَ، أَوْ عَلَّمْتَهُ أَحَدًا مِنْ خَلْقِكَ، أَوِ اسْتَأْثَرْتَ بِهِ فِي عِلْمِ الغَيْبِ عِنْدَكَ، أَنْ تَجْعَلَ القُرْآنَ رَبِيعَ قَلْبِي، وَنُورَ صَدْرِي، وَجَلَاءَ حُزْنِي، وَذَهَابَ هَمِّي».

"Эй Аллоҳ! Ман бандаи Ту, фарзанди бандаи Ту ва фарзанди канизи Ту ҳастам, ихтиёри ман дар дасти Туст, ҳукми Ту дар ҳаққи ман ҷорист

[1] Ривояти Насоӣ (3/244), рақами (1734), Дорақутнӣ (2/31) ва дигарон. Он чи дар дохили қавсайн аст, зиёдаи Дорақутнӣ (2/31), рақами (2) мебошад ва иснодаш саҳеҳ аст. Нигаред: «Зод-ул-миъод» бо таҳқиқи Шуайб ал-Арнаут ва Абдулқодир ал-Арнаут (1/337).

ва қазои Ту дар ҳаққи ман адолат аст. Аз Ту бо ҳар номе, ки аз они Туст ва Худро бо он номидаӣ, ё дар китоби Худ нозил кардаӣ, ё ба касе аз махлуқотат омӯхтаӣ ва ё дар илми ғайб назди Худ маҳфуз доштаӣ, дархост мекунам, ки Қуръонро баҳори дилам, нури синаам, бартарафкунандаи андӯҳам ва дуркунандаи ғамам бигардонӣ."[1]

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنَ الهَمِّ وَالحَزَنِ، وَالعَجْزِ وَالكَسَلِ، وَالبُخْلِ وَالجُبْنِ، وَضَلَعِ الدَّيْنِ وَغَلَبَةِ الرِّجَالِ».

«Эй Аллоҳ, ман ба Ту аз ғаму андӯҳ, нотавониву танбалӣ, бухлу буздилӣ, сангинии қарз ва чирагии мардон паноҳ мебарам.»[2]

## 35. Дуои сахтӣ ва гирифторӣ

«لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ العَظِيمُ الحَلِيمُ، لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ رَبُّ العَرْشِ العَظِيمِ، لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ رَبُّ السَّمَوَاتِ وَرَبُّ الأَرْضِ وَرَبُّ العَرْشِ الكَرِيمِ».

«Ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Аллоҳи бузургу ҳалим нест. Ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Аллоҳ, Парвардигори Арши бузург нест. Ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Аллоҳ, Парвардигори осмонҳову

---

1 Аҳмад (1/391), рақами (3712) ва Албонӣ онро дар «Силсилаи аҳодиси саҳеҳа» (1/337) саҳеҳ донистааст.

2 Бухорӣ (7/158), рақами (2893), Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ин дуоро зиёд мехонданд.

Нигаред: Бухорӣ бо Фатҳ (11/173), ва хоҳад омад (саҳ. 89), рақами (137).

замин ва Парвардигори Арши карим, нест.»[1]

«اللَّهُمَّ رَحْمَتَكَ أَرْجُو، فَلَا تَكِلْنِي إِلَى نَفْسِي طَرْفَةَ عَيْنٍ، وَأَصْلِحْ لِي شَأْنِي كُلَّهُ، لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ».

"Худоё! Раҳмати Туро умедворам, пас маро ҳатто ба андозаи як мижа задан ба худам вомагузор ва ҳамаи корҳоямро ислоҳ намо, ҳеҷ маъбуди барҳақ ҷуз Ту нест."[2]

«لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ سُبْحَانَكَ إِنِّي كُنْتُ مِنَ الظَّالِمِينَ».

«Нест маъбуди барҳақ, магар Ту, Ту покӣ ба ростӣ, ки ман аз ситамкорон будам.»[3]

«اللَّهُ اللَّهُ رَبِّي لَا أُشْرِكُ بِهِ شَيْئًا».

«Аллоҳ, Аллоҳ, Парвардигори ман аст, касеро бо Ӯ шарик қарор намедиҳам.»[4]

## 36. Дуои рӯ ба рӯ шудан бо душман ва соҳибқудрат.

«اللَّهُمَّ إِنَّا نَجْعَلُكَ فِي نُحُورِهِمْ، وَنَعُوذُ بِكَ مِنْ شُرُورِهِمْ».

"Худоё, мо Туро дар баробари онҳо қарор

---

1 Бухорӣ (7/154), рақами (6345), Муслим (4/2092), рақами (2730).

2 Абудовуд (4/324), рақами (5090), Аҳмад (5/42), рақами (20430) ва Албонӣ дар «Саҳеҳи Абудовуд» (3/959) онро ҳасан донистааст.

3 Тирмизӣ (5/529), рақами (3505) ва Ҳоким ва онро саҳеҳ донистааст ва Заҳабӣ бо ӯ мувофиқат кардааст (1/505), ва нигаред: Саҳеҳи Тирмизӣ (3/168).

4 Ривояти Абудовуд (2/87), рақами (1525), Ибн Моҷаҳ, рақами (3882), ва нигаред: Саҳиҳи Ибн Моҷаҳ (2/335).

медиҳем ва аз шарри онҳо ба Ту паноҳ мебарем."[1]

«اللَّهُمَّ أَنْتَ عَضُدِي، وَأَنْتَ نَصِيرِي، بِكَ أَحُولُ وَبِكَ أَصُولُ، وَبِكَ أُقَاتِلُ».

«Худоё! Ту пуштибони ман ва Ту ёвари ман ҳастӣ, бо мадади Ту ҳаракат мекунам ва бо мадади Ту ҳамла мекунам ва бо мадади Ту меҷангам.»[2]

«حَسْبُنَا اللَّهُ وَنِعْمَ الْوَكِيلُ».

"Худо моро басанда аст ва чӣ некӯ ёварест."[3]

## 37. Дуои касе, ки аз зулми султон метарсад

«اللَّهُمَّ ربَّ السَّمَوَاتِ السَّبْعِ، وَرَبَّ الْعَرْشِ الْعَظِيمِ، كُنْ لِي جَارًا مِنْ فُلَانِ بْنِ فُلَانٍ، وَأَحْزَابِهِ مِنْ خَلَائِقِكَ، أَنْ يَفْرُطَ عَلَيَّ أَحَدٌ مِنْهُمْ أَوْ يَطْغَى، عَزَّ جَارُكَ، وَجَلَّ ثَنَاؤُكَ، وَلَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ».

«Эй Аллоҳ, Парвардигори осмонҳои ҳафтгона ва Парвардигори Арши бузург, маро аз фалон писари фалон ва гурӯҳҳои ӯ аз миёни офаридаҳоят паноҳ деҳ, то касе аз онҳо бар ман ситам накунад ё туғён нанамояд, паноҳёфтаи Ту азиз аст ва санои Ту бузург аст ва нест маъбуде

---

[1] Ривояти Абудовуд (2/89), рақами (1537), Ҳоким саҳеҳаш гуфтааст ва Заҳабӣ бо ӯ мувофиқат кардааст (2/142).

[2] Абудовуд (3/42), рақами (2632), ва Тирмизӣ (5/572), рақами (3584), ва ниг: Саҳеҳи Тирмизӣ (3/183).

[3] Бухорӣ (5/172), рақами (4563).

барҳақ ҷуз Ту.»[1]

«اللَّهُ أَكْبَرُ، اللَّهُ أَعَزُّ مِنْ خَلْقِهِ جَمِيعًا، اللَّهُ أَعَزُّ مِمَّا أَخَافُ وَأَحْذَرُ، أَعُوذُ بِاللَّهِ الَّذِي لَا إِلَهَ إِلَّا هُوَ، الْمُمْسِكِ السَّمَوَاتِ السَّبْعِ أَنْ يَقَعْنَ عَلَى الأَرْضِ إِلَّا بِإِذْنِهِ، مِنْ شَرِّ عَبْدِكَ فُلَانٍ، وَجُنُودِهِ وَأَتْبَاعِهِ وَأَشْيَاعِهِ، مِنَ الجِنِّ وَالإِنْسِ، اللَّهُمَّ كُنْ لِي جَارًا مِنْ شَرِّهِمْ، جَلَّ ثَنَاؤُكَ وَعَزَّ جَارُكَ، وَتَبَارَكَ اسْمُكَ، وَلَا إِلَهَ غَيْرُكَ»

«Аллоҳ бузург аст, Аллоҳ аз тамоми махлуқоташ тавонотар аст, Аллоҳ аз он чи метарсаму ҳазар мекунам, тавонотар аст. Паноҳ мебарам ба Аллоҳе, ки нест худое ба ҳақ ҷуз Ӯ, Зоте, ки ҳафт осмонро нигоҳ медорад, то бар замин наяфтанд, магар ба иҷозати Ӯ, аз шарри бандаат фалонӣ ва лашкариёну пайравон ва тарафдоронаш аз ҷинну инс. Худоё, аз шарри онҳо паноҳгоҳи ман бош. Ситоиши Ту бузург аст ва касе, ки дар паноҳи Туст, пирӯзманд аст ва номи Ту муборак аст ва нест худое ба ҳақ ғайр аз Ту».

ثَلَاثَ مَرَّاتٍ.

Се маротиба.[2]

---

1 Бухорӣ дар Адаб ал-Муфрад (707), Албонӣ дар Саҳеҳ ал-Адаб ал-Муфрад (545) саҳеҳаш гуфтааст.

2 Бухорӣ дар Адаб ал-Муфрад (708), Албонӣ дар Саҳеҳ ал-Адаб ал-Муфрад (546) саҳеҳаш гуфтааст.

## 38. Дуо бар зидди душман.

«اللَّهُمَّ مُنْزِلَ الكِتَابِ، سَرِيعَ الحِسَابِ، اهْزِمِ الأَحْزَابَ، اللَّهُمَّ اهزِمْهُمْ وَزَلْزِلْهُمْ».

"Эй Аллоҳ, нозилкунандаи Китоб, зудҳисоб, аҳзобро шикаст деҳ. Эй Аллоҳ, онҳоро шикаст деҳ ва ба ларза дарбиёр."[1]

## 39. Шахсе аз қавме битарсад, ин дуоро мегӯяд:

«اللَّهُمَّ اكْفِنِيهِمْ بِمَا شِئْتَ».

"Аллоҳумма-кфиниҳим бимо шиъта."[2]

## 40. Дуои касе, ки дар имон ба васваса гирифтор шудааст

(Ба Худо паноҳ мебарад).[3] Мегӯяд: "Паноҳ мебарам ба Худо аз шайтони рондашуда".

(Аз он чи дар он васваса шудааст, боз истад)[4].

(Мегӯяд:

(آمَنْتُ بِاللَّهِ وَرُسُلِهِ)).

Ба Аллоҳ ва расулонаш имон овардам.)[5]

Ин оятро мехонад:

﴿هُوَ ٱلْأَوَّلُ وَٱلْآخِرُ وَٱلظَّٰهِرُ وَٱلْبَاطِنُ ۖ وَهُوَ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ ۝٣﴾

---

1 Муслим (3/1362), рақами (1742).
2 Муслим (4/2300), рақами (3005).
3 Бухорӣ бо Фатҳ (6/336), рақами (3276), Муслим (1/120), рақами (134).
4 Бухорӣ бо Фатҳ (6/336), рақами (3276), Муслим (1/ 120), рақами (134).
5 Муслим (1 /119-120), рақами (134).

(Ӯст нахустини ҳама ва охирини ҳама ва Ӯст ошкор ва Ӯст пинҳон ва Ӯ бар ҳар чиз доност). (Сураи Ҳадид, ояти 3)[1].

## 41. Дуо барои адои қарз

«اللَّهُمَّ اكْفِنِي بِحَلَالِكَ عَنْ حَرَامِكَ، وَأَغْنِنِي بِفَضْلِكِ عَمَّنْ سِوَاكَ».

" Худоё, бениёзам кун бо ҳалолат аз ҳаромат ва бениёз фармо маро ба эҳсонат аз ғайри Худат".[2]

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنَ الهَمِّ وَالحَزَنِ، وَالعَجْزِ وَالكَسَلِ، وَالبُخْلِ وَالجُبْنِ، وَضَلَعِ الدَّيْنِ وَغَلَبَةِ الرِّجَالِ».

«Эй Аллоҳ, ман ба Ту паноҳ мебарам аз ғаму андуҳ, аз нотавониву танбалӣ, аз бухлу буздилӣ ва аз сангинии қарзу чирагии мардон.»[3]

## 42. Дуои васваса дар намоз ва қироат

«أَعُوذُ بِاللَّهِ مِنَ الشَّيطَانِ الرَّجِيمِ،

"Паноҳ мебарам ба Худо аз шайтони рондашуда".

وَاتْفُلْ عَلَى يَسَارِكَ (ثَلَاثًا)».

---

1 Абудовуд (4/329), рақами (5110), ва Албонӣ дар «Саҳеҳи Абудовуд» (3/962) онро ҳасан донистааст.

2 Тирмизӣ (5/560), рақами (3563), ва нигаред: Саҳеҳи Тирмизӣ (3/180).

3 Бухорӣ (7/158), рақами (2893), ва гузашт (саҳ. 83), рақами (121).

"Ва ба тарафи чапат (се бор) туф кун."[1]

## 43. Дуои касе, ки коре бар ӯ мушкил шавад.

«اللَّهُمَّ لَا سَهْلَ إِلَّا مَا جَعَلْتَهُ سَهْلًا، وَأَنْتَ تَجْعَلُ الحَزْنَ إِذَا شِئْتَ سَهْلًا».

"Худоё, ҳеҷ осоние нест, магар он чи ки Ту осон гардонидаӣ ва Ту агар бихоҳӣ, душвориро осон мегардонӣ."[2]

## 44. Дуо барои шахсе, ки муртакиби гуноҳе мешавад

«مَا مِنْ عَبْدٍ يُذنِبُ ذَنْبًا فَيُحْسِنُ الطُّهُورَ، ثُمَّ يَقُومُ فَيُصَلِّي رَكْعَتَيْنِ، ثُمَّ يَسْتَغْفِرُ اللَّهَ إِلَّا غَفَرَ اللَّهُ لَهُ».

«Ҳеҷ бандае нест, ки гуноҳе кунад ва ба хубӣ таҳорат кунад, сипас бархезад ва ду ракъат намоз бихонад, сипас аз Аллоҳ омурзиш бихоҳад, магар инки Аллоҳ ӯро мебахшад.»[3]

## 45. Дуои рондани шайтон ва васвасаҳои ӯ.

---

[1] Муслим (4/1729), рақами (2203), аз ҳадиси Усмон ибни Абулъос (разияллоҳу анҳу), ва дар он омадааст: «Пас чунин кардам ва Худованд онро аз ман дур кард».

[2] Ривояти Ибни Ҳиббон дар Саҳеҳаш, рақами (2427) (Маворид) ва Ибни Суннӣ, рақами (351), Ҳофиз гуфтааст: "Ин ҳадиси саҳеҳ аст" ва Абдулқодири Арнаут дар тахриҷи ал-Азкори Нававӣ (саҳ. 106) онро саҳеҳ гуфтааст.

[3] Абудовуд (2/86), рақами (1521), ва Тирмизӣ (2/257), рақами (406), ва Албонӣ онро дар «Саҳеҳи Абудовуд» (1/283) саҳеҳ донистааст.

(Паноҳ бурдан ба Аллоҳ аз он)[1].
(Азон)[2].
(Зикрҳо, дуъоҳо ва қироати Қуръон).

«لَا تَجْعَلُوا بُيُوتَكُمْ مَقَابِرَ، إِنَّ الشَّيْطَانَ يَنْفِرُ مِنَ الْبَيْتِ الَّذِي تُقْرَأُ فِيهِ سُورَةُ الْبَقَرَةِ».

«Хонаҳои худро (ба монанди) қабристон нагардонед, ҳамоно шайтон аз хонае, ки дар он сураи Бақара хонда мешавад, гурезон аст.»[3]

Ва аз ҷумлаи он чизҳое, ки шайтонро дур мекунанд, зикрҳои субҳу шом, хобу бедорӣ, зикрҳои даромадан ба хона ва баромадан аз он, зикрҳои даромадан ба масҷид ва баромадан аз он ва дигар зикрҳои муқарраршуда мебошанд. Монанди, хондани Оятулкурсӣ ҳангоми хоб ва ду ояти охири сураи Бақара. Агар касе ин зикрро:

لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ الْمُلْكُ وَلَهُ الْحَمْدُ، وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ

Ҳеҷ маъбуди (ростине) ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад, яктост ва шарике надорад, подшоҳӣ аз они Ӯст ва ҳамду ситоиш аз они Ӯст ва Ӯ ба анҷоми ҳар коре Қодиру Тавоност.

---

1 Абудовуд (1/203), рақами, ва Ибни Моҷаҳ (1/265), рақами (807) ва тахриҷи он бо рақами (31) гузашт, ва нигар: сураи Муъминун: (97-98).
2 Муслим (1/291), рақами (389), Бухорӣ (1/151), рақами (608).
3 Ривояти Муслим (1/539), рақами (780).

مِائَةَ مَرَّةٍ، كَانَتْ لَهُ حِرْزًا مِنَ الشَّيْطَانِ يَوْمِهِ كُلِّهِ،

сад маротиба бигӯяд, барои ӯ дар тамоми он рӯз паноҳе аз шайтон хоҳад буд.[1] Ва инчунин азон шайтонро меронад.

## 46. Дуои ҳангоми рух додани чизи нохушоянд ё мағлуб шудан дар кораш

«قَدَرُ اللَّهُ وَمَا شَاءَ فَعَلَ».

«Тақдири Аллоҳ аст ва он чи бихоҳад, анҷом медиҳад.»[2]

## 47. Табрик кардани касе, ки соҳиби фарзанд шудааст ва посухи ӯ.

«بَارَكَ اللَّهُ لَكَ فِي الْمَوْهُوبِ لَكَ، وَشَكَرْتَ الْوَاهِبَ، وَبَلَغَ أَشُدَّهُ، وَرُزِقْتَ بِرَّهُ».

"Аллоҳ дар ин (навзоди) ба ту бахшидашуда баракат диҳад ва Бахшандаро шукр гӯӣ ва ба камолот бирасад ва некӯкориаш ба ту рӯзӣ гардад."[3]

---

1 Ривояти Бухорӣ (4/126), рақами (3293).

2 «Муъмини қавӣ дар назди Аллоҳ аз муъмини заиф беҳтар ва маҳбубтар аст ва дар ҳар яке хайре ҳаст. Барои он чи ба ту фоида орад, саъй кун ва аз Аллоҳ ёрӣ бихоҳ ва нотавон мабош. Агар чизе ба ту расад, магӯ: "Агар ман чунин мекардам, чунин ва чунон мешуд", балки бигӯ: "Аллоҳ муқаддар сохт ва ҳарчи бихоҳад, мекунад". Зеро "агар" дарҳои кори шайтонро мекушояд.» Муслим (4/2052) бо рақами (2664).

3 Аз каломи Ҳасани Басрӣ зикр шудааст. Ниг: Туҳфат-ул-мавдуди Ибни Қаййим (саҳ. 20) ва онро ба Ибни Мунзир дар «Ал-Авсат» нисбат додааст.

Ва шахси табрикшуда ба ӯ ҷавоб гардонида, мегӯяд:

«بَارَكَ اللَّهُ لَكَ وَبَارَكَ عَلَيْكَ، وَجَزَاكَ اللَّهُ خَيْرًا، وَرَزَقَكَ اللَّهُ مِثْلَهُ، وَأَجْزَلَ ثَوَابَكَ».

"Худо бароят баракат диҳад ва бар ту баракат ниҳад ва Худованд ба ту подоши нек диҳад ва Худованд монанди онро рӯзият кунад ва савобатро зиёд кунад."[1]

## 48. Дуое, ки бо он фарзандонро паноҳ медиҳанд.

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) Ҳасан ва Ҳусайн (разияллоҳу анҳумо)-ро бо ин дуо ба паноҳи Худо месупурд.

«أُعِيذُكُمَا بِكَلِمَاتِ اللَّهِ التَّامَّةِ مِنْ كُلِّ شَيْطَانٍ وَهَامَّةٍ، وَمِنْ كُلِّ عَيْنٍ لاَمَّةٍ».

"Паноҳ медиҳам шумо ду нафарро ба калимаҳои комили Аллоҳ аз ҳар шайтон ва ҷонвари заҳрдор ва аз ҳар чашми бад".[2]

## 49. Дуо барои бемор ҳангоми аёдати ӯ

«لَا بَأْسَ طَهُورٌ إِنْ شَاءَ اللَّهُ».

1 Инро Нававӣ дар Зикрҳо ва дуъоҳо (саҳ. 349) гуфтааст, ва нигаред: Саҳеҳи Зикрҳо ва дуъоҳо, Нававӣ, Салим Ҳилолӣ (2/ 713) ва Тамоми тахриҷ дар зикр ва дуо ва табобат бо руқя, аз муаллиф вуҷуд дорад. (1/ 416).

2 Бухорӣ (4/119), рақами (3371), аз ҳадиси Ибни Аббос (разияллоҳу анҳумо).

«Боке нест, поккунандаи гуноҳон аст, агар Худо бихоҳад.»[1]

«أَسْأَلُ اللَّهَ الْعَظِيمَ رَبَّ الْعَرْشِ الْعَظِيمِ أَنْ يَشْفِيَكَ».

"Аз Аллоҳи бузург, Парвардигори Арши бузург мехоҳам, ки туро шифо диҳад".

Ҳафт маротиба[2].

## 50. Фазилати аёдати бемор

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«إِذَا عَادَ الرَّجُلُ أَخَاهُ الْمُسْلِمَ مَشَى فِي خِرَافَةِ الْجَنَّةِ حَتَّى يَجْلِسَ، فَإِذَا جَلَسَ غَمَرَتْهُ الرَّحْمَةُ، فَإِنْ كَانَ غُدْوَةً صَلَّى عَلَيْهِ سَبْعُونَ أَلْفَ مَلَكٍ حَتَّى يُمْسِيَ، وَإِنْ كَانَ مَسَاءً صَلَّى عَلَيْهِ سَبْعُونَ أَلْفَ مَلَكٍ حَتَّى يُصْبِحَ».

«Ҳар гоҳ шахсе ба аёдати бародари мусулмонаш биравад, то замоне ки назди ӯ биншинад, дар боғҳои пурнеъмати биҳишт қадам мезанад. Вақте ки назди ӯ нишаст, раҳмати Худованд ӯро фаро мегирад. Агар субҳ ба аёдат рафта бошад, ҳафтод ҳазор фаришта то шом барояш дуо ва истиғфор мекунанд. Ва агар шомгоҳ ба аёдат рафта бошад, ҳафтод ҳазор

---

1 Бухорӣ маъал-Фатҳ (10/118), рақами (3616).

2 «Ҳеҷ бандаи мусалмоне нест, ки ба аёдати беморе равад, ки ҳанӯз аҷалаш нарасидааст ва ҳафт бор бигӯяд: ... магар ин ки шифо меёбад». Тирмизӣ таҳти рақами (2083) ва Абу Довуд таҳти рақами (3106) ривоят кардаанд ва нигаред ба: Саҳеҳи Тирмизӣ (2/210) ва Саҳеҳи Ҷомеъ (5/180).

фаришта то субҳ барояш дуо ва истиғфор мекунанд».[1]

### 51. Дуои беморе, ки аз ҳаёти худ ноумед шудааст.

«اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي، وَارْحَمْنِي، وَأَلْحِقْنِي بِالرَّفِيقِ الأَعْلَى».

"Худоё, манро биёмурз ва ба ман раҳмат фармо ва манро ба рафиқи аъло (фариштагон ва бандагони солеҳ) пайваст намо."[2]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ҳоли вафот дастонашро дар об дохил намуда, сипас рӯяшро бо онҳо масҳ менамуду мегуфт:

«لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ

«Нест Худои барҳақ магар Аллоҳ

إِنَّ لِلْمَوْتِ سَكَرَاتٍ».

Ба ростӣ, ки марг душвориҳои сахте дорад.»[3]

«لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَاللَّهُ أَكْبَرُ، لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ، لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ لَهُ الْمُلْكُ وَلَهُ الْحَمْدُ، لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَلَا حَوْلَ وَلَا قُوَّةَ إِلَّا بِاللَّهِ».

«Нест маъбуди барҳақ магар Аллоҳ ва Аллоҳ бузург аст. Нест маъбуди барҳақ магар Аллоҳ,

---

[1] Ривояти Тирмизӣ, рақами (969), Ибни Моҷаҳ, рақами (1442), Аҳмад, рақами (975), ва нигаред: Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (1/244) ва Саҳеҳи Тирмизӣ (1/286), ва Аҳмад Шокир низ онро саҳеҳ донистааст.

[2] Бухорӣ (7/10), рақами (4435), Муслим (4/1893), рақами (2444).

[3] Бухорӣ бо Фатҳ (8/144), рақами (4449), ва дар ҳадис зикри мисвок омадааст.

ягона аст. Ҳеҷ маъбуди (ростине) ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад, ягона ҳаст ва шарике надорад. Подшоҳӣ аз они Ӯст ва ҳамду ситоиш аз они Ӯст. Нест маъбуди барҳақ магар Аллоҳ ва Ӯ ба анҷоми ҳар коре қодиру тавоност.»[1]

## 52. Талқини шахсе, ки дар ҳолати марг аст

«مَنْ كَانَ آخِرُ كَلَامِهِ

«Касе, ки сухани охираш ин бошад:

لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ

Нест Худои барҳақ магар Аллоҳ

دَخَلَ الْجَنَّةَ».

вориди биҳишт мешавад."[2]

## 53. Дуои касе, ки ба мусибате гирифтор шудааст.

«إِنَّا لِلَّهِ وَإِنَّا إِلَيْهِ رَاجِعُونَ، اللَّهُمَّ أْجُرْنِي فِي مُصِيبَتِي، وَأَخْلِفْ لِي خَيْرًا مِنْهَا».

«Ба ростӣ, ки мо аз они Аллоҳ Таъоло ҳастем ва ба сӯйи Ӯ бозмегардем. Худоё! Ба ман дар мусибатам подош бидеҳ ва барои ман беҳтар аз

---

[1] Ривояти Тирмизӣ, рақами (3430) ва Ибни Моҷаҳ, рақами (3794) Албонӣ онро саҳеҳ гуфтааст, ниг: Саҳеҳи Тирмизӣ (3/152) ва Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (2/317).

[2] Абудовуд (3/190), рақами (3116), ва нигаред: Саҳеҳул-ҷомеъ (5/432).

инро дар ивазаш бидеҳ.»[1]

## 54. Дуо ҳангоми пӯшидани чашми майит

«اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِفُلَانٍ (بِاسْمِهِ) وَارْفَعْ دَرَجَتَهُ فِي الْمَهْدِيِّينَ، وَاخْلُفْهُ فِي عَقِبِهِ فِي الْغَابِرِينَ، وَاغْفِرْ لَنَا وَلَهُ يَا رَبَّ الْعَالَمِينَ، وَافْسَحْ لَهُ فِي قَبْرِهِ، وَنَوِّرْ لَهُ فِيهِ».

"Худоё, биёмурз фалониро (номашро ба забон биёрад) ва баланд фармо дараҷаашро аз ҷумлаи раҳоёфтагон ва сарпарастӣ кун фарзандонашро дар миёни бозмондагон ва биёмурз моро ва ӯро, эй Парвардигори оламиён ва васеъ гардон барояш қабрашро ва равшан фармо қабрро барои ӯ."[2]

## 55. Дуо барои майит дар намози ҷаноза

«اللَّهُمَّ اغْفِرْ لَهُ وَارْحَمْهُ، وَعَافِهِ، وَاعْفُ عَنْهُ، وَأَكْرِمْ نُزُلَهُ، وَوَسِّعْ مُدْخَلَهُ، وَاغْسِلْهُ بِالْمَاءِ وَالثَّلْجِ وَالْبَرَدِ، وَنَقِّهِ مِنَ الْخَطَايَا كَمَا نَقَّيْتَ الثَّوْبَ الْأَبْيَضَ مِنَ الدَّنَسِ، وَأَبْدِلْهُ دَارًا خَيْرًا مِنْ دَارِهِ، وَأَهْلاً خَيْرًا مِنْ أَهْلِهِ، وَزَوْجًا خَيْرًا مِنْ زَوْجِهِ، وَأَدْخِلْهُ الْجَنَّةَ، وَأَعِذْهُ مِنْ عَذَابِ الْقَبْرِ [وَعَذَابِ النَّارِ]».

"Худоё! Ӯро биёмурз ва бар ӯ раҳм намо. Ба ӯ саломатӣ ва офият ато кун ва аз гуноҳонаш даргузар. Ҷойгоҳи фуруд омаданашро гиромӣ гардон ва қабрашро барояш васеъ намо. Ӯро бо об, барф ва жола бишӯй ва аз гуноҳҳо покаш

---

[1] Муслим (2/632), рақами (918).
[2] Муслим (2/634), рақами (920).

гардон, чунон ки либоси сафедро аз олудагӣ пок мегардонӣ. Ба ӯ хонае беҳтар аз хонааш, аҳле беҳтар аз аҳлаш ва ҳамсаре беҳтар аз ҳамсараш ато фармо. Ӯро ба биҳишт дохил гардон ва аз азоби қабр (ва аз азоби дӯзах) паноҳ деҳ."[1]

«اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِحَيِّنَا وَمَيِّتِنَا، وَشَاهِدِنَا وَغَائِبِنَا، وَصَغِيرِنَا وَكَبِيرِنَا، وَذَكَرِنَا وَأُنْثَانَا، اللَّهُمَّ مَنْ أَحْيَيْتَهُ مِنَّا فَأَحْيِهِ عَلَى الإِسْلَامِ، وَمَنْ تَوَفَّيْتَهُ مِنَّا فَتَوَفَّهُ عَلَى الإِيمَانِ، اللَّهُمَّ لَا تَحْرِمْنَا أَجْرَهُ، وَلَا تُضِلَّنَا بَعْدَهُ».

"Худоё! Зиндагони моро ва мурдагони моро, ҳозирони моро ва ғоибони моро, хурдони моро ва бузургони моро, мардони моро ва занони моро биёмурз. Эй Аллоҳ! Ҳар касеро аз миёни мо зинда медорӣ, ӯро бар дини Ислом зинда нигоҳ дор. Ва ҳар касеро аз миёни мо вафот медиҳӣ, ӯро бо имон аз дунё бибар. Эй Аллоҳ! Моро аз савоби ӯ маҳрум магардон ва пас аз ӯ моро гумроҳ насоз."[2]

«اللَّهُمَّ إِنَّ فُلَانَ بْنَ فُلَانٍ فِي ذِمَّتِكَ، وَحَبْلِ جِوَارِكَ، فَقِهِ مِنْ فِتْنَةِ القَبْرِ، وَعَذَابِ النَّارِ، وَأَنْتَ أَهْلُ الوَفَاءِ وَالحَقِّ، فَاغْفِرْ لَهُ وَارْحَمْهُ إِنَّكَ أَنْتَ الغَفُورُ الرَّحِيمُ».

"Худоё! Ба дурустӣ, ки фалонӣ писари фалонӣ дар паноҳу амони Ту ва дар ҳимояи

---

[1] Муслим (2/663), рақами (963).

[2] Ривояти Абудовуд, рақами (3201), Тирмизӣ, рақами (1024), Насоӣ, рақами (1985), Ибни Моҷаҳ (1/480), рақами (1498), Аҳмад (2/368), рақами (8809) ва нигар: Саҳиҳи Ибни Моҷаҳ (1/251).

Туст. Пас ӯро аз фитнаи қабр ва аз азоби дӯзах нигоҳ дор. Ва Ту сазовори вафо ба ваъда ва ҳақҚ ҳастӣ. Пас ӯро биёмурз ва бар ӯ раҳм намо. Ҳамоно Ту Омурзандаи Меҳрубонӣ."[1]

«اللَّهُمَّ عَبْدُكَ وَابْنُ أَمَتِكَ احْتَاجَ إِلَى رَحْمَتِكَ، وَأَنْتَ غَنِيٌّ عَنْ عَذَابِهِ، إِنْ كَانَ مُحْسِنًا فَزِدْ فِي حَسَنَاتِهِ، وَإِنْ كَانَ مُسِيئًا فَتَجَاوَزْ عَنْهُ».

"Худоё! Бандаи Ту ва писари канизи Ту ба раҳмати Ту ниёзманд аст ва Ту аз азоб додани ӯ бениёз ҳастӣ, агар некӯкор бошад, пас бар некиҳояш бияфзой ва агар бадкор бошад, аз ӯ даргузар."[2]

## 56. Дуо ҳангоми хондани ҷанозаи тифл

«اللَّهُمَّ أَعِذْهُ مِنْ عَذَابِ القَبْرِ».

(Худоё, ӯро аз азоби қабр паноҳ деҳ.)[3]

Ва агар ин дуоро:

«اللَّهُمَّ اجْعَلْهُ فَرَطًا وَذُخْرًا لِوَالِدَيْهِ، وَشَفِيعًا مُجَابًا، اللَّهُمَّ ثَقِّلْ بِهِ مَوَازِينَهُمَا، وَأَعْظِمْ بِهِ أُجورَهُمَا، وَأَلْحِقْهُ بِصَالِحِ المُؤْمِنِينَ، وَاجْعَلْهُ فِي كَفَالَةِ إِبْرَاهِيمَ، وَقِهِ

[1] Ривояти Ибни Моҷаҳ, рақами (1499), нигар: Саҳиҳи Ибни Моҷаҳ (1/251) ва ривояти Абудовуд (3/211), рақами (3202).

[2] Ривояти Ҳоким ва онро саҳеҳ гуфтааст ва Заҳабӣ бо ӯ мувофиқат кардааст (1/359), ва ниг: "Аҳкому-л-ҷаноиз"-и Албонӣ (саҳ. 125).

[3] (Саъид ибни Мусайиб гуфт: Дар пушти Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) бар кӯдаке, ки ҳаргиз гуноҳе накарда буд, намоз хондам, шунидам, ки мегуфт..) То охири ҳадис. Молик онро дар «Муваттаъ» (1/288), Ибни Абушайба дар «Мусаннаф» (3/217) ва Байҳақӣ (4/9) ривоят кардаанд ва Шуайб ал-Арнаут санади онро дар таҳқиқи худ бар «Шарҳ-ус-сунна»-и Бағавӣ (5/357) саҳеҳ донистааст.

بِرَحْمَتِكَ عَذَابَ الْجَحِيمِ، وَأَبْدِلْهُ دَارًا خَيْرًا مِنْ دَارِهِ، وَأَهْلًا خَيْرًا مِنْ أَهْلِهِ، اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِأَسْلَافِنَا، وَأَفْرَاطِنَا، وَمَنْ سَبَقَنَا بِالإِيمَانِ».

"Худоё! Ӯро пешоҳанг, захира ва мояи савоб барои падару модараш қарор деҳ ва шафоатгаре бигардон, ки шафоаташ пазируфта шавад. Эй Аллоҳ! Ба василаи ӯ тарозуи аъмоли падару модарашро вазнин гардон ва подоши онҳоро бузург намо. Ӯро ба бандагони солеҳи муъмин мулҳақ гардон ва ӯро дар кафолат ва ҳимояи Иброҳим қарор деҳ. Бо раҳмати Худ аз азоби ҷаҳаннам нигоҳаш дор. Ба ӯ хонае беҳтар аз хонааш ва аҳле беҳтар аз аҳлаш ато фармо. Эй Аллоҳ! Падару модарон ва гузаштагони моро, фарзандони аз дастрафтаи моро ва ҳамаи касонеро, ки бо имон аз мо пеш гузаштаанд, биёмурз."

бигӯяд, беҳтар аст.[1]

«اللَّهُمَّ اجْعَلْهُ لَنَا فَرَطًا، وَسَلَفًا، وَأَجْرًا».

"Худоё! Ӯро барои мо пешоҳанг (дар охират), пешгузашта ва сабаби дарёфти савоб қарор деҳ."[2]

---

[1] Ниг.: Ал-Муғнӣ, Ибни Қудома (3/416) ва Дарсҳои муҳим барои оммаи уммат-и Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз (раҳимаҳуллоҳ) (саҳ. 15).

[2] Ҳасан бар кӯдак сураи Фотиҳаро мехонд ва мегуфт... то охири ҳадис. Ривояти Бағавӣ дар «Шарҳус-суннаҳ» (5/357) ва Абдурраззоқ, рақами

## 57. Дуои таъзия

«إِنَّ لِلَّهِ مَا أَخَذَ، وَلَهُ مَا أَعْطَى، وَكُلُّ شَيْءٍ عِنْدَهُ بِأَجَلٍ مُسَمًّى... فَلْتَصْبِرْ وَلْتَحْتَسِبْ».

«Ҳамоно аз они Аллоҳ аст он чи гирифт ва аз они Ӯст он чи бахшид ва ҳар чизе назди Ӯ муҳлати муайян дорад... пас, бояд шахс сабр варзад ва ба умеди подош бошад.»[1]

Ва агар инро бигӯяд:

«أَعْظَمَ اللَّهُ أَجْرَكَ، وَأَحْسَنَ عَزَاءَكَ، وَغَفَرَ لِمَيِّتِكَ»

"Худованд подоши шуморо бузург гардонад, мусибат шуморо ба неки ҷуброн намояд ва гуноҳони фавтидаатонро биёмурзад"

беҳтар аст.[2]

## 58. Дуо ҳангоми даровардани майит ба қабр

«بِسْمِ اللَّهِ وَعَلَى سُنَّةِ رَسُولِ اللَّهِ».

"Ба номи Аллоҳ ва мувофиқи суннати Паёмбари Аллоҳ"[3].

(6588) ва таъліқи Бухорӣ, Китоби ҷаноиз (65), боби «Хондани сураи Фотиҳа бар ҷаноза» (2/113), пеш аз ҳадиси рақами (1335).

1 Бухорӣ (2/80), рақами (1284), Муслим (2/636), рақами (923).

2 Азкор, Нававӣ (саҳ. 126).

3 Абудовуд (3/314), рақами (3215) бо санади саҳеҳ, ва Аҳмад, рақами (5234) ва рақами (4812) бо лафзи: «بِسْمِ اللَّهِ، وَعَلَى مِلَّةِ رَسُولِ اللَّهِ», ва санади он саҳеҳ аст.

## 59. Дуо баъди дафни майит.

«اللَّهُمَّ اغْفِرْ لَهُ، اللَّهُمَّ ثَبِّتْهُ».

"Эй Аллоҳ, ӯро биёмурз. Эй Аллоҳ, ӯро устувор гардон"[1].

## 60. Дуои зиёрати қабрҳо

«السَّلاَمُ عَلَيْكُمْ أَهْلَ الدِّيَارِ، مِنَ الْمُؤْمِنِينَ وَالْمُسْلِمِينَ، وَإِنَّا إِنْ شَاءَ اللَّهُ بِكُمْ لَاحِقُونَ، [وَيَرْحَمُ اللَّهُ الْمُسْتَقْدِمِينَ مِنَّا وَالْمُسْتَأْخِرِينَ] أَسْأَلُ اللَّهَ لَنَا وَلَكُمُ الْعَافِيَةَ».

"Салом бар шумо бод, аҳли ин манзил аз муъминон ва мусалмонон ва мо, агар Худо бихоҳад, ба шумо хоҳем пайваст, [ва Худованд пешрафтагон ва дермондагони моро раҳмат кунад]. Аз Худованд барои худ ва шумо офият металабам."[2]

## 61. Дуои вазидани бод

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ خَيْرَهَا، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّهَا».

---

[1] Чун Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз дафни мурда фориғ мешуд, бар қабраш истода мефармуд: «Барои бародари хеш омурзиш талабед ва барои ӯ собит мондан (бар калимаи тавҳид)-ро бихоҳед, зеро ӯ акнун мавриди бозпурсӣ қарор мегирад.» Абудовуд (3/315) бо рақами (3223) ва Ҳоким онро ривоят ва саҳеҳ донистааст ва Заҳабӣ бо ӯ мувофиқат кардааст. (1/370)

[2] Муслим (2/671), рақами (975) ва Ибни Моҷаҳ (1/494), ва лафз аз они ӯст, рақами (1547), аз Бурайда (разияллоҳу анҳу), ва он ҷӣ дар байни қавсайн аст, аз ҳадиси Оиша (разияллоҳу анҳо) назди Муслим (2/671), рақами (975).

"Эй Аллоҳ, ман аз Ту некии онро мехоҳам ва аз бадии он ба Ту паноҳ меоварам"[1].

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ خَيْرَهَا، وَخَيْرَ مَا فِيهَا، وَخَيْرَ مَا أُرْسِلَتْ بِهِ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّهَا، وَشَرِّ مَا فِيهَا، وَشَرِّ مَا أُرْسِلَتْ بِهِ».

"Эй Аллоҳ! Аз Ту хубии онро ва хубии он чиро, ки дар он аст ва хубии он чиро, ки бо он фиристода шудааст, хоҳонам ва аз бадии он ва бадии он чи ки дар он аст ва бадии он чи ки бо он фиристода шудааст, ба Ту паноҳ мебарам."[2]

## 62. Дуои раъд

«سُبْحَانَ الَّذِي يُسَبِّحُ الرَّعْدُ بِحَمْدِهِ وَالمَلَائِكَةُ مِنْ خِيفَتِهِ».

"Поку муназзаҳ аст Он Зоте, ки раъд бо ситоиши Ӯ тасбеҳ мегӯяд ва фариштагон аз тарси Ӯ (низ Ӯро) тасбеҳ мегӯянд"[3].

## 63. Аз дуоҳои талаби борон

«اللَّهُمَّ اسْقِنَا غَيْثًا مُغِيثًا مَرِيئًا مَرِيعًا، نَافِعًا غَيْرَ ضَارٍّ، عَاجِلًا غَيْرَ آجِلٍ».

"Худоё! Ба мо бороне ато фармо, ки мададрасон, гуворо, фаровон, судманд ва бе

---

1 Ривояти Абудовуд (4/326), рақами (5099), Ибн Моҷаҳ (2/1228), рақами (3727), ва ниг: Саҳеҳи Ибн Моҷаҳ (2/305).

2 Муслим, ва лафзаш аз ӯст (2/666), рақами (899), ва Бухорӣ (4/76), рақами (3206) ва (4829).

3 Абдуллоҳ ибни Зубайр (разияллоҳу анҳумо) ҳар гоҳ садои раъдро мешунид, суханро қатъ мекард ва ин дуоро то охир мегуфт:... Муваттаъ (2/992), ва Албонӣ дар «Саҳеҳул-калимит-таййиб» (157) гуфтааст: "Иснодаш саҳеҳ ва мавқуф аст."

зарар бошад; бороне, ки зуд нозил гардад ва ба таъхир наафтад."[1]

«اللَّهُمَّ أَغِثْنَا، اللَّهُمَّ أَغِثْنَا، اللَّهُمَّ أَغِثْنَا».

"Худоё! Ба доди мо бирас! Худоё! Ба доди мо бирас! Худоё! Ба доди мо бирас!."[2]

«اللَّهُمَّ اسْقِ عِبَادَكَ، وَبَهَائِمَكَ، وَانْشُرْ رَحْمَتَكَ، وَأَحْيِي بَلَدَكَ المَيِّتَ».

"Худоё! Бандагонат ва чорпоёнатро сероб гардон, раҳмати Худро густариш деҳ ва замини мурдаатро зинда гардон."[3]

## 64. Дуои вақти дидани борон

«اللَّهُمَّ صَيِّبًا نَافِعًا».

"Худоё! Инро борони пурфоида ва судманд бигардон."[4]

## 65. Зикри баъд аз борон боридан

«مُطِرْنَا بِفَضْلِ اللَّهِ وَرَحْمَتِهِ».

"Бо фазлу раҳмати Аллоҳ бар мо борон борид."[5]

---

[1] Абудовуд (1/303), рақами (1171), Албонӣ дар Саҳеҳи Абудовуд (1/216) саҳеҳаш гуфтааст.
[2] Бухорӣ (1/224), рақами (1014), Муслим (2/613), рақами (897).
[3] Абудовуд (1/305), рақами (1178) ва Албонӣ онро дар «Саҳеҳи Абудовуд» (1/218) ҳасан донистааст.
[4] Бухорӣ бо Фатҳ (2/518), рақами (1032).
[5] Бухорӣ (1/205), рақами (846), Муслим (1/83), рақами (71).

## 66. Аз дуоҳои талаби қатъи борон ва соф шудани осмон

«اللَّهُمَّ حَوَالَيْنَا وَلَا عَلَيْنَا، اللَّهُمَّ عَلَى الآكَامِ وَالظِّرَابِ، وَبُطُونِ الأَوْدِيَةِ، وَمَنَابِتِ الشَّجَرِ».

"Парвардигоро, дар атрофи мо, на бар сари мо, Худоё, бар теппаҳо ва кӯҳҳои хурд ва даруни водиҳо ва ҷойҳои сабзиши дарахтон биборон."[1]

## 67. Дуои дидани моҳтоб

«اللَّهُ أَكْبَرُ، اللَّهُمَّ أَهِلَّهُ عَلَيْنَا بِالأَمْنِ وَالإِيمَانِ، وَالسَّلَامَةِ وَالإِسْلَامِ، وَالتَّوْفِيقِ لِمَا تُحِبُّ رَبَّنَا وَتَرْضَى، رَبُّنَا وَرَبُّكَ اللَّهُ».

"Аллоҳ бузург аст. Эй Аллоҳ! Ин моҳи навро бар мо бо амният, имон, саломатӣ, Ислом ва тавфиқ барои анҷом додани он чи дӯст медорӣ ва аз он хушнуд мешавӣ, оғоз гардон. Парвардигори мо ва Парвардигори ту Аллоҳ аст."[2]

## 68. Дуои рӯзадор ҳангоми ифтор

«ذَهَبَ الظَّمَأُ وَابْتَلَّتِ العُرُوقُ، وَثَبَتَ الأَجْرُ إِنْ شَاءَ اللَّهُ».

«Ташнагӣ рафт ва рагҳо тар шуданд ва ин ша

---

1 Бухорӣ (1/224), рақами (933), Муслим (2/614), рақами (897).

2 Тирмизӣ (5/504), рақами (3451), ва Доримӣ бо лафзаш (1/336), ва нигар: Саҳеҳи Тирмизӣ (3/157).

Аллоҳ ачр собит шуд.»[1]

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ بِرَحْمَتِكَ الَّتِي وَسِعَتْ كُلَّ شَيْءٍ أَنْ تَغْفِرَ لِي».

"Худоё! Ман аз Ту ба василаи раҳматат, ки ҳама чизро фаро гирифтааст, хоҳиш мекунам, ки маро биёмурзӣ."[2]

## 69. Дуо кардан пеш аз таом.

«إِذَا أَكَلَ أَحَدُكُمْ طَعَامًا فَلْيَقُلْ:

"Ҳаргоҳ яке аз шумо таом хӯрд, инро бигӯяд:

بِسْمِ اللَّهِ،

Ба номи Аллоҳ

فَإِنْ نَسِيَ فِي أَوَّلِهِ فَلْيَقُلْ:

Агар дар оғози таом хӯрдан "Бисмиллоҳ"-ро фаромӯш кард, чунин бигӯяд:

بِسْمِ اللَّهِ فِي أَوَّلِهِ وَآخِرِهِ».

Ба номи Аллоҳ, дар оғозаш ва анчомаш."[3]

«مَنْ أَطْعَمَهُ اللَّهُ الطَّعَامَ فَلْيَقُلْ:

"Ҳар касе, ки Аллоҳ ба ӯ таом бидиҳад, инро

---

[1] Ривояти Абудовуд (2/306), рақами (2359) ва дигарон. Ва нигаред ба: Саҳеҳ-ул-чомеъ (4/209).

[2] Ривояти Ибни Мочаҳ (1/557), рақами (1753), аз дуои Абдуллоҳ ибни Амр (разияллоҳу анҳумо). Ва Ҳофиз онро дар "Тахрич-ул-азкор" ҳасан гуфтааст. Нигаред: "Шарҳ-ул-азкор" (4/342).

[3] Ривояти Абудовуд (3/347), рақами (3767), Тирмизӣ (4/288), рақами (1858) ва нигаред: Саҳеҳи Тирмизӣ (2/167).

бигӯяд:

اللَّهُمَّ بَارِكْ لَنَا فِيهِ وَأَطْعِمْنَا خَيْرًا مِنْهُ،

Эй Аллоҳ! Дар ин барои мо баракат ато фармо ва ба мо аз ин ҳам беҳтар рӯзӣ бидеҳ.

وَمَنْ سَقَاهُ اللَّهُ لَبَنًا فَلْيَقُلْ:

Ва ҳар киро Аллоҳ шир нӯшонад, ин дуоро бигӯяд:

اللَّهُمَّ بَارِكْ لَنَا فِيهِ وَزِدْنَا مِنْهُ».

Эй Аллоҳ! Дар ин барои мо баракат ато фармо ва аз он бештар насиби мо гардон."[1]

## 70. Дуо кардан ҳангоми фориғ шудан аз таом.

«الحَمْدُ لِلَّهِ الَّذِي أَطْعَمَنِي هَذَا، وَرَزَقَنِيهِ، مِنْ غَيْرِ حَوْلٍ مِنِّي وَلَا قُوَّةٍ».

«Ҳамду ситоиш аз они Аллоҳ аст, ки ин таомро ба ман хӯронд ва онро ба ман рӯзӣ гардонд, дар ҳоле ки аз ҷониби ман ҳеҷ тавону қудрате набуд.»[2]

«الْحَمْدُ لِلَّهِ حَمْدًا كَثِيرًا طَيِّبًا مُبَارَكًا فِيهِ، غَيْرَ [مَكْفِيٍّ وَلَا] مُوَدَّعٍ، وَلَا مُسْتَغْنًى عَنْهُ رَبَّنَا».

[1] Тирмизӣ (5/506), рақами (3455) ва нигар: Саҳеҳи Тирмизӣ (3/158).

[2] Ривояти асҳоби сунан ба ҷуз Насоӣ: Абудовуд, рақами (4025), Тирмизӣ, рақами (3458), Ибн Моҷаҳ, рақами (3285) ва нигаред ба Саҳеҳи Тирмизӣ (3/159).

"Ҳамду ситоиш аз они Аллоҳ аст — ҳамде бисёр, покиза ва пурбаракат. Ҳамде, ки ҳеҷ гоҳ басанда шумурда намешавад, тарк намегардад ва мо, эй Парвардигори мо, ҳаргиз аз Ту бениёз нестем."[1]

## 71. Дуои меҳмон барои меҳмондор

«اللَّهُمَّ بَارِكْ لَهُمْ فِيمَا رَزَقْتَهُم، وَاغْفِرْ لَهُمْ وَارْحَمْهُمْ».

"Худоё! Дар он чӣ ба онҳо рӯзӣ додаӣ, барояшон баракат ато фармо, онҳоро биёмурз ва бар онҳо раҳм намо."[2]

## 72. Ишора кардан бо дуо барои талаби таъом ё нӯшиданӣ

«اللَّهُمَّ أَطْعِمْ مَنْ أَطْعَمَنِي، وَاسْقِ مَنْ سَقَانِي».

"Худоё! Ба ҳар касе, ки маро таом дод, таом бидеҳ ва ба ҳар касе, ки маро об нӯшонд, об бинӯшон."[3]

## 73. Дуо ҳангоме ки назди аҳли хонае ифтор кунад

«أَفْطَرَ عِنْدَكُمُ الصَّائِمُونَ، وَأَكَلَ طَعَامَكُمُ الأَبْرَارُ، وَصَلَّتْ عَلَيْكُمُ المَلَائِكَةُ».

1 Бухорӣ (6/214), рақами (5458), Тирмизӣ бо лафзаш (5/507), рақами (3456).
2 Муслим (3/1615), рақами (2042).
3 Муслим (3/1626), рақами (2055).

"Дар назди шумо рӯзадорон ифтор намуда ва накӯкорон таоми шуморо хӯрданд ва фариштагон бар шумо дуруд фиристоданд."[1]

## 74. Дуои рӯзадор ҳангоме ки таом ҳозир мешавад ва ҳоло ифтор накардааст

«إِذَا دُعِيَ أَحَدُكُمْ فَلْيُجِبْ، فَإِنْ كَانَ صَائِمًا فَلْيُصَلِّ، وَإِنْ كَانَ مُفْطِرًا فَلْيَطْعَمْ».

"Ҳар гоҳ яке аз шумо даъват шавад, бояд онро иҷобат кунад, пас, агар рӯзадор бошад, бояд дар ҳақи даъваткунанда дуо кунад ва агар рӯзадор набошад, бояд таомро тановул намояд."[2]

Маънои فَلْيُصَلِّ (Фал-юсалли), яъне "дуо кунад".

## 75. Он чи рӯзадор мегӯяд, агар касе ӯро дашном диҳад

«إِنِّي صَائِمٌ، إِنِّي صَائِمٌ».

"Ман рӯзадор ҳастам, ман рӯзадор ҳастам."[3]

---

[1] Сунани Абудовуд (3/367), рақами (3856), ва Ибни Моҷаҳ (1/556), рақами (1747), ва Насоӣ дар Амалу-л-явми ва-л-лайла, рақами (296-298), ва тасреҳ кардааст, ки Паёмбар (ﷺ) вақте назди аҳли хонаводае ифтор мекарданд, онро мегуфтанд ва Албонӣ дар Саҳеҳи Абудовуд (2/730) онро саҳеҳ донистааст.

[2] Муслим (2/1054), рақами (1150).

[3] Бухорӣ бо Фатҳ (4/103), рақами (1894), Муслим (2/806), рақами (1151).

## 76. Дуо кардан ҳангоми дидани навбари мева

«اللَّهُمَّ بَارِكْ لَنَا فِي ثَمَرِنَا، وَبَارِكْ لَنَا فِي مَدِينَتِنَا، وَبَارِكْ لَنَا فِي صَاعِنَا، وَبَارِكْ لَنَا فِي مُدِّنَا».

«Худоё! Дар меваҳои мо баракат ато фармо, дар шаҳри мо баракат деҳ, дар соъи (паймона) мо баракат деҳ ва дар муди (паймонаи хурдтар аз соъ) мо баракат ато фармо.»[1]

## 77. Дуои атса

«إِذَا عَطَسَ أَحَدُكُم فَلْيَقُلِ:

«Ҳар гоҳ яке аз шумо атса занад, бояд бигӯяд:

الحَمْدُ لِلَّهِ،

Алҳамдулиллоҳ (Ҳамд ва шукр барои Аллоҳ аст).

وَلْيَقُلْ لَهُ أَخُوهُ أَوْ صَاحِبُهُ:

Ва бояд бародар ё дӯсташ ба ӯ бигӯяд:

يَرْحَمُكَ اللَّهُ،

Худованд раҳмат кунад туро.

فَإِذَا قَالَ لَهُ: يَرحَمُكَ اللَّهُ، فَلْيَقُلْ:

Вақто ба ӯ "Ярҳамукаллоҳ" гуфт, дар посух

[1] Муслим (2/1000), рақами (1373).

бигӯяд:

«يَهْدِيكُمُ اللَّهُ وَيُصْلِحُ بَالَكُم».

Худованд шуморо ҳидоят кунад ва дилҳоятонро солеҳ гардонад.»[1]

**78. Он чи ба кофир гуфта мешавад, агар атса зад ва "Алҳамдулиллоҳ" гӯяд.**

«يَهْدِيكُمُ اللَّهُ وَيُصْلِحُ بَالَكُمْ».

«Худованд шуморо ҳидоят кунад ва дилҳоятонро солеҳ гардонад.»[2]

**79. Дуо кардан ба навхонадор.**

«بَارَكَ اللَّهُ لَكَ، وَبَارَكَ عَلَيْكَ، وَجَمَعَ بَيْنَكُمَا فِي خَيْرٍ».

"Аллоҳ бароят баракат ато фармояд, бар ту баракат нозил гардонад ва ҳар дуи шуморо дар некӣ ва хайр бо ҳам ҷамъ гардонад."[3]

**80. Дуои шахси издивоҷкунанда ва ҳангоми харидани чорво.**

Агар яке аз шумо бо зане издивоҷ кунад, ё агар хидматгоре бихарад, пас бигӯяд:

---

[1] Бухорӣ (7/125), рақами (5870).

[2] Тирмизӣ (5/82), рақами (2741), Аҳмад (4/400), рақами (19586), Абудовуд (4/308), рақами (5040), ва ниг: Саҳеҳи Тирмизӣ (2/354).

[3] Ривояти асҳоби сунан ба ҷуз Насоӣ: Абудовуд, рақами (2130), Тирмизӣ, рақами (1091), Ибни Моҷаҳ, рақами (1905), Насоӣ дар Амал-ул-явм ва-л-лайла, рақами (259), ва ниг: Саҳеҳи Тирмизӣ (1/316).

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ خَيْرَهَا، وَخَيْرَ مَا جَبَلْتَهَا عَلَيْهِ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّهَا، وَشَرِّ مَا جَبَلْتَهَا عَلَيْهِ،

"Эй Аллоҳ! Аз Ту хубии он ва хубии он чиро, ки бар он сириштаӣ, хоҳонам ва ба Ту паноҳ мебарам аз бадии он ва бадии он чи ки бар он сириштаӣ."

وَإِذَا اشْتَرَى بَعِيرًا فَلْيَأْخُذْ بِذِرْوَةِ سَنَامِهِ وَلْيَقُلْ مِثْلَ ذَلِكَ».

Ва агар шутуре бихарад, пас болои кӯҳони онро бигирад ва мисли он бигӯяд.»[1]

## 81. Дуо кардан пеш аз ҳамхобагӣ бо ҳамсар

«بِسْمِ اللَّهِ، اللَّهُمَّ جَنِّبْنَا الشَّيْطَانَ، وَجَنِّبِ الشَّيْطَانَ مَا رَزَقْتَنَا».

"Ба номи Худо, Худоё, шайтонро аз мо дур кун ва шайтонро аз он чи ба мо рӯзӣ додаӣ, дур бигардон."[2]

## 82. Дуои хашму ғазаб

«أَعُوذُ بِاللَّهِ مِنَ الشَّيْطَانِ الرَّجِيمِ».

"Ба Аллоҳ паноҳ мебарам аз шарри шайтони рондашуда."[3]

---

[1] Абудовуд (2/248), рақами (2160), Ибни Моҷаҳ (1/617), рақами (1918), ва ниг: Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (1/324).

[2] " Бухорӣ (6/141), рақами (141), Муслим (2/1028), рақами (1434)."

[3] Бухорӣ (7/99), рақами (3282), Муслим (4/2015), рақами (2610).

## 83. Дуои дидани касе, ки ба мусибате гирифтор шудааст

«الحَمْدُ لِلَّهِ الَّذِي عَافَانِي مِمَّا ابْتَلَاكَ بِهِ، وَفَضَّلَنِي عَلَى كَثِيرٍ مِمَّنْ خَلَقَ تَفْضِيلًا».

"Ҳамду ситоиш аз они Аллоҳ аст, ки маро аз он чӣ туро ба он озмудааст, дар амон нигоҳ дошт ва маро бар бисёре аз офаридагонаш бартарии ошкор ато фармуд."[1]

## 84. Он чи дар ҷамъомад гуфта мешавад

Аз Ибни Умар (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Пеш аз он ки Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз як нишасте бархезанд, шумурда мешуд, ки сад бор ин дуоро мегуфтанд:

«رَبِّ اغْفِرْ لِي، وَتُبْ عَلَيَّ، إِنَّكَ أَنْتَ التَّوَّابُ الغَفُورُ».

"Эй Парвардигори ман! Маро биёмурз ва тавбаи маро бипазир. Ҳамоно Ту Тавбапазир ва Омурзанда ҳастӣ."[2]

## 85. Каффораи маҷлис

«سُبْحَانَكَ اللَّهُمَّ وَبِحَمْدِكَ، أَشْهَدُ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ، أَسْتَغْفِرُكَ وَأَتُوبُ إِلَيْكَ».

«Эй Аллоҳ! Туро аз ҳар айбу нуқсон пок

---

1 Тирмизӣ (5/494) ва (5/493), рақами (3432), ва нигар: Саҳеҳи Тирмизӣ (3/153).

2 Тирмизӣ, рақами (3434) ва Ибни Моҷаҳ, рақами (3814), ва нигар: Саҳиҳи Тирмизӣ (3/153) ва Саҳиҳи Ибни Моҷаҳ (2/321) ва лафзаш аз Тирмизӣ аст.

медонам ва Туро бо ҳамду ситоиш ёд мекунам. Гувоҳӣ медиҳам, ки ҷуз Ту ҳеҷ маъбуди барҳақ нест. Аз Ту омурзиш металабам ва ба сӯи Ту тавба мекунам.»[1]

## 86. Дуо кардан барои касе, ки "Ғафараллоҳу лака" (Аллоҳ туро биёмурзад) мегӯяд.

«وَلَكَ».

""Ва барои ту низ"[2]

## 87. Дуо барои касе, ки ба ту некӣ кард

«جَزَاكَ اللَّهُ خَيْرًا».

"Аллоҳ ба ту беҳтарин подош ато фармояд."[3]

## 88. Он чи Аллоҳ бо он аз фитнаи Даҷҷол муҳофизат мекунад.

---

[1] Асҳоби Сунан: Абудовуд ба рақами (4858), Тирмизӣ ба рақами (3433) ва Насоӣ ба рақами (1344), ва ба «Саҳеҳи Тирмизӣ» (3/153) нигаред. Ва собит шудааст, ки Оиша (разияллоҳу анҳо) гуфт: «Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар маҷлисе нанишаст ва Қуръоне тиловат накард ва намозе нагузорид, магар ин ки онро бо калимоте хатм мекард...» то охири ҳадис. Онро Насоӣ дар «Амалу-л-явми ва-л-лайла» ба рақами (308) ва Аҳмад (6/77) ба рақами (24486) ривоят кардаанд ва доктор Форуқ Ҳамода дар таҳқиқи худ бар «Амалул-явми вал-лайла»-и Насоӣ (саҳ. 273) онро саҳеҳ донистааст.

[2] Аҳмад (5/82), рақами (20778) ва Насоӣ дар «Амалу-л-явми ва-л-лайла» (саҳ. 218), рақами (421), таҳқиқи доктор Форуқ Ҳамода.

[3] Ривояти Тирмизӣ, рақами (2035), ва нигаред: Саҳеҳул-ҷомеъ (6244) ва Саҳеҳи Тирмизӣ (2/200).

«مَنْ حَفِظَ عَشْرَ آيَاتٍ مِنْ أَوَّلِ سُورَةِ الْكَهْفِ عُصِمَ مِنَ الدَّجَّالِ»،

«Ҳар касе даҳ ояти аввали сураи Каҳфро ҳифз кунад, аз фитнаи Даҷҷол дар амон мемонад.»[1]

Ва паноҳ бурдан ба Аллоҳ аз фитнаи ӯ баъд аз ташаҳҳуди ахир аз ҳар намоз.[2]

### 89. Дуъо барои касе, ки мегӯяд: Ман туро барои Аллоҳ дӯст медорам.

«أَحَبَّكَ الَّذِي أَحْبَبْتَنِي لَهُ».

«Дӯст дорад туро он ки маро ба хотири Ӯ дӯст доштӣ.»[3]

### 90. Дуо кардан барои касе, ки молашро ба ту пешниҳод мекунад.

«بَارَكَ اللَّهُ لَكَ فِي أَهْلِكَ وَمَالِكَ».

"Аллоҳ дар аҳлу хонаводаат ва молу дороиат бароят баракат ато фармояд."[4]

---

1 " Ниг.: ҳадиси рақами (55) ва ҳадиси (56) (саҳ. 41) аз ин китоб."

2 Ривояти Муслим (1/555), рақами (809), ва дар ривояте: аз охири Каҳф (1/556), рақами (809).

3 Ривояти Абудовуд (4/333), рақами (5125) ва Албонӣ онро дар «Саҳеҳи Сунани Абудовуд» (3/965) ҳасан донистааст.

4 Бухорӣ бо Фатҳ (4/288), рақами (2049).

## 91. Дуо барои қарздиҳанда ҳангоми адои қарз.

«بارَكَ اللَّهُ لَكَ فِي أَهْلِكَ وَمَالِكَ، إِنَّمَا جَزَاءُ السَّلَفِ الحَمْدُ وَالأَدَاءُ».

"Аллоҳ дар аҳлу хонаводаат ва молу дороиат бароят баракат ато фармояд. Ҳамоно подоши қарз (ё некие, ки пешакӣ карда шудааст) танҳо сипосгузорӣ ва баргардонидани он аст."[1]

## 92. Дуъои хавф аз ширк

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ أَنْ أُشْرِكَ بِكَ وَأَنَا أَعْلَمُ، وَأَسْتَغْفِرُكَ لِمَا لَا أَعْلَمُ».

«Худоё, ман паноҳ мебарам ба Ту аз он ки дониста ба Ту ширк оварам ва аз Ту омурзиш мехоҳам барои он чи ки намедонам.»[2]

## 93. Дуо кардан барои касе, ки "Боракаллоҳу фика" (Баракати Худованд дар ту бод) мегӯяд.

«وَفِيكَ بَارَكَ اللَّهُ».

"Ва баракати Худованд дар ту бод."[3]

---

[1] Ривояти Насоӣ дар «Амалу-л-явми ва-л-лайла» (с. 300), Ибни Моҷаҳ (2/809), рақами (2424), ва ниг: Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (2/55).

[2] Ривояти Аҳмад (4/403), рақами (19606), ва Адаб ал-Муфрад-и Бухорӣ, рақами (716), ва ниг: Саҳеҳ ал-Ҷомеъ (3/233), ва Саҳеҳ ат-Тарғиб ва-т-Тарҳиби Албонӣ (1/19).

[3] Ривояти Ибни Суннӣ (саҳ. 138), рақами (278) ва нигаред ба китоби "Ал-вобил ус-саййиб"-и Ибни Қаййим (саҳ. 304), таҳқиқи Башир Муҳаммад Уюн.

## 94. Дуои кароҳияти фоли бад

«اللَّهُمَّ لَا طَيْرَ إِلَّا طَيْرُكَ، وَلَا خَيْرَ إِلَّا خَيْرُكَ، وَلَا إِلَهَ غَيْرُكَ».

"Эй Аллоҳ! Ҳеҷ фоле ҷуз он чи Ту муқаддар кардаӣ нест, ҳеҷ хайре ҷуз хайри Ту нест ва ҳеҷ маъбуди барҳақе ҷуз Ту вуҷуд надорад."[1]

## 95. Дуои савор шудан ба василаи нақл

«بِسْمِ اللَّهِ، وَالْحَمْدُ لِلَّهِ

«Ба номи Аллоҳ ва ҳамду сано Худовандрост

﴿سُبْحَانَ الَّذِي سَخَّرَ لَنَا هَذَا وَمَا كُنَّا لَهُ مُقْرِنِينَ

(Поку муназзаҳ аст касе, ки ин [василa]-ро дар хидмати мо гумошт ва мо худ тавони ин корро надоштем.

وَإِنَّا إِلَى رَبِّنَا لَمُنْقَلِبُونَ﴾،

Ва бегумон мо ба сӯи Парвардигорамон боз мегардем.»

الحَمْدُ لِلَّهِ، الحَمْدُ لِلَّهِ، الحَمْدُ لِلَّهِ، اللَّهُ أَكْبَرُ، اللَّهُ أَكْبَرُ، اللَّهُ أَكْبَرُ، سُبْحَانَكَ اللَّهُمَّ

---

[1] Ривояти Аҳмад (2/220), рақами (7045) ва Ибни Суннӣ, рақами (292), ва Албонӣ онро дар «Силсилатул-аҳодиси-с-саҳиҳа» (3/54), рақами (1065) саҳеҳ донистааст, аммо Паёмбар (саллалоҳу алайҳи ва саллам) фоли некро меписандиданд; аз ин рӯ, аз марде сухани некӯ шуниданд ва ба Ӯ писанд омад, пас фармуданд: «Фоли неки туро аз даҳонат гирифтем», Абудовуд, рақами (3719), ва Аҳмад, рақами (9040), ва Албонӣ онро дар «Силсилатул-аҳодисис-саҳиҳа» (2/363) саҳеҳ донистааст, дар назди Абушайх дар «Ахлоқу-н-Набӣ (саллалоҳу алайҳи ва саллам)» (саҳ. 270).

إِنِّي ظَلَمْتُ نَفْسِي فَاغْفِرْ لِي؛ فَإِنَّهُ لَا يَغْفِرُ الذُّنُوبَ إِلَّا أَنْتَ».

"Ҳамду ситоиш аз они Аллоҳ аст, ҳамду ситоиш аз они Аллоҳ аст, ҳамду ситоиш аз они Аллоҳ аст. Аллоҳ бузург аст, Аллоҳ бузург аст, Аллоҳ бузург аст. Эй Аллоҳ! Туро аз ҳар айбу нуқсон пок медонам. Ба ростӣ, ман бар худ ситам кардаам, пас маро биёмурз, зеро ҷуз Ту ҳеҷ кас гуноҳонро намеомурзад."[1]

## 96. Дуои сафар

«اللَّهُ أَكْبَرُ، اللَّهُ أَكْبَرُ، اللَّهُ أَكْبَرُ،

«Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар.

سُبْحَانَ الَّذِي سَخَّرَ لَنَا هَذَا وَمَا كُنَّا لَهُ مُقْرِنِينَ

Поку муназзаҳ аст касе, ки ин [васила]-ро дар хидмати мо гумошт ва мо худ тавони ин корро надоштем.

وَإِنَّا إِلَى رَبِّنَا لَمُنقَلِبُونَ،

Ва бегумон мо ба сӯи Парвардигорамон бозмегардем.

اللَّهُمَّ إِنّا نَسْأَلُكَ فِي سَفَرِنَا هَذَا البِرَّ وَالتَّقْوَى، وَمِنَ العَمَلِ مَا تَرْضَى، اللَّهُمَّ هَوِّنْ عَلَيْنَا سَفَرَنَا هَذَا وَاطْوِ عَنَّا بُعْدَهُ، اللَّهُمَّ أَنْتَ الصَّاحِبُ فِي السَّفَرِ، وَالخَلِيفَةُ فِي الأَهْلِ، اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنْ وَعْثَاءِ السَّفَرِ، وَكَآبَةِ المَنْظَرِ، وَسُوءِ المُنْقَلَبِ فِي المَالِ

[1] Абудовуд (3/34), рақами (2602), ва Тирмизӣ (5/501), рақами (3446), ва нигаред: Саҳеҳи Тирмизӣ (3/156), сураи Зухруф (13-14).

وَالأَهْلِ»،

«Эй Аллоҳ! Мо дар ин сафарамон аз Ту некӯкорӣ, парҳезгорӣ ва анҷом додани амалҳоеро, ки аз онҳо хушнуд мешавӣ, дархост мекунем. Эй Аллоҳ! Ин сафари моро бар мо осон гардон ва дурии роҳи онро барои мо кӯтоҳ намо. Эй Аллоҳ! Ту ҳамсафари мо дар сафар ва нигаҳбони аҳли хонаводаи мо дар ғоибии мо ҳастӣ. Эй Аллоҳ! Ба Ту паноҳ мебарам аз сахтиҳои сафар, аз манзараҳои андӯҳовар ва аз бозгашти нохуш дар бораи молу аҳлу хонавода.»

Ва ҳангоми аз сафар баргаштан онҳоро мегӯяд ва инро бар онҳо меафзояд:

«آيِبُونَ، تائِبُونَ، عَابِدُونَ، لِرَبِّنَا حَامِدُونَ».

"Мо бозгашткунандагон, тавбакунандагон, ибодаткунандагон ва ситоишгарони Парвардигори худ ҳастем."[1]

## 97. Дуои даромадан ба деҳа ё шаҳр

«اللَّهُمَّ رَبَّ السَّمَوَاتِ السَّبْعِ وَمَا أَظْلَلْنَ، وَرَبَّ الأَرَضِينَ السَّبْعِ وَمَا أَقْلَلْنَ، وَرَبَّ الشَّياطِينِ وَمَا أَضْلَلْنَ، وَرَبَّ الرِّيَاحِ وَمَا ذَرَيْنَ، أَسْأَلُكَ خَيْرَ هَذِهِ القَرْيَةِ، وَخَيْرَ أَهْلِهَا، وَخَيْرَ مَا فِيهَا، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّهَا، وَشَرِّ أَهْلِهَا، وَشَرِّ مَا فِيهَا».

«Эй Аллоҳ, Парвардигори осмонҳои

[1] Муслим (2/978), рақами (1342).

ҳафтгона ва он чӣ соя афкандаанд ва Парвардигори заминҳои ҳафтгона ва он чи бардоштаанд ва Парвардигори шайтонҳо ва он чи гумроҳ кардаанд ва Парвардигори бодҳо ва он чи пароканда сохтаанд! Аз Ту хубии ин деҳа ва хубии аҳли он ва хубии он чизе, ки дар он аст, хоҳонам. Ва ба Ту паноҳ мебарам аз бадии он ва бадии аҳли он ва бадии он чизе, ки дар он аст.»[1]

## 98. Дуои даромадан ба бозор

«لَا إِلَٰهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ الْمُلْكُ، وَلَهُ الْحَمْدُ، يُحْيِي وَيُمِيتُ، وَهُوَ حَيٌّ لَا يَمُوتُ، بِيَدِهِ الْخَيْرُ، وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ».

"Ҳеҷ маъбуди барҳақ ҷуз Аллоҳи Ягона нест. Ӯро ҳеҷ шарике нест. Фармонравоӣ аз они Ӯст ва ҳамду ситоиш низ аз они Ӯст. Ӯ зинда мекунад ва мемиронад. Ӯ Зиндаи ҷовид аст ва ҳаргиз намемирад. Ҳамаи некӣ дар дасти Ӯст ва Ӯ бар ҳар чиз тавоност.»[2]

## 99. Дуои лағжиши маркаб

[1] Ривояти Ҳоким ва онро саҳеҳ гуфтааст ва Заҳабӣ (2/100) бо ӯ мувофиқат кардааст, ва Ибни Суннӣ, рақами (524). Ва Ҳофиз дар «Тахриҷ-ул-азкор» (5/154) онро ҳасан гуфтааст. Аллома Ибни Боз (раҳимаҳуллоҳ) гуфтааст: «Ва Насоӣ бо исноди ҳасан ривоят кардааст». Ниг: «Туҳфат-ул-ахёр» (саҳ. 37).

[2] Тирмизӣ, рақами (3428), Ибни Моҷаҳ (5/291), рақами (3860) ва Ҳоким (1/538), ва Албонӣ онро дар Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (2/21) ва дар Саҳеҳи Тирмизӣ (3/152) ҳасан донистааст.

«بِسْمِ اللَّهِ».

"Бисмиллоҳ"[1]

## 100. Дуои мусофир барои муқим

«أَسْتَوْدِعُكُمُ اللَّهَ الَّذِي لَا تَضِيعُ وَدَائِعُهُ».

"Шуморо ба амонати Аллоҳ месупорам, Он Зоте, ки амонатҳои назди Ӯ ҳаргиз зоеъ намегарданд."[2]

## 101. Дуои муқим барои мусофир

«أَسْتَوْدِعُ اللَّهَ دِينَكَ، وَأَمَانَتَكَ، وَخَوَاتِيمَ عَمَلِكَ».

"Динат, амонатат ва анҷоми амалҳоятро ба Аллоҳ месупорам."[3]

«زَوَّدَكَ اللَّهُ التَّقْوَى، وَغَفَرَ ذَنْبَكَ، وَيَسَّرَ لَكَ الْخَيْرَ حَيْثُ ما كُنْتَ».

"Аллоҳ туро бо парҳезгорӣ таъмин намояд, гуноҳонатро биёмурзад ва ҳар ҷо, ки бошӣ, хайру некӣ бароят осон гардонад."[4]

## 102. Такбир ва тасбеҳ гуфтан дар рафти сафар

Ҷобир (разияллоҳу анҳу) гуфт: «Чун ба

---

[1] Абудовуд (4/296), рақами (4982), Албонӣ дар Саҳеҳи Абудовуд (3/941) саҳеҳаш гуфтааст.

[2] Аҳмад (2/403), рақами (9230), Ибни Моҷаҳ (2/943), рақами (2825) ва нигар: Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (2/133).

[3] Аҳмад (2/7), рақами (4524), Тирмизӣ (5/499), рақами (3443) ва Албонӣ онро дар Саҳеҳи сунани Тирмизӣ (3/419) саҳеҳ донистааст.

[4] Тирмизӣ, рақами (3444), ва нигаред: Саҳеҳи Тирмизӣ (3/155).

баландиҳо боло мешудем, такбир мегуфтем, Мегӯяд: (Аллоҳу акбар) "Ва чун фуруд меомадем, тасбеҳ мегуфтем."[1]

Мегӯяд: (Субҳоналлоҳ)

## 103. Дуои мусофир ҳангоми саҳар

«سَمَّعَ سَامِعٌ بِحَمْدِ اللَّهِ، وَحُسْنِ بَلَائِهِ عَلَيْنَا، رَبَّنَا صاحِبْنَا، وَأَفْضِلْ عَلَيْنَا، عَائِذًا بِاللَّهِ مِنَ النَّارِ».

"Бигзор ҳар шунавандае ҳамду ситоиши Аллоҳ ва неъмату озмоиши неки Ӯро бар мо бишнавад. Эй Парвардигори мо! Дар ин сафар ҳамроҳу нигаҳбони мо бош ва фазлу эҳсони Худро бар мо афзун гардон. Дар ҳоле ки ба Аллоҳ аз оташи дӯзах паноҳ мебарем."[2]

## 104. Дуо ҳангоми фаромадан ба манзиле дар сафар ва ё ғайри он.

«أَعُوذُ بِكَلِمَاتِ اللَّهِ التَّامَّاتِ مِنْ شَرِّ مَا خَلَقَ».

"Паноҳ мебарам ба калимаҳои комили Аллоҳ аз шарри он чи офаридааст."[3]

---

[1] Бухорӣ бо Фатҳ (6/135), рақами (2993).

[2] Муслим (4/2086), рақами (2718), ва маънои «саммаъа сомеъун»: яъне, гувоҳе бар ҳамду санои мо барои Худованди Мутаъол бар неъматҳояш ва озмоиши неки Ӯ гувоҳӣ дод. Ва маънои «саммаъа сомеъун»: шунавандае ин сухани моро ба дигарон бирасонад ва монанди он бигӯяд, ба хотири огоҳӣ додан бар зикр ва дуо дар вақти саҳар. Шарҳи Нававӣ бар «Саҳеҳ»-и Муслим (17/39).

[3] Муслим (4/2080), рақами (2709).

## 105. Зикри баргаштан аз сафар

«يُكَبِّرُ عَلَى كُلِّ شَرَفٍ ثَلَاثَ تَكْبِيرَاتٍ ثُمَّ يَقُولُ:

«Бар ҳар баландӣ се маротиба такбир мегӯяд, сипас мегӯяд:

لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ الْمُلْكُ، وَلَهُ الْحَمْدُ، وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ، آيِبُونَ، تَائِبُونَ، عَابِدُونَ، لِرَبِّنَا حَامِدُونَ، صَدَقَ اللَّهُ وَعْدَهُ، وَنَصَرَ عَبْدَهُ، وَهَزَمَ الْأَحْزَابَ وَحْدَهُ».

"Ҳеҷ маъбуди барҳақ ҷуз Аллоҳи Ягона нест. Ӯро ҳеҷ шарике нест. Фармонравоӣ аз они Ӯст ва ҳамду ситоиш низ аз они Ӯст. Ӯ бар ҳар чиз тавоност. Мо бозгашткунандагон, тавбакунандагон, ибодаткунандагон ва ситоишгарони Парвардигори худ ҳастем. Аллоҳ ба ваъдаи Худ вафо кард, бандаи Худро ёрӣ намуд ва гурӯҳҳои душманро танҳо Худ шикаст дод."[1]

## 106. Дуое, ки шахс вақти дидани чизи хушҳолкунанда ё ғамгинкунанда мегӯяд:

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳангоме ки хабаре бароятон мерасид, ки хушҳолашон мекард, чунин мефармуданд:

---

[1] Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳангоме ки аз ҷанг ё ҳаҷ бармегаштанд, инро мегуфтанд. Ривояти Бухорӣ (7/163), рақами (1797), Муслим (2/980), рақами (1344).

«الحَمْدُ لِلَّهِ الَّذِي بِنِعْمَتِهِ تَتِمُّ الصَّالِحَاتُ»

"Ҳамду ситоиш аз они Аллоҳ аст, ки ба неъмати Ӯ корҳои нек ба анҷом мерасанд."

Ва агар коре ба ӯ пеш меомад, ки онро нохуш медид, мегуфт:

«الحَمْدُ لِلَّهِ عَلَى كُلِّ حَالٍ».

"Ҳамду ситоиш аз они Аллоҳ аст дар ҳар ҳол."[1]

## 107. Фазилати салавот фиристодан бар Паёмбар (саллалоҳу алайҳи ва саллам).

Паёмбар (саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«مَنْ صَلَّى عَلَيَّ صَلَاةً صَلَّى اللَّهُ عَلَيْهِ بِهَا عَشْرًا».

«Ҳар ки бар ман як бор дуруд бифиристад, Аллоҳ барояш даҳ бор дуруд мефиристад.»[2] Монанди ин ки бигӯяд: (Эй Аллоҳ! Бар Паёмбари мо Муҳаммад дуруду салом фирист).

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«لَا تَجْعَلُوا قَبْرِي عِيدًا وَصَلُّوا عَلَيَّ؛ فَإِنَّ صَلَاتَكُم تَبْلُغُنِي حَيْثُ كُنْتُمْ».

---

[1] Ривояти Ибни Суннӣ дар китоби "Амалул-явми вал-лайла", рақами (377), Ҳоким ва онро саҳеҳ гуфтааст (1/499), Албонӣ дар "Саҳеҳ ал-ҷомеъ" (4/201) саҳеҳаш гуфтааст.

[2] Ривояти Муслим (1/288), рақами (384).

«Қабри маро ҷашнгоҳ қарор надиҳед, бар ман дуруд бифиристед, зеро дуруди шумо ҳар ҷое бошед ба ман мерасад.»[1]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«البَخِيلُ مَنْ ذُكِرْتُ عِنْدَهُ فَلَمْ يُصَلِّ عَلَيَّ».

«Бахил касест, ки номи ман назди ӯ зикр шавад ва бар ман дуруд нафиристад.»[2]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«إِنَّ لِلَّهِ مَلَائِكَةً سَيَّاحِينَ فِي الأَرْضِ يُبَلِّغُونِي مِنْ أُمَّتِي السَّلَامَ».

"Барои Худованд фариштагоне ҳаст, ки дар рӯи замин гардиш мекунанд ва саломи умматамро ба ман мерасонанд."[3]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«مَا مِنْ أَحَدٍ يُسَلِّمُ عَلَيَّ إِلَّا رَدَّ اللَّهُ عَلَيَّ رُوحِي حَتَّى أَرُدَّ عَلَيْهِ السَّلَامَ».

"Касе нест, ки бар ман салом бифиристад, магар ин ки Аллоҳ руҳамро бар ман бозмегардонад, то ҷавоби саломашро

---

1 Абудовуд (2/218), рақами (2044), Аҳмад (2/367), рақами (8804), Албонӣ дар Саҳеҳи Абудовуд (2/383) саҳеҳаш гуфтааст.

2 Тирмизӣ (5/551), рақами (3546) ва ғайра, ва нигар: Саҳеҳу-л-ҷомеъ (3/25) ва Саҳеҳи Тирмизӣ (3/177).

3 Насоӣ (3/43), рақами (1282), Ҳоким (2/421), Албонӣ дар Саҳеҳи Насоӣ (1/274) саҳеҳаш гуфтааст.

бидиҳам."[1]

## 108. Пахн кардани салом

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«لَا تَدْخُلُوا الْجَنَّةَ حَتَّى تُؤْمِنُوا، وَلَا تُؤْمِنُوا حَتَّى تَحَابُّوا، أَوَلَا أَدُلُّكُمْ عَلَى شَيْءٍ إِذَا فَعَلْتُمُوهُ تَحَابَبْتُم، أَفْشُوا السَّلَامَ بَيْنَكُمْ».

«Ба биҳишт ворид намешавед, то ин ки имон биёваред ва имон намеоваред, то ин ки ҳамдигарро дӯст доред. Оё шуморо ба чизе роҳнамоӣ накунам, ки агар анҷомаш диҳед, ҳамдигарро дӯст медоред? Саломро дар миёни худ пахн кунед.»[2]

«ثَلَاثٌ مَنْ جَمَعَهُنَّ فَقَدْ جَمَعَ الإِيمَانَ: الإِنْصَافُ مِنْ نَفْسِكَ، وَبَذْلُ السَّلَامِ لِلْعَالَمِ، وَالإِنْفَاقُ مِنَ الإِقْتَارِ».

"Се чиз аст, ки ҳар кас онҳоро гирд оварад, имони худро ҷамъ кардааст: Дар бораи худ инсоф пеша кардан (дидани айбҳои худ), салом додан ба ҳама мардум, нафақа кардан ҳангоми тангдастӣ."[3]

Аз Абдуллоҳ ибни Умар (разияллоҳу анҳумо)

---

1 Абудовуд, рақами (2041), ва Албонӣ онро дар «Саҳеҳи Абудовуд» (1/383) ҳасан донистааст.

2 Ривояти Муслим (1/74), рақами (54), Аҳмад, рақами (1430), лафзи ҳадис аз ӯст ва лафзи Муслим: «لَا تَدْخُلُونَ...».

3 Бухорӣ бо «Фатҳ» (1/82), рақами (28), аз Аммор (разияллоҳу анҳу) ба таври мавқуф ва муаллақ.

ривоят аст, ки марде аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) пурсид, ки кадом амал дар Ислом беҳтар аст? Фармуд:

«تُطْعِمُ الطَّعَامَ، وَتَقْرَأُ السَّلَامَ عَلَى مَنْ عَرَفْتَ وَمَنْ لَمْ تَعْرِفْ».

«Таом диҳӣ ва ба ҳар кас хоҳ бишносӣ ё нашносӣ, салом кунӣ.»[1]

## 109. Чӣ гуна ба саломи кофир ҷавоб дода мешавад, агар салом гӯяд.

«إِذَا سَلَّمَ عَلَيْكُمْ أَهْلُ الكِتَابِ فَقُولُوا: وَعَلَيْكُمْ».

"Ҳар гоҳ аҳли китоб бар шумо салом кунанд, пас, бигӯед: "Ва ъалайкум" (ва бар шумо низ)."[2]

## 110. Дуо ҳангоми шунидани бонги хурӯс ва садои хар.

«إِذَا سَمِعْتُمْ صِيَاحَ الدِّيَكَةِ فَاسْأَلُوا اللَّهَ مِنْ فَضْلِهِ؛ فَإِنَّهَا رَأَتْ مَلَكًا،

"Ҳаргоҳ овози хурӯсҳоро шунидед, аз Аллоҳ фазли Ӯро талаб кунед, зеро онҳо фариштаеро дидаанд."

Гӯё ин ки мегӯяд: (Худоё! Ман аз Ту аз фазлу карамат дархост мекунам)

وَإِذَا سَمِعْتُمْ نَهِيقَ الحِمَارِ فَتَعَوَّذُوا بِاللَّهِ مِنَ الشَّيطَانِ؛ فَإِنَّهُ رَأَى شَيْطَانًا».

---

[1] Бухорӣ бо Фатҳ (1/55), рақами (12), Муслим (1/65), рақами (39).

[2] Бухорӣ бо Фатҳ (11/42), рақами (6258), Муслим (4/1705), рақами (2163).

"Ва чун садои харро шунидед, пас аз шайтон ба Аллоҳ паноҳ бибаред, зеро он шайтонеро дидааст."[1] Монанди ин ки бигӯяд: (Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим).

## 111. Дуо кардан ҳангоми шунидани аккоси сагҳо дар шаб.

«إِذَا سَمِعْتُمْ نُبَاحَ الكِلَابِ وَنَهِيقَ الحَمِيرِ بِاللَّيْلِ فَتَعَوَّذُوا بِاللَّهِ مِنْهُنَّ؛ فَإِنَّهُنَّ يَرَيْنَ مَا لَا تَرَوْنَ».

"Ҳар гоҳ шабона аккоси сагон ва садои харонро шунидед, пас аз онҳо ба Худо паноҳ баред, зеро ҳамоно онҳо чизҳоеро мебинанд, ки шумо намебинед."[2]

Монанди ин ки бигӯяд: "Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим."

## 112. Дуо барои касе, ки ӯро дашном додаӣ.

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«اللَّهُمَّ فَأَيُّمَا مُؤْمِنٍ سَبَبْتُهُ فَاجْعَلْ ذَلِكَ لَهُ قُرْبَةً إِلَيْكَ يَوْمَ القِيَامَةِ».

"Аллоҳумма фаайюмо муъминин сабабтуҳу фаҷъал золика лаҳу қурбатан илайка явмал-

---

[1] Бухорӣ бо Фатҳ (6/350), рақами (3303), Муслим (4/2092), рақами (2729).

[2] Абудовуд (4/327), рақами (5105), Аҳмад (3/306), рақами (14283), Албонӣ дар Саҳеҳи Абудовуд (3/961) саҳеҳаш гуфтааст.

қиёмаҳ." "Худоё! Пас ҳар муъминеро, ки ман (нохоста) озор дода ё сухани дурушт ба ӯ гуфта бошам, он суханро барои ӯ дар рӯзи қиёмат сабаби наздикӣ ба Худат қарор деҳ".[1]

## 113. Он чи мусалмон ҳангоми мадҳу ситоиши мусалмон мегӯяд

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«إِذَا كَانَ أَحَدُكُم مَادِحًا صَاحِبَهُ لَا مَحَالَةَ فَلْيَقُلْ: أَحْسِبُ فُلَانًا وَاللَّهُ حَسِيبُهُ، وَلَا أُزَكِّي عَلَى اللَّهِ أَحَدًا، أَحْسِبُهُ –إِنْ كَانَ يَعْلَمُ ذَاكَ – كَذَا وَكَذَا».

"Ҳар гоҳ яке аз шумо ногузир дӯсти худро ситоиш кардан хоҳад, бояд инро бигӯяд: Гумон мекунам фалониро ва Худованд муҳосабакунандаи ӯст ва ҳеч касро бар Худованд тазкия намекунам, гумон мекунам, ки ӯ – агар инро бидонад – чунин ва чунон аст."[2]

## 114. Он чи мусалмон ҳангоми ситоиш шудан мегӯяд

«اللَّهُمَّ لَا تُؤَاخِذْنِي بِمَا يَقُولُونَ، وَاغْفِرْ لِي مَا لَا يَعْلَمُونَ، [وَاجْعَلْنِي خَيْرًا مِمَّا يَظُنُّونَ]».

"Худоё! Маро ба он чи мегӯянд, бозхост

---

[1] Бухорӣ бо «Фатҳ» (11/171), рақами (6361), Муслим (4/2007), рақами (396) ва лафзи ҳадис: «Пас онро барои ӯ покӣ ва раҳмат бигардон.»
[2] Ривояти Муслим (4/2296), рақами (3000).

накун ва он чиро, ки намедонанд, бароям бибахш, [ва маро беҳтар аз он чи гумон мекунанд, бигардон]."[1]

## 115. Тарзи талбия гуфтани шахси муҳрим дар ҳаҷ ва ё умра

«لَبَّيْكَ اللَّهُمَّ لَبَّيْكَ، لَبَّيْكَ لَا شَرِيكَ لَكَ لَبَّيْكَ، إِنَّ الحَمْدَ، وَالنِّعْمَةَ، لَكَ وَالمُلْكَ، لَا شَرِيكَ لَكَ».

"Лаббайк, эй Аллоҳ, лаббайк! Лаббайк, Туро ҳеҷ шарике нест, лаббайк! Ҳамоно ҳамду ситоиш, тамоми неъматҳо ва фармонравоӣ аз они Туст. Туро ҳеҷ шарике нест."[2]

## 116. Такбир ҳангоми расидан ба Ҳаҷаруласвад.

«طَافَ النَّبِيُّ ﷺ بِالْبَيْتِ عَلَى بَعِيرٍ كُلَّمَا أَتَى الرُّكْنَ أَشَارَ إِلَيْهِ بِشَيْءٍ عِنْدَهُ وَكَبَّرَ».

«Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) савор бар шутур хонаи Каъбаро тавоф карданд ва ҳаргоҳ ба рукн мерасиданд, бо чизе, ки наздашон буд, ба он ишора карда, Аллоҳу акбар

---

1 Ривояти Бухорӣ дар Адаб ал-Муфрад (761), Албонӣ дар Саҳеҳ ал-Адаб ал-Муфрад (585) санадашро саҳеҳ гуфтааст ва он чӣ дар байни қавсайн аст, зиёдаи Байҳақӣ дар Шуъаб ал-Имон (4/228) аз тариқи дигар аст.

2 Бухорӣ маъа-л-Фатҳ (3/408), рақами (1549), Муслим (2/841), рақами (1184).

мегуфтанд.»[1]

## 117. Дуо байни рукни ямонӣ ва Ҳаҷаруласвад.

﴿...رَبَّنَآ ءَاتِنَا فِى ٱلدُّنْيَا حَسَنَةً وَفِى ٱلْـَٔاخِرَةِ حَسَنَةً وَقِنَا عَذَابَ ٱلنَّارِ﴾

(Парвардигоро, ба мо дар дунё некӣ [рӯзӣ, саломатӣ, дониш ва имон] ато кун ва дар охират [низ] некӣ [ато фармо] ва моро аз азоби оташ нигаҳ дор) .[2]

## 118. Дуои истодан бар Сафо ва Марва.

Чун Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба Сафо наздик шуданд, ин оятро хонданд:

«إِنَّ الصَّفَا وَالْمَرْوَةَ مِنْ شَعَآئِرِ اللَّهِ...، أَبْدَأُ بِمَا بَدَأَ اللَّهُ بِهِ»

«"Сафо" ва "Марва" аз нишонаҳои [зоҳири шариати] Аллоҳ Таъоло аст..., оғоз мекунам ба он чизе, ки Аллоҳ бо он оғоз кардааст.»

Пас аз Сафо оғоз кард ва бар он баромад, то ин ки Хонаро дид, рӯ ба қибла овард, Аллоҳро ба ягонагӣ ёд намуд ва такбир гуфта, сипас инро гуфт:

«لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ الْمُلْكُ وَلَهُ الحَمْدُ وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ،

---

[1] Бухорӣ бо Фатҳ (3/476), рақами (1613), ва мурод аз чиз: миҳҷан аст. Ниг: Бухорӣ бо Фатҳ (3/472).

[2] Абудовуд (2/179), рақами (1894), ва Аҳмад (3/411), рақами (15398), ва Бағавӣ дар Шарҳу-с-сунна (7/128), ва Албонӣ дар Саҳеҳи Абудовуд (1/354) ҳасанаш гуфтааст, сураи Бақара.

لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ، أَنْجَزَ وَعْدَهُ، وَنَصَرَ عَبْدَهُ، وَهَزَمَ الأَحْزَابَ وَحْدَهُ،

"Ҳеҷ маъбуди барҳақ ҷуз Аллоҳи Ягона нест. Ӯро ҳеҷ шарике нест. Фармонравоӣ аз они Ӯст ва ҳамду ситоиш низ аз они Ӯст ва Ӯ бар ҳар чиз тавоност. Ҳеҷ маъбуди барҳақ ҷуз Аллоҳи Ягона нест. Ӯ ба ваъдаи Худ вафо кард, бандаи Худро ёрӣ намуд ва гурӯҳҳои душманро танҳо Худ шикаст дод."

ثُمَّ دَعَا بَيْنَ ذلكَ، قَالَ مِثْلَ هَذَا ثَلَاثَ مَرَّاتٍ»

Сипас дар байни ин дуо намуданд ва мисли инро се маротиба такрор намуданд.» То охири ҳадис. Ва дар он омадааст: "Пас бар Марва ҳамон кореро кард, ки бар Сафо карда буд.[1]

## 119. Дуои рӯзи Арафа

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«خَيْرُ الدُّعَاءِ دُعَاءُ يَوْمِ عَرَفَةَ، وَخَيْرُ مَا قُلْتُ أَنَا وَالنَّبِيُّونَ مِنْ قَبْلِي:

«Беҳтарин дуо, дуои рӯзи Арафа аст ва беҳтарин сухане, ки ман ва паёмбарони пеш аз ман гуфтаем (ин аст):

لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ المُلْكُ وَلَهُ الحَمْدُ وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ».

«Ҳеҷ маъбуди барҳақ ҷуз Аллоҳи Ягона нест. Ӯро ҳеҷ шарике нест. Фармонравоӣ аз они Ӯст

[1] Муслим (2/888), рақами (1218), Сураи Бақара, ояти 158.

ва ҳамду ситоиш низ аз они Ӯст ва Ӯ бар ҳар чиз тавоност.»[1] "Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бар Қасво савор шуд, то ба Машъарул-ҳаром омад, рӯ ба қибла кард (пас Ӯро дуо кард ва такбиру таҳлил гуфт ва ба ягонагӣ ёд кард) ва пайваста истод, то он ки ҳаво бисёр равшан шуд, пас пеш аз баромадани офтоб ҳаракат кард."[2] «Ҳангоми задани ҳар сангреза дар назди се ҷамра "Аллоҳу акбар" мегӯяд, сипас баъд аз Ҷамраи аввал ва дуюм пештар рафта меистад ва ба сӯи қибла рӯй оварда, дастҳояшро баланд мекунад ва дуо мекунад. Аммо Ҷамраи Ақабаро санг мезанад ва ҳангоми задани ҳар сангреза "Аллоҳу акбар" мегӯяд ва бармегардад ва дар назди он намеистад.»[3]

## 120. Зикри назди Машъарул-ҳаром

## 121. Такбир гуфтан ҳангоми санг задани шайтон бо ҳар як сангреза.

## 122. Дуои тааҷҷуб ва кори хурсандибахш

«سُبْحَانَ اللَّهِ!».

1 Тирмизӣ, рақами (3585), ва Албонӣ онро дар «Саҳеҳи Тирмизӣ» (3/184) ва дар «Силсилаи аҳодиси саҳеҳа» (4/6) ҳасан донистааст.

2 Муслим (2/891), рақами (1218).

3 Бухорӣ маъа-л-Фатҳ (3/583), рақами (1751), ва ба лафзи он дар он ҷо нигаред. Ва Бухорӣ маъа-л-Фатҳ (3/583), ва (3/584), ва (3/581), рақами (1753), ва инчунин ривояти Муслим, рақами (1218).

"Субҳоналлоҳ"[1]

«اللَّهُ أَكْبَرُ!».

«Аллоҳу акбар»[2]

**123. Касе, ки ба ӯ кори хушҳолкунандае бирасад, чӣ кор мекунад?**

«كَانَ النَّبِيُّ ﷺ إِذَا أَتَاهُ أَمْرٌ يَسُرُّهُ أَوْ يُسَرُّ بِهِ خَرَّ سَاجِدًا شُكْرًا لِلَّهِ تَبَارَكَ وَتَعَالَى».

«Ҳаргоҳ ба Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) коре пеш меомад, ки ӯро хушҳол мекард ё ба сабаби он шод мешуд, барои шукри Аллоҳ Таборак ва Таъоло ба саҷда меафтод.»[3]

**124. Зикре, ки шахс ҳангоми эҳсоси дарду Нороҳатӣ дар вуҷудаш мегӯяд**

«ضَعْ يَدَكَ عَلَى الَّذِي تَأَلَّمَ مِنْ جَسَدِكَ وَقُلْ:

"Дастатро бар ҷое, ки дард мекунад, бигузор ва бигӯ:"

بِسْمِ اللَّهِ،

Ба номи Аллоҳ.

---

[1] Бухорӣ бо Фатҳ (1/210) ва (390) ва (414), рақами (115) ва (3599) ва (6218), Муслим (4/1857), рақами (1674).

[2] Бухорӣ бо Фатҳ (8/441), рақами (4741) ва (3062), Тирмизӣ, рақами (2180), Насоӣ дар Кубро, рақами (11185), ва ниг: Саҳеҳи Тирмизӣ (2/103) ва (2/235), Муснади Аҳмад (5/218), рақами (21900).

[3] Ривояти аҳли сунан ба ҷуз Насоӣ: Абудовуд, рақами (2774), Тирмизӣ, рақами (1578) ва Ибни Моҷаҳ , рақами (1394), нигаред ба Саҳеҳи Ибни Моҷаҳ (1/233) ва Ирво-ул-ғалил (2/226).

ثَلَاثًا،

Се маротиба.

وَقُلْ سَبْعَ مَرَّاتٍ:

Ва ҳафт маротибаи дигар бигӯ:

أَعُوذُ بِاللَّهِ وَقُدْرَتِهِ مِنْ شَرِّ مَا أَجِدُ وَأُحَاذِرُ».

"Паноҳ мебарам ба Аллоҳ ва қудрати Ӯ аз шарри он чи меёбам ва аз он метарсам."[1]

## 125. Дуъои касе, ки бими он дорад, чизе ба ӯ мерасад

«إِذَا رَأَى أَحَدُكُم مِنْ أَخِيهِ، أَوْ مِنْ نَفْسِهِ، أَوْ مِنْ مَالِهِ مَا يُعْجِبُهُ [فَلْيَدْعُ لَهُ بِالْبَرَكَةِ] فَإِنَّ العَيْنَ حَقٌّ».

"Ҳаргоҳ яке аз шумо чизеро дар бародараш ё худаш ва ё дар амволи худ бубинад ва писандаш ояд, (барояш дуои баракатро хонад) зеро чашм (кардан) ҳақ аст.»[2]

## 126. Он чи ки дар вақти тарс гуфта мешавад

«لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ!».

[1] Муслим (4/1728), рақами (2202).

[2] Муснади Аҳмад (4/447), рақами (15700), Ибни Моҷаҳ, рақами (3508), Молик (3/118-119), Албонӣ дар Саҳеҳ ал-ҷомеъ (1/212) саҳеҳаш гуфтааст ва ба таҳқиқи Зод ал-миъод-и Арнаут (4/170) нигаред.

"Нест Худои барҳақ магар Аллоҳ."[1]

## 127. Он чи ҳангоми забҳ ё наҳр гуфта мешавад

«بِسْمِ اللَّهِ وَاللَّهُ أَكْبَرُ [اللَّهُمَّ مِنْكَ وَلَكَ] اللَّهُمَّ تَقَبَّلْ مِنِّي».

"Ба номи Аллоҳ. Аллоҳ бузург аст. Эй Аллоҳ! Ин (неъмат) аз ҷониби Туст ва барои Ту аст. Эй Аллоҳ! Аз ман қабул фармо."[2]

## 128. Он чи барои дафъи макри шайтонҳои саркаш гуфта мешавад

«أَعُوذُ بِكَلِمَاتِ اللَّهِ التَّامَّاتِ الَّتِي لَا يُجَاوِزُهُنَّ بَرٌّ وَلَا فَاجِرٌ: مِنْ شَرِّ مَا خَلَقَ، وَبَرَأَ وَذَرَأَ، وَمِنْ شَرِّ مَا يَنْزِلُ مِنَ السَّمَاءِ، وَمِنْ شَرِّ مَا يَعْرُجُ فِيهَا، وَمِنْ شَرِّ مَا ذَرَأَ فِي الْأَرْضِ، وَمِنْ شَرِّ مَا يَخْرُجُ مِنْهَا، وَمِنْ شَرِّ فِتَنِ اللَّيْلِ وَالنَّهَارِ، وَمِنْ شَرِّ كُلِّ طَارِقٍ إِلَّا طَارِقًا يَطْرُقُ بِخَيْرٍ يَا رَحْمَنُ».

"Паноҳ мебарам ба калимаҳои комили Аллоҳ, ки ҳеҷ некӯкор ва бадкоре аз онҳо таҷовуз намекунад: аз шарри он чи офаридааст ва ба вуҷуд овардааст ва падид овардааст ва аз шарри он чи аз осмон фуруд меояд ва аз шарри он чи дар он боло меравад ва аз шарри он чи дар

---

[1] Бухорӣ бо Фатҳ (6/381), рақами (3346), Муслим (4/2208), рақами (2880).

[2] Муслим (3/1557), рақами (1967), Байҳақӣ (9/287), ва он чи дар байни қавсайн аст, аз Байҳақӣ (9/287) ва дигарон мебошад ва ҷумлаи охирро ба маъно аз ривояти Муслим овардам.

замин падид овардааст ва аз шарри он чи аз он берун меояд ва аз шарри фитнаҳои шабу рӯз ва аз шарри ҳар ояндаи шаб, магар оянадае, ки бо хайр меояд, эй Раҳмон."[1]

## 129. Истиғфор ва тавба

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«وَاللَّهِ إِنِّي لَأَسْتَغْفِرُ اللَّهَ وَأَتُوبُ إِلَيْهِ فِي الْيَوْمِ أَكْثَرَ مِنْ سَبْعِينَ مَرَّةً».

"Савганд ба Худо, ки ман ҳар рӯз беш аз ҳафтод бор аз Худо омурзиш талабида, ба даргоҳи Ӯ тавба мекунам."[2]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«يَا أَيُّهَا النَّاسُ تُوبُوا إِلَى اللَّهِ فَإِنِّي أَتُوبُ فِي الْيَوْمِ إِلَيْهِ مِائَةَ مَرَّةٍ».

"Эй мардум! Ба сӯи Худо тавба кунед, зеро ман рӯзе сад маротиба ба даргоҳи Ӯ тавба мекунам."[3]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«مَنْ قَالَ:

---

[1] Ривояти Аҳмад (3/419), рақами (15461), бо санади саҳеҳ, ва Ибни Суннӣ, рақами (637), ва санади онро Арнаут дар тахриҷи Таҳовия (саҳ. 133) саҳеҳ донистааст ва ниг: Маҷмаъуз-завоид (10/127).

[2] Бухорӣ маъа-л-Фатҳ (11/101), рақами (6307).

[3] Муслим (4/2076), рақами (2702).

«Касе, ки бигӯяд:

أَسْتَغْفِرُ اللَّهَ العَظِيمَ الَّذِي لَا إِلَهَ إِلَّا هُوَ الحَيُّ القَيُّومُ وَأَتُوبُ إِلَيهِ،

Аз Худованди бузург талаби мағфират дорам, Худованде, ки Ҳай ва Қайюм аст ва ба суи Ӯ тавба мекунам.

غَفَرَ اللَّهُ لَهُ وَإِنْ كَانَ فَرَّ مِنَ الزَّحْفِ».

"Аллоҳ ӯро меомурзад, агарчи аз майдони ҷанг фирор карда бошад."[1]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«أَقْرَبُ مَا يَكُونُ الرَّبُّ مِنَ العَبْدِ فِي جَوْفِ اللَّيْلِ الآخِرِ فَإِنِ اسْتَطَعْتَ أَنْ تَكُونَ مِمَّنْ يَذْكُرُ اللَّهَ فِي تِلْكَ السَّاعَةِ فَكُنْ».

«Наздиктарин вақте ки Парвардигор ба банда наздик аст, дар охири шаб аст. Агар тавонистӣ дар он вақти шаб аз он касоне бошӣ, ки Худовандро зикр мекунанд, чунон бош.»[2]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

---

[1] Абудовуд (2/85), рақами (1517), Тирмизӣ (5/569), рақами (3577), ва Ҳоким онро саҳеҳ донистааст ва Заҳабӣ бо ӯ мувофиқат кардааст (1/511) ва Албонӣ онро саҳеҳ донистааст, нигаред: «Саҳеҳи Тирмизӣ» (3/182) ва «Ҷомеъ-ул-усул ли аҳодисир-Расул» ﷺ (4/389-390) бо таҳқиқи Арнаут.

[2] Тирмизӣ, рақами (3579), ва Насоӣ (1/279), рақами (572), ва Ҳоким (1/309), ва нигар: «Саҳеҳи Тирмизӣ» (3/183) ва «Ҷомеъ-ул-усул» бо таҳқиқи ал-Арнаут (4/144).

«أَقْرَبُ مَا يَكُونُ العَبْدُ مِنْ رَبِّهِ وَهُوَ سَاجِدٌ فَأَكْثِرُوا الدُّعَاءَ».

«Наздиктарин ҳолате, ки банда ба Парвардигораш аст, ҳолатест, ки ӯ дар саҷда мебошад. Пас дар он бисёр дуо намоед.»[1]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«إِنَّهُ لَيُغَانُ عَلَى قَلْبِي وَإِنِّي لأَسْتَغْفِرُ اللَّهَ فِي اليَوْمِ مِائَةَ مَرَّةٍ».

"Ҳамоно бар дилам дар лаҳзаҳои гирифторӣ аз зикр заъфу сустӣ пайдо мешавад ва ман рӯзе сад бор астағфируллоҳ мегӯям."[2]

## 130. Фазилати тасбеҳ, таҳмид, таҳлил ва такбир

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«مَنْ قَالَ:

«Ҳар ки ин зикр:

سُبْحَانَ اللَّهِ وَبِحَمْدِهِ

---

1 Муслим (1/350), рақами (482).

2 Муслим (4/2075) бо рақами (2702) онро ривоят кардааст. Ибни Асир мегӯяд: «лаюғону ъало қалбӣ», яъне: пӯшонида ва фаро гирифта мешавад ва мурод аз он саҳв аст, зеро Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) пайваста дар ҳоли афзун намудани зикру қурбат ва муроқибати доимӣ буданд, пас ҳар гоҳ дар баъзе вақтҳо чизе аз инҳо саҳв мекарданд ё фаромӯш менамуданд, онро бар худ гунаҳ мешумурданд ва ба сӯи истиғфор мешитофтанд. Нигаред: Ҷомеъ-ул-усул (4/386).

Субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳи

فِي يَوْمٍ مِائَةَ مَرَّةٍ حُطَّتْ خَطَايَاهُ وَلَوْ كَانَتْ مِثْلَ زَبَدِ البَحْرِ».

дар як рӯз сад бор бигӯяд гуноҳонаш агарчи ба андозаи кафки дарё ҳам бошад, омурзида мешавад."[1]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«مَنْ قَالَ:

«Ҳар касе инро:

لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ المُلْكُ، وَلَهُ الحَمْدُ، وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ

"Ҳеҷ маъбуди (ростине) ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад, яктост ва шарике надорад, подшоҳӣ аз они Ӯст ва ҳамду ситоиш аз они Ӯст ва Ӯ ба анҷоми ҳар коре Қодиру Тавоност."

عَشْرَ مِرَارٍ، كَانَ كَمَنْ أَعْتَقَ أَرْبَعَةَ أَنْفُسٍ مِنْ وَلَدِ إِسْمَاعِيلَ».

даҳ бор гӯяд, подошаш монанди касе аст, ки чаҳор нафар (ғулом) аз фарзандони Исмоилро озод кардааст.»[2]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)

---

[1] Бухорӣ (7/168), рақами (6405), Муслим (4/2071), рақами (2691), ва нигаред: Фазилати касе, ки онро ҳангоми субҳ ва шом сад бор мегӯяд (саҳ. 65) аз ин китоб.

[2] Бухорӣ (7/67), рақами (6404), Муслим бо ҳамин лафз (4/2071), рақами (2693) ва нигаред: фазилати касе, ки онро дар як рӯз сад маротиба мегӯяд. Дуои рақами (93) (саҳ. 66) аз ин китоб.

мефармояд:

«كَلِمَتَانِ خَفِيفَتَانِ عَلَى اللِّسَانِ، ثَقِيلَتَانِ فِي المِيزَانِ، حَبِيبَتَانِ إِلَى الرَّحْمَنِ:

"Ду калима аст, ки бар забон сабук буда (ба осонӣ адо мешавад) ва дар (тарозуи аъмол) гарон ва дар назди Раҳмон (Ҷалла Ҷалолуҳу) маҳбуб аст:

سُبْحَانَ اللَّهِ وَبِحَمْدِهِ، سُبْحَانَ اللَّهِ العَظِيمِ».

"Аллоҳро аз ҳар айбу нуқсон пок медонам ва Ӯро бо ҳамду ситоиш ёд мекунам. Аллоҳи Бузургро аз ҳар айбу нуқсон пок медонам."[1]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«لَأَنْ أَقُولَ:

«Ин ки бигӯям:

سُبْحَانَ اللَّهِ، وَالْحَمْدُ لِلَّهِ، وَلَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَاللَّهُ أَكْبَرُ،

Аллоҳ аз ҳар айбу нуқсон пок аст. Ҳамду ситоиш аз они Аллоҳ аст. Ҳеҷ маъбуди барҳақ ҷуз Аллоҳ нест. Аллоҳ бузургтар аст.

أَحَبُّ إِلَيَّ مِمَّا طَلَعَتْ عَلَيْهِ الشَّمْسُ».

барои ман маҳбубтар аз ҳар чизе аст, ки офтоб бар он тулуъ мекунад.»[2]

---

[1] Бухорӣ (7/168), рақами (6404), Муслим (4/2072), рақами (2694).
[2] Муслим (4/2072), рақами (2695).

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«أَيَعْجِزُ أَحَدُكُم أَنْ يَكْسِبَ كُلَّ يَوْمٍ أَلْفَ حَسَنَةٍ»

«Оё яке аз шумо нотавон аст, ки ҳар рӯз ҳазор ҳасана (савоб) ба даст оварад?» Яке аз нишастагон аз Ӯ пурсид: Чӣ гуна яке аз мо ҳазор ҳасана ба даст меорад? Фармуданд:

«يُسَبِّحُ مِائَةَ تَسْبِيحَةٍ، فَيُكتَبُ لَهُ أَلْفُ حَسَنَةٍ أَوْ يُحَطُّ عَنْهُ أَلْفُ خَطِيئَةٍ».

"Сад маротиба тасбеҳ мегӯяд, пас барои ӯ ҳазор ҳасана навишта мешавад ё аз ӯ ҳазор гуноҳ пок карда мешавад.»[1]

«مَنْ قَالَ:

«Касе, ки бигӯяд:

سُبْحَانَ اللَّهِ العَظِيمِ وَبِحَمْدِهِ

Аллоҳи Бузургро аз ҳар айбу нуқсон пок медонам ва Ӯро бо ҳамду ситоиш ёд мекунам.

غُرِسَتْ لَهُ نَخْلَةٌ فِي الجَنَّةِ».

барои ӯ дар биҳишт дарахти хурмое шинонда мешавад.»[2]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)

---

[1] Муслим (4/2073), рақами (2698).

[2] Ривояти Тирмизӣ (5/511), рақами (3464) ва Ҳоким (1/501), ва онро саҳеҳ донистааст ва Заҳабӣ бо ӯ мувофиқат кардааст, ва нигаред: Саҳеҳул-ҷомеъ (5/531) ва Саҳеҳи Тирмизӣ (3/160).

мефармояд:

«يَا عَبْدَ اللَّهِ بْنَ قَيْسٍ أَلَا أَدُلُّكَ عَلَى كَنْزٍ مِنْ كُنُوزِ الْجَنَّةِ؟»

«Эй Абдуллоҳ ибни Қайс, оё туро ба ганҷе аз ганҷҳои биҳишт роҳнамоӣ накунам?» Гуфтам: Оре, эй Расули Худо. Фармуданд:

«قُلْ:

«Бигӯ:

لَا حَوْلَ وَلَا قُوَّةَ إِلَّا بِاللَّهِ».

"Нест тавоноӣ (барои дурӣ аз гуноҳ) ва нест қудрате (барои пойдорӣ дар тоъати Худо) магар бо кумаки Аллоҳ."[1]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«أَحَبُّ الْكَلَامِ إِلَى اللَّهِ أَرْبَعٌ:

"Маҳбубтарин сухан назди Аллоҳ чаҳор чиз аст:

سُبْحَانَ اللَّهِ، وَالْحَمْدُ لِلَّهِ، وَلَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَاللَّهُ أَكْبَرُ،

Аллоҳ аз ҳар айбу нуқсон пок аст. Ҳамду ситоиш аз они Аллоҳ аст. Ҳеҷ маъбуди барҳақ ҷуз Аллоҳ нест. Аллоҳ бузургтар аст.

لَا يَضُرُّكَ بِأَيِّهِنَّ بَدَأْتَ».

---

[1] Бухорӣ бо Фатҳ (11/213), рақами (4206), Муслим (4/ 2076), рақами (2704).

Бароят боке нест, ки бо кадоме аз онҳо оғоз мекунӣ."[1]

Аъробие хидмати Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омада гуфт: Сухане ба ман биёмӯз, то онро бигӯям. Фармуд:

«قُلْ:

«Бигӯ:

لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، اللَّهُ أَكْبَرُ كَبِيرًا، وَالحَمْدُ لِلَّهِ كَثِيرًا، سُبْحَانَ اللَّهِ رَبِّ العَالَمِينَ، لَا حَوْلَ وَلَا قُوَّةَ إِلَّا بِاللَّهِ العَزِيزِ الحَكِيمِ»

«Ҳеҷ маъбуди барҳақ ҷуз Аллоҳи Ягона нест, Ӯро ҳеҷ шарике нест. Аллоҳ бисёр бузург аст. Ҳамду ситоиши бисёр аз они Аллоҳ аст. Аллоҳ, Парвардигори ҷаҳониён, аз ҳар айбу нуқсон пок аст. Ҳеҷ тавон ва ҳеҷ қуввае нест, магар ба (ёрӣ ва қудрати) Аллоҳи Азизу Ҳаким.»

Гуфт: Инҳо барои Парвардигори ман аст, пас барои ман чист? Гуфт:

«قُلْ:

«Бигӯ:

اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي، وَارْحَمْنِي، وَاهْدِنِي، وَارْزُقْنِي».

"Худоё! Маро биёмурз, бар ман раҳм намо,

[1] Муслим (3/1685), рақами (2137).

маро ҳидоят кун ва ба ман рӯзӣ ато фармо."[1]

Чун марде мусалмон мешуд, Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) барояш намозро омӯзонда ва сипас амраш менамуд, ки бо ин суханҳо дуо кунад:

«اللَّهُمَّ اغْفِرِ لِي، وَارْحَمْنِي، وَاهْدِنِي، وَعَافِنِي وَارْزُقْنِي».

"Аллоҳумма иғфир лӣ, варҳамнӣ, ваҳдинӣ, ва ъофинӣ варзуқнӣ."[2]

«إِنَّ أَفْضَلَ الدُّعَاءِ

"Ҳамоно беҳтарин дуо

الحَمْدُ لِلَّهِ،

Ҳамд ва шукр барои Аллоҳ аст.

وَأَفْضَلَ الذِّكْرِ

Ва беҳтарин зикр

لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ».

«Ло илоҳа иллалоҳ» аст. Тарҷума: "Нест Худои барҳақ магар Аллоҳ."[3]

---

1 Ривояти Муслим (4/ 2072), рақами (2696) ва Абудовуд (1/ 220), рақами (832) илова кардааст: Пас чун аъробӣ баргашт, Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: «Ба таҳқиқ, дасти худро аз хайр пур кард.»

2 Ривояти Муслим (4/ 2073), рақами (3697) ва дар ривояте аз ӯ низ омадааст: «Зеро инҳо дунёву охирататро барои ту ҷамъ мекунанд.»

3 Тирмизӣ (5/462), рақами (3383), ва Ибни Моҷаҳ (2/1249), рақами (3800), ва Ҳоким (1/503), ва онро саҳеҳ донистааст ва Заҳабӣ бо ӯ мувофиқат кардааст, ва ниг: Саҳеҳул-ҷомеъ (1/362).

«البَاقِيَاتُ الصَّالِحَاتُ:

«Некиҳои доимӣ:

سُبْحَانَ اللَّهِ، وَالحَمْدُ لِلَّهِ، وَلَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَاللَّهُ أَكْبَرُ، وَلَا حَوْلَ وَلَا قُوَّةَ إِلَّا بِاللَّهِ».

"Аллоҳ аз ҳар айбу нуқсон пок аст. Ҳамду ситоиш аз они Аллоҳ аст. Ҳеҷ маъбуди барҳақ ҷуз Аллоҳ нест. Аллоҳ бузургтар аст. Ва ҳеҷ тавон ва ҳеҷ қуввае нест, магар ба (ёрӣ ва қудрати) Аллоҳ."[1]

## 131. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) чӣ гуна тасбеҳ мегуфтанд?

Аз Абдуллоҳ ибни Амр (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки гуфт:

«رَأَيْتُ النَّبِيَّ ﷺ يَعْقِدُ التَّسْبِيحَ» وفي زيادةٍ: «بِيَمِينِهِ».

"Паёмбар (саллалоҳу алайҳи ва саллам)-ро дидам, ки тасбеҳ мешумурданд." ва дар ривояте илова шудааст: "бо дасти росташон."[2]

## 132. Аз анвои хайр ва одоби ҷомеъ

Паёмбар (саллалоҳу алайҳи ва саллам)

[1] Ривояти Аҳмад, рақами (513) бо тартиби Аҳмад Шокир, ва нигаред ба Маҷмаъ-уз-завоид (1/297), ва Ибни Ҳаҷар дар Булуғ-ул-маром онро аз ривояти Абусаъид ба Насоӣ [дар китоби Кубро], рақами (10617) нисбат додааст ва гуфтааст: Ибни Ҳиббон, рақами (840) ва Ҳоким (1/541) онро саҳеҳ гуфтаанд.

[2] Ривояти Абудовуд бо лафзаш (2/81), рақами (1502), Тирмизӣ (5/521), рақами (3486), ва нигаред: Саҳеҳул-ҷомеъ (4/271), рақами (4865), Албонӣ дар Саҳеҳи сунани Абудовуд (1/411) саҳеҳаш гуфтааст.

фармуданд:

«إِذَا كَانَ جُنْحُ اللَّيْلِ – أَوْ أَمْسَيْتُمْ – فَكُفُّوا صِبْيَانَكُمْ، فَإِنَّ الشَّيَاطِينَ تَنْتَشِرُ حِينَئِذٍ، فَإِذَا ذَهَبَ سَاعَةٌ مِنَ اللَّيْلِ فَخَلُّوهُمْ، وَأَغْلِقُوا الأَبْوَابَ وَاذْكُرُوا اسْمَ اللَّهِ؛ فَإِنَّ الشَّيْطَانَ لَا يَفْتَحُ بَابًا مُغلَقًا، وَأَوْكُوا قِرَبَكُمْ، وَاذْكُرُوا اسْمَ اللَّهِ، وَخَمِّرُوا آنِيَتَكُمْ، وَاذْكُرُوا اسْمَ اللَّهِ، وَلَوْ أَنْ تَعْرُضُوا عَلَيْهَا شَيْئًا، وَأَطْفِئُوا مَصَابِيحَكُمْ».

«Чун торикии шаб фаро расад – ё шом кардед – кӯдаконатонро боздоред (ба берун рафтан нагузоред), зеро шайтонҳо дар ин ҳангом пахн мешаванд. Пас чун соате аз шаб гузашт, онҳоро раҳо кунед ва дарвозаҳоро баста кунед ва исми Худоро ёд кунед, зеро шайтон дарвозаи бастаро боз намекунад ва даҳани машкҳои обро бибандед ва исми Худоро ёд кунед ва сари зарфҳоятонро бипӯшед ва исми Худоро ёд кунед, агарчи чизе бар он бигзоред ва чароғҳоятонро хомӯш намоед.»[1]

Ва саллаллоҳу ва саллама ва борака ъало набийино Муҳаммадин ва ъало олиҳи ва асҳобиҳи аҷмаъин.

❋❋❋

[1] Бухорӣ бо Фатҳ (10/ 88), рақами (5623), Муслим (3/ 1595), рақами (2012).

# Феҳраст

Сипари мусалмон аз зикрҳои Китобу Суннат....2
Муқаддима ....2
Фазилати зикр ....4
1. Зикрҳои бедор шудан аз хоб ....9
2. Дуои пӯшидани либос ....14
3. Дуои пӯшидани либоси нав ....14
4. Дуо барои касе, ки либоси нав пӯшидааст ....15
5. Ҳангоми либос кашидан чӣ мегӯяд? ....15
6. Дуои даромадан ба ҳоҷатхона ....15
7. Дуои баромадан аз ҳоҷатхона ....16
8. Зикри пеш аз вузӯ ....16
9. Зикри баъд аз вузӯ ....16
10. Зикри ҳангоми баромадан аз хона ....17
11. Зикри ворид шудан ба хона ....18
12. Дуои рафтан ба масҷид ....18
13. Дуои даромадан ба масҷид ....19
14. Дуои баромадан аз масҷид ....20
15. Зикрҳои азон ....21
16. Дуои истифтоҳ ....22
17. Дуои рукуъ ....27
18. Дуои бархостан аз рукуъ ....28
19. Дуои саҷда ....29
20. Дуои нишасти байни ду саҷда ....31
21. Дуои саҷдаи тиловат ....32
22. Ташаҳҳуд ....32

23. Салавот фиристодан бар Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баъд аз ташаҳҳуд ....................................................33
24. Дуои баъд аз ташаҳҳуди охир пеш аз салом..........................................................34
25. Зикрҳо ва дуоҳои баъд аз намоз ..............38
26. Дуои намози истихора ...........................43
27. Зикрҳои субҳу шом ..................................45
28. Зикрҳои хоб..............................................60
29. Дуо ҳангоми ба паҳлу гаштан дар шаб. ..68
30. Дуои тарс дар хоб ва касе, ки ба ваҳшат гирифтор шудааст.........................................69
31. Касе, ки хоб бубинад, чӣ кор кунад .........69
32. Дуои қунути витр.....................................70
33. Зикри баъди намози витр ........................72
34. Дуои ғаму андуҳ ......................................72
35. Дуои сахтӣ ва гирифторӣ .........................73
36. Дуои рӯ ба рӯ шудан бо душман ва соҳибқудрат. ..........................................74
37. Дуои касе, ки аз зулми султон метарсад 75
38. Дуо бар зидди душман. ...........................77
39. Шахсе аз қавме битарсад, ин дуоро мегӯяд: ...................................................77
40. Дуои касе, ки дар имон ба васваса гирифтор шудааст ....................................77
41. Дуо барои адои қарз ...............................78
42. Дуои васваса дар намоз ва қироат...........78
43. Дуои касе, ки коре бар ӯ мушкил шавад. 79

44. Дуо барои шахсе, ки муртакиби гуноҳе мешавад ....................................79
45. Дуои рондани шайтон ва васвасаҳои ӯ. ..79
46. Дуои ҳангоми рух додани чизи нохушоянд ё мағлуб шудан дар кораш.........81
47. Табрик кардани касе, ки соҳиби фарзанд шудааст ва посухи ӯ. ....................................81
48. Дуое, ки бо он фарзандонро паноҳ медиҳанд.......................................................82
49. Дуо барои бемор ҳангоми аёдати ӯ .........82
50. Фазилати аёдати бемор ............................83
51. Дуои беморе, ки аз ҳаёти худ ноумед шудааст. ........................................................84
52. Талқини шахсе, ки дар ҳолати марг аст .85
53. Дуои касе, ки ба мусибате гирифтор шудааст. ........................................................85
54. Дуо ҳангоми пӯшидани чашми майит ....86
55. Дуо барои майит дар намози ҷаноза.......86
56. Дуо ҳангоми хондани ҷанозаи тифл .......88
57. Дуои таъзия ................................................90
58. Дуо ҳангоми даровардани майит ба қабр ........................................................................90
59. Дуо баъди дафни майит...........................91
60. Дуои зиёрати қабрҳо ................................91
61. Дуои вазидани бод....................................91
62. Дуои раъд ..................................................92
63. Аз дуоҳои талаби борон...........................92
64. Дуои вақти дидани борон ........................93

65. Зикри баъд аз борон боридан .................93
66. Аз дуоҳои талаби қатъи борон ва соф шудани осмон ........................................94
67. Дуои дидани моҳтоб.................................94
68. Дуои рӯзадор ҳангоми ифтор ..................94
69. Дуо кардан пеш аз таом. ..........................95
70. Дуо кардан ҳангоми фориғ шудан аз таом. ........................................................................96
71. Дуои меҳмон барои меҳмондор ...............97
72. Ишора кардан бо дуо барои талаби таъом ё нӯшиданӣ.........................................................97
73. Дуо ҳангоме ки назди аҳли хонае ифтор кунад.......................................................................97
74. Дуои рӯзадор ҳангоме ки таом ҳозир мешавад ва ҳоло ифтор накардааст ..............98
75. Он чи рӯзадор мегӯяд, агар касе ӯро дашном диҳад ...............................................98
76. Дуо кардан ҳангоми дидани навбари мева ........................................................................99
77. Дуои атса .....................................................99
78. Он чи ба кофир гуфта мешавад, агар атса зад ва "Алҳамдулиллоҳ" гӯяд.......................100
79. Дуо кардан ба навхонадор......................100
80. Дуои шахси издивоҷкунанда ва ҳангоми харидани чорво..............................................100
81. Дуо кардан пеш аз ҳамхобагӣ бо ҳамсар ......................................................................101
82. Дуои хашму ғазаб .................................101

83. Дуои дидани касе, ки ба мусибате гирифтор шудааст ....................................102
84. Он чи дар ҷамъомад гуфта мешавад .....102
85. Каффораи маҷлис ....................................102
86. Дуо кардан барои касе, ки "Ғафараллоҳу лака" (Аллоҳ туро биёмурзад) мегӯяд. .......103
87. Дуо барои касе, ки ба ту некӣ кард........103
88. Он чи Аллоҳ бо он аз фитнаи Даҷҷол муҳофизат мекунад. ........................................103
89. Дуъо барои касе, ки мегӯяд: Ман туро барои Аллоҳ дӯст медорам. ...........................104
90. Дуо кардан барои касе, ки молашро ба ту пешниҳод мекунад...........................................104
91. Дуо барои қарздиҳанда ҳангоми адои қарз. .....................................................................105
92. Дуъои хавф аз ширк ...............................105
93. Дуо кардан барои касе, ки "Боракаллоҳу фика" (Баракати Худованд дар ту бод) мегӯяд.......................................................................105
94. Дуои кароҳияти фоли бад .......................106
95. Дуои савор шудан ба василаи нақл .......106
96. Дуои сафар..................................................107
97. Дуои даромадан ба деҳа ё шаҳр ............108
98. Дуои даромадан ба бозор ........................109
99. Дуои лағжиши маркаб ...........................109
100. Дуои мусофир барои муқим..................110
101. Дуои муқим барои мусофир ................110

102. Такбир ва тасбеҳ гуфтан дар рафти сафар........................................................110
103. Дуои мусофир ҳангоми саҳар ..............111
104. Дуо ҳангоми фаромадан ба манзиле дар сафар ва ё ғайри он. ...................................111
105. Зикри баргаштан аз сафар ....................112
106. Дуое, ки шахс вақти дидани чизи хушҳолкунанда ё ғамгинкунанда мегӯяд: .112
107. Фазилати салавот фиристодан бар Паёмбар (саллалоҳу алайҳи ва саллам). .....113
108. Паҳн кардани салом ..............................115
109. Чӣ гуна ба саломи кофир ҷавоб дода мешавад, агар салом гӯяд. ..........................116
110. Дуо ҳангоми шунидани бонги хурӯс ва садои хар. ..................................................116
111. Дуо кардан ҳангоми шунидани аккоси сагҳо дар шаб. ........................................117
112. Дуо барои касе, ки ӯро дашном додаӣ. ..............................................................................117
113. Он чи мусалмон ҳангоми мадҳу ситоиши мусалмон мегӯяд.......................................118
114. Он чи мусалмон ҳангоми ситоиш шудан мегӯяд ..................................................118
115. Тарзи талбия гуфтани шахси муҳрим дар ҳаҷ ва ё умра ........................................119
116. Такбир ҳангоми расидан ба Ҳаҷаруласвад.........................................119

117. Дуо байни рукни ямонӣ ва Ҳаҷаруласвад..........................................120
118. Дуои истодан бар Сафо ва Марва.........120
119. Дуои рӯзи Арафа ....................................121
120. Зикри назди Машъарул-ҳаром.............122
121. Такбир гуфтан ҳангоми санг задани шайтон бо ҳар як сангреза. ...........................122
122. Дуои тааҷҷуб ва кори хурсандибахш ..122
123. Касе, ки ба ӯ кори хушҳолкунандае бирасад, чӣ кор мекунад? ..............................123
124. Зикре, ки шахс ҳангоми эҳсоси дарду нороҳатӣ дар вуҷудаш мегӯяд.....................123
125. Дуъои касе, ки бими он дорад, чизе ба ӯ мерасад...............................................................124
126. Он чи ки дар вақти тарс гуфта мешавад ..........................................................................124
127. Он чи ҳангоми забҳ ё наҳр гуфта мешавад ...................................................................125
128. Он чи барои дафъи макри шайтонҳои саркаш гуфта мешавад..................................125
129. Истиғфор ва тавба ..................................126
130. Фазилати тасбеҳ, таҳмид, таҳлил ва такбир ....................................................................128
131. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) чӣ гуна тасбеҳ мегуфтанд?..........................135
132. Аз анвои хайр ва одоби ҷомеъ .............135

tg24v5.0 - 08/09/2026

رئاسة الشؤون الدينية بالمسجد الحرام والمسجد النبوي

رسالة الحرمين

# Паёми ҳарамайн

Муҳтавои роҳнамоии шаръӣ
барои зиёраткунандагони Масҷидулҳаром
ва Масҷиди Набавӣ ба забонҳои гуногун